ISSN 2075 – 9584

**МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

ТОҶИКИСТОН
ВА ҶАҲОНИ ИМРӮЗ

**ЦЕНТР СТРАТЕГИЧЕСКИХ ИССЛЕДОВАНИЙ
ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

ТАДЖИКИСТАН
И СОВРЕМЕННЫЙ МИР

**CENTER FOR STRATEGIC RESEARCH UNDER THE
PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

TAJIKISTAN
AND CONTEMPORARY WORLD

№1 (77) 2022

Душанбе – 2022

Муассис: Маркази тадқиқоти стратегии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2003 таъсис ёфтааст. Дар як сол чор шумора нашр мешавад.

Учредитель: Центр стратегических исследований
при Президенте Республики Таджикистан
Журнал основан в 2003 году. Периодичность издания – 4 раза в год.

Founder: Center for Strategic Research under the
President of the Republic of Tajikistan
The journal was founded in 2003. The journal is published four times per year.

Главный редактор:
Усмонзода Х.У. *доктор философских наук, профессор,*
член корреспондент НАНТ

Редколлегия:
П.А. Мухаммадзода, *доктор политических наук.*
К. Олимов*, доктор философских наук, академик НАНТ.*
Ш. Рахимзода, *доктор экономических наук.*
А. Курбонов, *доктор философских наук.*
А.Б. Мирсаидов, *доктор экономических наук, профессор.*
Дж. С. Пирзода*, доктор экономических наук, профессор.*
Л.Саидмурадов, *доктор экономических наук, профессор, чл.корр. НАНТ.*
Р.Р. Кудратов, *доктор экономических наук, профессор.*
К.К. Давлатзода, *доктор экономических наук, профессор.*
К. Миралиён *доктор политических наук.*
Н.О. Шарифовна, *кандидат философских наук.*
З. Давлатов *(ответственный секретарь),*

Перевод и редактура таджикских, русских и английских текстов
Давлатов Зубайдулло, Сатторов Киёмуддин, Мансур Суруш, Давлатов Умед, Махмадсаидзода А.М.

Технический редактор:
Олимзода Валиджон

Маҷаллаи ***"Тоҷикистон ва ҷаҳони мирӯз"*** *ба феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 марти соли 2020 таҳти №96 ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илмӣ Федерасияи Руссия ворид карда шудааст. Инчунин, маҷалла дар индекси иқтибосҳои илмии Россия (РИНЦ) пайваста ворид карда мешавад. Маҷаллаи мазкур дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 135/МҶ - 97 аз 24 июли соли 2019 ба қайд гирифта шудааст..*

Журнал ***«Таджикистан и современный мир»*** *включен в перечень ведущих рецензируемых журналов и изданий Высшей Аттестационной Комиссии при Президенте Республики Таджикистан от 19 марта 2020 года за №96 и Высшей Аттестационной Комиссии (ВАК) Министерства образования и науки Российской Федерации. А также журнал входит в индекс рецензируемых научных журналов России (РИНЦ). Зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство о регистрации (№ 135/МҶ - 97 от 24 июля 2019 года).*

Подписной индекс журнала: 77968
Адрес редакции: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 89.
Тел: (992 37) 221-11-00, 221-16-36; e-mail: info@mts.tj

МУНДАРИҶА

СИЁСАТШИНОСӢ

ТАДБИРҲОИ РАФЪИ ШАРОИТЕ, КИ БА ПАҲНШАВИИ ТЕРРОРИЗМ МУСОИДАТ МЕКУНАД: НИГОҲЕ АЗ ТОҶИКИСТОН
МУҲАММАДЗОДА ПАРВИЗ АБДУРАҲМОН.....12

ТАҲАВУЛЛОТИ ИДЕОЛОГӢ ВА ДИГАРГУНИҲОИ СИЁСӢ: МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТИ ОНҲО ДАР ҶОМЕА
ХИДИРЗОДА МАХФИРАТ УМАР.....21

АФКОРИ СИЁСИИ МУТАФАККИРОНИ ШАРҚУ ҒАРБ ОИД БА ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ КАДРӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ РУШДИ МИНБАЪДАИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ
МИРЗОЗОДА ИБРОҲИМ ХОЛМУРОД.....32

МИЁНАРАВӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ҲАЛЛИ НИЗОЪҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР РАВАНДИ ГУФТУШУНИД
ЗАҲИДОВ ОЧИЛ ХОҶИБАЕВИЧ,
САРКОРБОБОЕВА МУНЗИФА МУМИНҶОНОВНА.....43

ИҚТИДОРИ ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МУБОРИЗА БА ЭКТРЕМИЗМИ ХУШУНАТОМЕЗ
ДОДИХУДОЕВ ХУРШЕД АЗАМҶОНОВИЧ.....55

МУҲИММИЯТ ВА ЗАРУРАТИ РАМЗҲОИ СИЁСӢ ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ
МУҲАММАД САЪДӢ АБДУРАҲМОН.....66

ДИПЛОМАТИЯИ ИТТИЛООТӢ ВА МАСОИЛИ ҲИФЗИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ ДАР ШАРОИТИ НАВИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ
АБДУҶАББОРОВ МАЪРУФҶОН АБДУАЗИЗОВИЧ.....74

МАСОИЛИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚУ МАНФИАТҲОИ ЗАНОНИ МАЪЮБ ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (ТАҲЛИЛИ СИЁСӢ-ҲУҚУҚӢ)
ИДИЗОДА ЗАРИНА ФУЗАЙЛШО.....90

ИҚТИСОДИЁТ

ИНКИШОФИ ШАКЛИ АЛТЕРНАТИВИИ ШУГЛИ АҲОЛӢ ХАМЧУНИН БОЗОРИ МАВАЛЛИИ МЕХНАТ
ҶУРАХОНЗОДА САОДАТИ ХУРСАНД,
АЗИМОВА МАДИНА ТУРДИЕВА.....96

ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОНИ ИМРӮЗ

ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИР ВА ТАМОЮЛҲОИ ДАСТГИРИИ МОДДИЮ ТЕХНИКӢ БАРОИ РУШДИ СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН
ДАВЛАТОВ УМЕД АБДУЛАЛИЕВИЧ,
НАҶМУДИНОВ МАНУЧЕҲР САФАРАЛИЕВИЧ.....105

САМАРАНОКИИ БАРНОМАҲОИ ҲАМГИРОӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ҲАВАСМАНДИИ ҶАРАЁНҲОИ ҲАМГИРОӢ ДАР ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ
УСМАНОВА ТУФА ҶУМЪАЕВНА,
САДРИДДИНОВ МАНУЧЕҲР ИСЛОМИДДИНОВИЧ,.....118

БАҲИСОБГИРӢ ВА КАЛКУЛЯТСИЯИ АРЗИШИ АСЛИИ МАҲСУЛОТИ ПАРАНДАПАРВАРӢ
АБДУЛМУМИНЗОДА НАСИМҶОН АБДУЛМУМИН,
МАНУЧЕҲРИ НОЗИМИИ РАҶАБЗОДА.....130

РУШДИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДИИ МАМЛАКАТҲОИ ИТТИҲОДИЯИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ ДАР ДОИРАИ ИТТИҲОДИЯИ ИҚТИСОДИИ АВРУОСИЁ
РАҶАБОВ РАҶАБ КӮЧАКОВИЧ,
НУРМАҲМАДОВ ЗАМИР МИРМАҲМАДОВИЧ.....150

МАВҚЕЪ ВА НАҚШИ САВДОИ ЧАКАНА ВА ЯКЛУХТ ДАР РУШДИ БОЗОРИ ИСТЕЪМОЛӢ
ФАКЕРОВ ХАМИДУЛЛОХОН НУРИДДИНОВИЧ,
ЗУБАЙДОВ САИДАҲМАД.....160

ТАҲИЛУ АРЗЁБИИ САТҲИ ИСТИФОДАИ МАШРУБОТИ СПИРТӢ, ТАМОКУ ВА ДАСТРАСИИ АҲОЛӢ БА ҒИЗОИ СОЛИМ
ОДИНАЕВ АМИН ИБРОҲИМОВИЧ.....172

ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ РУШДИ САНОАТИ САБУК
СОДИҚОВА АНИСА ФАРҲОДОВНА,
МАҲКАМОВ БАҲОДУР БУРҲОНОВИЧ.....185

ПОЯҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ РУШДИ НАМУДҲОИ ГУНОГУНИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМХУРИИ ТОҶИКИСТОН
КУЧКОРОВ ИКРОМ ИЛХОМҶОНОВИЧ.....195

ҶОМЕАШИНОСӢ

СИЁСАТИ ИҶТИМОӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ ТАЪМИНИ АДОЛАТИ ИҶТИМОӢ ДАР МАМЛАКАТҲОИ РӮ БА ИНКИШОФ
УСМОНЗОДА ХАЙРИДДИН УСМОН,
НАЗАР МУЪМИН АБДУҶАЛОЛ.....209

ҲИФЗИ ИҚТИДОРИ ЗЕҲНӢ – САМТИ МУҲИММИ АФЗАЛИЯТҲОИ МИЛЛӢ
ҚУРБОНОВ АБДУРАҲМОН ШЕРОВИЧ.....218

ТАҚВИЯТИ МАВҚЕИ ЗАНОН ДАР ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ
НАЗРИЕВА ОЙНИЁЛ ШАРИФОВНА.....230

ТАҲСИЛОТИ ИНКЛЮЗИВӢ ВА АМАЛӢ НАМУДАНИ ОН ДАР ҶАРАЁНИ КОРИ МАРКАЗҲОИ РУШДИ БАРВАҚТИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТО МАКТАБӢ
АҲМАДБЕКОВА АЪЛОБОНУ ДОВУТШОЕВНА.....240

НАҚШИ ТАҲСИЛОТ ДАР СТРАТЕГИЯИ ҲАЁТИИ ҶАВОНОН (таҳлили сотсиологӣ)
НАЗИРОВА МАРҲАМАТ НАЗАРОВНА.....251
.
МАСОИЛИ РУШДИ БОЗОРИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ ПАНДЕМИЯИ COVID-19
НАСРИДДИНОВ ФИРДАВС ИНОЯТОВИЧ,
МАҲМАДБЕКЗОДА МОЁНШО ШОДМОН,
ВОСИЕВ ФАРИДУН МАХМАДОВИЧ.....261

БАРОБАРҲУҚУҚИИ АҚАЛЛИЯТҲОИ МИЛЛӢ ҲАМЧУН МЕЪЁРИ АДОЛАТИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДИИ ТОҶИКИСТОН
НАЗАР МУЪМИН АБДУҶАЛОЛ.....272

МАВҚЕИ ИНТЕРНЕТ ВА МАРҲИЛАҲОИ РУШДИ ОН:МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО (ДАР МИСОЛИ ТОҶИКИСТОН)
ШАРИПОВА МАНЗУРА САИДЧОЕВНА.....280

СОДЕРЖАНИЕ

ПОЛИТОЛОГИЯ

МЕРЫ ПО УСТРАНЕНИЮ УСЛОВИЙ, СПОСОБСТВУЮЩИХ РАСПОСТРАНЕНИЮ ТЕРРОРИЗМА: ВЗГЛЯД ИЗ ТАДЖИКИСТАНА
МУХАММАДЗОДА ПАРВИЗ АБДУРАХМОН.....12

ИДЕОЛОГИЧЕСКАЯ ЭВОЛЮЦИЯ И ПОЛИТИЧЕСКИЕ ПЕРЕМЕНЫ:ИХ ПРИРОДА И ХАРАКТЕРИСТИКИ В ОБЩЕСТВЕ
ХИДИРЗОДА МАХФИРАТ УМАР.....21

ПОЛИТИЧЕСКИЕ ВОЗЗРЕНИЯ МЫСЛИТЕЛЕЙ ВОСТОКА И ЗАПАДА О ФОРМИРОВАНИИ КАДРОВОЙ ПОЛИТИКИ КАК ПРЕДПОСЫЛКИ РАЗВИТИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ
МИРЗОЗОДА ИБРОХИМ ХОЛМУРОД.....32

ПОСРЕДНИЧЕСТВО И ЕГО РОЛЬ В УРЕГУЛИРОВАНИИ МЕЖДУНАРОДНЫХ КОНФЛИКТОВ В ПРОЦЕССЕ ПЕРЕГОВОРОВ
ЗАХИДОВ ОЧИЛ ХОДЖИБАЕВИЧ,
САРКОРБОБОЕВА МУНЗИФА МУМИНДЖОНОВНА.....43

ПОТЕНЦИАЛ СРЕДСТВ МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ПРОТИВОДЕЙСТВИИ НАСИЛЬСТВЕННОМУ ЭКСТРЕМИЗМУ
ДОДИХУДОЕВ ХУРШЕД АЗАМДЖОНОВИЧ.....55

ВАЖНОСТЬ И НЕОБХОДИМОСТЬ ПОЛИТИЧЕСКИХ СИМВОЛОВ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ
МУХАММАД САЪДИ АБДУРАХМОН.....66

ИНФОРМАЦИОННАЯ ДИПЛОМАТИЯ И ВОПРОСЫ ЗАЩИТЫ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В НОВЫХ УСЛОВИЯХ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ
АБДУДЖАББОРОВ МАЪРУФДЖОН АБДУАЗИЗОВИЧ.....74

ВОПРОСЫ ЗАЩИТЫ ПРАВ И ИНТЕРЕСОВ ЖЕНЩИН-ИНВАЛИДОВ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН (ПОЛИТИКО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ)
ИДИЗОДА ЗАРИНА ФУЗАЙЛШО.....90

ЭКОНОМИКА

РАЗВИТИЕ АЛЬТЕРНАТИВНЫХ ФОРМ ЗАНЯТОСТИ, КАК ПАРАЛЛЕЛЬНОГО РЫНКА ТРУДА
ДЖУРАХОНЗОДА САОДАТ,
АЗИМОВА МАДИНА ТУРДЫЕВНА.....96

АНАЛИЗ СОВРЕМЕННОГО СОСТОЯНИЯ И ТЕНДЕНЦИИ МАТЕРИАЛЬНО-ТЕХНИЧЕСКОЙ ПОДДЕРЖКИ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ
ДАВЛАТОВ УМЕД АБДУЛАЛИЕВИЧ,
НАЖМУДИНОВ МАНУЧЕХР САФАРАЛИЕВИЧ.....105

ЭФФЕКТИВНОСТЬ ИНТЕГРАЦИОННЫХ ПРОГРАММ КАК ФАКТОР СТИМУЛИРОВАНИЯ ИНТЕГРАЦИОННЫХ ПРОЦЕССОВ В СТРАНАХ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ
УСМАНОВА ТУФА ДЖУМАЕВНА,
САДРИДДИНОВ МАНУЧЕХР ИСЛОМИДДИНОВИЧ.....118

БУХГАЛТЕРСКИЙ УЧЕТ И КАЛЬКУЛИРОВАНИЯ СЕБЕСТОИМОСТИ ПРОДУКЦИИ ПТИЦЕВОДСТВА
АБДУЛМУМИНЗОДА НАСИМДЖОН АБДУЛМУМИН,
МАНУЧЕХР НОЗИМИ РАДЖАБЗОДА.....130

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ИНТЕГРАЦИИ СТРАН СОДРУЖЕСТВА НЕЗАВИСИМЫХ ГОСУДАРСТВ В УСЛОВИЯХ ЕАЭС
РАДЖАБОВ РАДЖАБ КУЧАКОВИЧ,
НУРМАХМАДОВ ЗАМИР МИРМАХМАДОВИЧ.....150

МЕСТО И РОЛЬ РОЗНИЧНОЙ И ОПТОВОЙ ТОРГОВЛИ В РАЗВИТИИ ПОТРЕБИТЕЛЬСКОГО РЫНКА
ФАКЕРОВ ХАМИДУЛЛОХОН НУРИДДИНОВИЧ,
ЗУБАЙДОВ САИДАХМАД.....160

АНАЛИЗ И ОЦЕНКА УРОВНЯ УПОТРЕБЛЕНИЯ АЛКОГОЛЯ, ТАБАКА И ДОСТУПА НАСЕЛЕНИЯ К ЗДОРОВОМУ ПИТАНИЮ
ОДИНАЕВ АМИН ИБРАГИМОВИЧ.....172

ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ РАЗВИТИЯ ЛЕГКОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ
САДЫКОВА АНИСА ФАРХОДОВНА,
МАХКАМОВ БАХОДУР БУРХАНОВИЧ.....185

ИНСТИТУТСИОНАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ РАЗНЫХ ВИДОВ ТУРИЗМА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН
КУЧКОРОВ ИКРОМ ИЛЬХОМЖОНОВИЧ.....195

СОЦИОЛОГИЯ

СОЦИАЛЬНАЯ ПОЛИТИКА И ВОПРОСЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ СОЦИАЛЬНОЙ СПРАВЕДЛИВОСТИ В РАЗВИВАЮЩИХСЯ СТРАНАХ
УСМОНЗОДА ХАЙРИДДИН УСМОН
НАЗАР МУЪМИН АБДУДЖАЛОЛ.....209

ЗАЩИТА ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОГО ПОТЕНЦИАЛА – ВАЖНЫЙ АСПЕКТ НАЦИОНАЛЬНЫХ ПРИОРИТЕТОВ
КУРБОНОВ АБДУРАХМОН ШЕРОВИЧ.....218

УКРЕПЛЕНИЕ ПОЛОЖЕНИЯ ЖЕНЩИН В СОЦИАЛЬНОЙ ЖИЗНИ
НАЗРИЕВА ОЙНИЁЛ ШАРИФОВНА.....230

ИНКЛЮЗИВНОЕ ОБРАЗОВАНИЕ И РЕАЛИЗАЦИЯ ЕГО ОСНОВ В ПРОЦЕССРАБОТЫ ЦЕНТРОВ РАЗВИТИЯ ДЕТЕЙ ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА
АХМАДБЕКОВА АЪЛОБОНУ ДОВУТШОЕВНА.....240

РОЛЬ ОБРАЗОВАНИЯ В ЖИЗНЕННЫХСТРАТЕГИЯХ МОЛОДЕЖИ (социологический анализ)
НАЗИРОВА МАРХАМАТ НАЗАРОВНА.....251

ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ РЫНКА ТРУДА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ПЕРИОД ПАНДЕМИИ COVID-19
НАСРИДДИНОВ ФИРДАВС ИНОЯТОВИЧ,
МАХМАДБЕКЗОДА МОЁНШО ШОДМОН,
ВАСИЕВ ФАРИДУН МАХМАДОВИЧ.....261

РАВНОПРАВИЕ НАЦИОНАЛЬНЫХ МЕНЬШИНСТВ КАК НОРМА СОЦИАЛЬНОЙ СПРАВЕДЛИВОСТИ В ГРАЖДАНСКОМ ОБЩЕСТВЕ ТАДЖИКИСТАНА
НАЗАР МУЪМИН АБДУДЖАЛОЛ.....272

ПОЛОЖЕНИЕ ИНТЕРНЕТА И ЭТАПЫ ЕГО РАЗВИТИЕ ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ (НА ПРИМЕРЕ ТАДЖИКИСТАНА)
ШАРИПОВА МАНЗУРА САИДЧОЕВНА.....280

CONTENT

POLITICAL SCIENCE

MEASURES TO ELIMINATES TO ELIMINATE THE CONDITIONS CONDUCIVE TO THE SPREAD OF TERRORISM: A VIEW FROM TAJIKISTAN
MUHAMMADZODA PARVIZ ABDURAHMON.....12

IDEOLOGICAL EVOLUTION AND POLITICAL CHANGES: THEIR NATURE AND CHARACTERISTICS IN SOCIETY
HIDIRZODA MAHFIRAT UMAR.....21

THE POLITICAL DOCTRINE OF THINKERS OF THE EAST AND WEST ON THE FORMATION OF PERSONNEL POLICY AS A PREREQUISITE FOR THE DEVELOPMENT OF PUBLIC ADMINISTRATION
MIRZOZODA IBROHIM KHOLMUROD.....32

MEDIATION AND ITS ROLE IN INTERNATIONAL CONFLICTS REGULATION IN NEGOTIATIONS
ZAHIDOV OCHIL KHODJIBAYEVICH,
SARKORBOBOEVA MUNZIFA MUMINJONOVNA.....43

THE POTENTIAL OF THE MASS MEDIA OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN COUNTERING VIOLENT EXTREMISM
DODIKHUDOEV KHURSHED AZAMJONOVICH.....55

THE IMPORTANCE AND NECESSITY OF POLITICAL SYMBOLS DURING THE INDEPENDENCE
MUHAMMAD SADI ABDURAHMON.....66

INFORMATION DIPLOMACY AND ISSUES INFORMATION SECURITY PROTECTION IN THE NEW CONDITIONS OF INTERNATIONAL RELATIONS
ABDUJABBOROV MARUFJON.....74

PROTECTION OF THE RIGHTS AND INTERESTS OF WOMEN WITH DISABILITIES IN THE CURRENT CONDITIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN (POLITICAL AND LEGAL ANALYSIS)
IDIZODA ZARINA FUZAILSHO.....90

ECONOMY

DEVELOPMENT OF ALTERNATIVE FORMS OF EMPLOYMENT AS A PARALLEL LABOR MARKET
JURAHONZODA SAODATI HURSAND,
AZIMOVA MADINA TURDIEVA.....96

ANALYSIS OF THE CURRENT STATE AND TRENDS OF LOGISTICAL SUPPORT FOR THE DEVELOPMENT OF AGRICULTURE OF THE KHATLON REGION
DAVLATOV UMED ABDULALIEVICH,
NAJMUDINOV MANUCHEHR SAFARALIEVICH.....105

THE EFFECTIVENESS OF INTEGRATION PROGRAMS AS A FACTOR OF STIMULATING INTEGRATION PROCESSES IN CENTRAL ASIAN COUNTRIES
USMANOVA TUFA JUMAEVNA,
SADRIDDINOV MANUCHEHR ISLOMIDDINOVICH.....118

ACCOUNTING AND COSTING OF POULTRY FARMING PRODUCTS ABDULMUMINZODA NASIMDZHON ABDULMUMINOVICH
MANUCHEHR NOZIMI RAJABZODA.....130

IMPROVING THE ECONOMIC INTEGRATION OF THE COUNTRIES OF THE COMMONWEALTH OF INDEPENDENT STATES IN THE CONDITIONS OF THE EAEU
RAJABOV RAJAB KUCHAKOVICH,
NURMAKHMADOV ZAMIR MIRMAKHMADOVICH.....150

PLACE AND ROLE OF RETAIL AND WHOLESALE TRADE IN THE DEVELOPMENT OF THE CONSUMER MARKET
FAKEROV KHAMIDULLOKHON NURIDDINOVICH,
ZUBAIDOV SAIDAHMAD.....160

ANALYSIS AND ASSESSMENT OF THE LEVEL OF ALCOHOL, TOBACCO USE AND ACCESS OF THE POPULATION TO HEALTHY NUTRITION
ODINAEV AMIN IBRAGIMOVICH.....172

FOREIGN EXPERIENCE OF LIGHT INDUSTRY DEVELOPMENT
SODIQOVA ANISA FARHODOVNA,
MAKHKAMOV BAKHODUR BURKHANOVICH.....185

INSTITUTIONAL FRAMEWORK FOR DEVELOPMENT OF DIFFERENT TYPES OF TOURISM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN
KUCHKOROV IKROM ILKHOMJONOVICH.....195

SOCIOLOGY

SOCIAL POLICY AND ISSUES OF SOCIAL JUSTICE IN DEVELOPING COUNTRIES
USMONZODA HAYRIDDIN USMON,
NAZAR MUMIN ABDUJALOL.....209

PROTECTION OF INTELLECTUAL POTENTIAL IS AN IMPORTANT ASPECT OF NATIONAL PRIORITIES
KURBONOV ABDURAKHMON SHEROVYCH.....218

STRENGTHENING OF THE WOMEN POSITION IN SOCIAL LIFE
NAZRIEVA OYNIYOL SHARIFOVNA.....230

INCLUSIVE EDUCATION AND ITS IMPLEMENTATION IN THE PROCESS OF WORK OF EARLY PRESCHOOL CHILDREN'S DEVELOPMENT CENTERS
AHMADBEKOVA ALOBONU DOVUTSHOEVNA.....240

THE ROLE OF EDUCATION IN LIVINGYOUTH STRATEGIES (sociological analysis)
NAZIROVA MARHAMAT NAZAROVNA.....251

PROBLEMS OF LABOR MARKET DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN DURING THE COVID-19 PANDEMIC
NASRIDDINOV FIRDAVS INOYTOVICH,
MAHMADBEKZODA MOYONSHO SHODMON,
VASIEV FARIDUN MAKHMADOVICH.....261

EQUALITY OF NATIONAL MINORITIES AS A NORM OF SOCIAL JUSTICE IN CIVIL SOCIETY OF TAJIKISTAN
NAZAR MUMIN ABDUJALOL.....272

THE POSITION OF THE INTERNET AND THE STAGES OF ITS DEVELOPMENT. CHALLENGES AND PROSPECTS, (ON THE EXAMPLE OF TAJIKISTAN)
SHARIPOVA MANZURA SAIDCHOEVNA.....280

УДК: 32.019.51

МЕРЫ ПО УСТРАНЕНИЮ УСЛОВИЙ, СПОСОБСТВУЮЩИХ РАСПОСТРАНЕНИЮ ТЕРРОРИЗМА: ВЗГЛЯД ИЗ ТАДЖИКИСТАНА

МУХАММАДЗОДА ПАРВИЗ АБДУРАХМОН,
доктор политических наук, заместитель директора Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г Душанбе, проспект Рудаки, 89;
Тел.: 992-372-27-86-96; e-mail: mts-05022019@mail.ru

В данной статье анализируются меры по устранению условий, способствующих распространению терроризма в современном обществе. Рассматривая роль Таджикистана в противодействии данной угрозе, автор констатирует, что для Республики Таджикистан сама проблема противодействия насильственному экстремизму и международному терроризму очень актуальна с первых дней государственной независимости.

В статье отмечается, что осознавая весь масштаб угрозы, исходящей от насильственного экстремизма и международного терроризма, Республика Таджикистан принимает самое активное участие в противодействии данной угрозе. В частности, государством начиная с 2016 года по сей день реализуется национальная стратегия по противодействию экстремизму и терроризму, а также проведены международные конференции высокого уровня по данной проблематике.

В рамках данной статьи рассматриваются социальные факторы, которые непосредственно влияют на проявление роста экстремизма, а также определены основные меры по устранению условий, способствующих распространению терроризма в современном обществе.

По мнению автора, за 10 лет со дня принятия Совместного плана действий по реализации Глобальной контртеррористической стратегии ООН в Центральной Азии, государства региона продемонстрировали всему мировому сообществу уникальную модель регионального сотрудничества в плане единства взглядов и подходов в решении данной проблемы. Тем не менее, автор приходит к выводу, что до окончательной победы над этими деструктивными явлениями нам предстоит пройти еще большой путь и только совместными усилиями мы можем достигнуть нужного результата.

Кроме того, автор уверен, что предложенные в рамках данной статьи меры направлены на эффективное устранение условий, способствую-

щих распространению терроризма. Безусловно, эти меры требуют скоординированной, согласованной и единой политики для обеспечения общерегиональной безопасности.

Ключевые слова: *Таджикистан, Душанбинский процесс, ООН, терроризм, насильственный экстремизм, кибертерроризм, информационно-психологическая борьба, национальная стратегия, глобальная контртеррористическая стратегия, социальные группы, гражданское общество, превентивные меры, национальная безопасность, региональная безопасность.*

Необходимо констатировать, что международные отношения постоянно проверяются на прочность. Сама проблема обеспечения региональной и международной безопасности сегодня, безусловно, стоит на повестке дня под номером один.

В настоящее время, в контексте противодействия угрозе экстремизма и терроризма, на наш взгляд очень актуальным выглядит сам обмен опытом, непрерывный диалог и международное сотрудничество, как на экспертно-аналитическом уровне, так и в рамках представителей официальных государственных лиц.

Отрадно отметить, что к настоящему дню мы подошли с определёнными достижениями в этой области. Как всем известно, в прошедшем 2021 годом исполнилось 15 лет со дня принятия Глобальной контртеррористической стратегии Организации Объединенных Наций и 10 лет со дня принятия Совместного плана действий по реализации Стратегии в Центральной Азии.

Так, 8 декабря 2021 года в городе Душанбе состоялась 11-я ежегодная встреча заместителей министров иностранных дел стран Центральной Азии, в рамках которой были обсуждены проблемы международного терроризма и экстремизма, радикализации, организованной преступности и незаконного оборота наркотических средств, а также социально-экономические проблемы, и состоялся обмен взглядами относительно перспектив развития регионального сотрудничества в Центральной Азии. Важным явилось то, что была официально запущена 4-я фаза совместного проекта под названием “Совместный план действий: на пути к комплексной реализации Глобальной контртеррористической стратегии ООН в Центральной Азии” [8].

За 10 лет со дня принятия Совместного плана действий по реализации Глобальной контртеррористической стратегии в Центральной Азии государства региона продемонстрировали всему мировому сообществу уникальную модель регионального сотрудничества в плане единства взглядов и подходов в решении данной проблемы. Тем не менее, до окончательной победы над

этими деструктивными явлениями предстоит пройти еще большой путь и только совместными усилиями можно достигнуть нужного результата [2].

Сегодня нам предстоит дать ответ на очень сложный вопрос, а именно выявить меры по устранению условий, способствующих распространению терроризма в современном обществе. Для Республики Таджикистан сама проблема противодействия насильственному экстремизму и международному терроризму очень актуальна с первых дней государственной независимости.

Как отметил Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон, активизация деятельности террористических групп в последние годы угрожает безопасности и стабильности отдельных государств региона и в целом всего мира, в результате чего мировое сообщество сталкивается с губительными опасностями [4].

Осознавая весь масштаб угрозы, исходящей от насильственного экстремизма и международного терроризма, Республика Таджикистан принимает самое активное участие в противодействии данной угрозе. В частности, государством начиная с 2016 года по сей день реализуется Национальная стратегия по противодействию экстремизму и терроризму, а также были проведены Международные конференции высокого уровня «Противодействие терроризму и насильственному экстремизму» (3-4 мая 2018 года) и «Международное и региональное сотрудничество в борьбе с терроризмом и источниками его финансирования, в том числе незаконным оборотом наркотиков и организованной преступностью» (16-17 мая 2019 года), получившие широкую известность в мире как «Душанбинский процесс». В целом, Республика Таджикистан зарекомендовала себя как надежный партнер в борьбе с экстремизмом и терроризмом. Столь серьезное внимание к данной проблематике вызвано тем, что наша страна, к сожалению, неоднократно подвергалась атакам экстремистов и террористов и до сих пор ощущаются угрозы, исходящие от них.

Конечно, мы осознаем, что каждая страна в поисках ответа на эти вопросы исходит, прежде всего, из своей истории, культуры, менталитета и практического опыта. На наш взгляд, в успешном противодействии большим потенциалом обладают именно ненасильственная адресная и целевая работа с уязвимыми социальными группами, главным образом с местной молодежью. Именно молодые люди в большинстве своём пополняют ряды экстремистско-террористических группировок. Главной причиной является отсутствие жизненного опыта, в результате чего они становятся легкой мишенью для деструктивных группировок. В то же время, молодежь, не осознавая всю глубину социальных проблем, стремится в силу своей природы к их радикальным решеням. В этой связи важно дальнейшее укрепление государ-

ственной молодежной политики, в частности, усиление информационно-аналитического потенциала молодежных организаций и дальнейшая их активизация в решении указанных проблем. Одним из таких методов, который имеет свою востребованность – это создание региональной информационно-образовательной онлайн площадки по данной проблеме. Она послужит источником получения нужной информации на всех пяти языках государств Центральной Азии, а также на русском и английском языках. Подобный ресурс будет содействовать диалогу всех вовлечённых групп, выработке совместных действий. Онлайн формат — это структура, где больше всего просиживает молодежь и нам важно иметь свои прочные позиции в этом секторе.

Хочу напомнить, что одним из факторов развития экстремизма и терроризма является широкое использование террористическими организациями современных информационных технологий, в особенности Интернет сетей, в целях пропаганды идеологии насильственного экстремизма, привлечения в свои ряды новых членов, их подготовки и стимулирования к разрушительным действиям. С учетом возрастающей популярности различных социальных сетей среди нашей молодежи, роста трудовой миграции, уязвимости молодого поколения перед вызовами современности, важно скоординировать и синхронизировать совместное региональное противодействие информационному и кибертерроризму, поскольку для наших стран, в настоящее время, одним из ключевых вопросов обеспечения национальной безопасности является эффективная информационно-психологическая борьба против террористических и экстремистских групп.

Предложенная нами данная мера полностью соответствует восьмому пункту I–го направления мер по устранению условий, способствующих распространению терроризма в рамках утвержденного Совместного Плана Действий [5]. Она в практическом плане направлена на поощрение развития средств и методов информационной борьбы в качестве альтернативы террористической идеологии и пропаганде.

Также важной мерой в противодействии экстремизму и терроризму, безусловно, является целевая работа с уязвимыми сообществами, которые становятся одним из основных жертв деструктивной идеологии экстремистов и террористов [7]. Речь идет о так называемых социальных группах, которые ощущают себя подвергшимися дискриминации. В этой связи, необходимо отметить тот факт, что дискриминация является сугубо индивидуальным измерением. Иногда человек может считать себя оскорбившимся в силу своей сильной чувствительности. Республика Таджикистан всегда была сторонником соблюдения всех прав человека и строго осуждает отклонение от них независимо от расы, этноса, пола и религии. В Республике Таджикистан

все граждане, еще раз подчеркиваем, что независимо от расы, этноса, пола и религии, защищены национальными законодательными и международными нормативно-правовыми актами.

В этой связи отметим саму важность обеспечения гендерного равенства, повышения социальной активности и роли женщин в жизни общества, а также обеспечения равноправия мужчин и женщин в семейных отношениях. Примером тому может служить инициатива Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона по увеличению численности женщин на государственной службе. Данный шаг, безусловно, является серьёзной поддержкой со стороны государства местным женщинам. Укрепление социально-экономических позиций этого социального слоя, несомненно, является важным шагом к недопущению их привлечения в ряды деструктивных структур [6].

Республика Таджикистан с первых дней своей государственности объявила сферу образования как одну из наиболее приоритетных направлений социальной политики. Сфера образования, по существу, воспринимается как универсальный ресурс, способный значительно укрепить уровень политической и религиозной культуры, а также правовой грамотности населения, что является гарантом стабильного и устойчивого развития общества. Мы убеждены, что образованный человек никогда не станет жертвой пропаганды экстремистских и террористических организаций, поскольку у него имеются твердые и непоколебимые жизненные принципы.

В Таджикистане успешно реализуется ряд образовательных инициатив, направленных на повышение уровня знаний и компетенции местной молодежи, в частности 2020-2040 годы объявлены «Двадцатилетием изучения и развития естественных, точных и математических наук». Другими мероприятиями являются ежегодные молодежные конкурсы, направленные на воспитание патриотизма и уважения к истории, традициям и культуре среди молодежи Таджикистана. Они проходят под названием «*Таджикистан – мой родной край*» и «Книга – светоч знаний».

Конечно, одним из ключевых факторов роста терроризма являются социально-экономические факторы, в частности проблема бедности. Сегодня в государстве наблюдается снижение процента бедных людей и намеревается сокращение их уровня с 26,3% до 15% в ближайшие пять лет.

Принимая во внимание роль и место религии в жизни и культуре народов Центральной Азии мы осознаём потенциал традиционной религии в противодействии идеологии экстремистов и террористов. Как неоднократно отмечал Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон, религия Ислам не имеет ничего общего с терроризмом [1]. Мы уверены, что повышение толерантности, религиозной и правовой культуры населения

является важнейшей мерой на пути устранения условий, способствующих распространению идеологии насильственного экстремизма и международного терроризма.

Как мы отмечали выше, успех в противодействии угрозе насильственного экстремизма и международного терроризма возможен только при тесном совместном сотрудничестве. Сегодня очевидно, что это угроза для всего человечества и важно понимать, что только совместными действиями на уровне партнерства с институтами гражданского общества, женскими организациями, академическими кругами, средствами массовой информации мы можем достигнуть своих намеченных целей.

Важным условием и необходимой мерой для достижения успеха в предупреждении идеологии насильственного экстремизма и терроризма является участие в этом процессе институтов гражданского общества, частного сектора и каждого члена общества. В Республике Таджикистан функционируют более 3 тысяч неправительственных организаций, которые являются равноправными партнёрами государства в противодействии экстремизму и терроризму. Они, в частности, могут участвовать в разработке, принятии и реализации нормативно-правовых актов, государственных программ и мероприятий по предупреждению экстремизма и радикализации, ведущих к терроризму [2].

В завершение необходимо отметить, что предложенные меры направлены на эффективное устранение условий, способствующих распространению терроризма. Безусловно, эти меры требуют скоординированной, согласованной и единой политики для обеспечения общей региональной безопасности. В этой связи необходимо, в первую очередь, продолжить развивитие и укрепление регионального и международного сотрудничества в данной сфере. В частности, необходимо поддерживать обмен информацией и дальнейшие исследования на местах, разработку новых методологий в области социальных наук и обобщения передового опыта с тем, чтобы и определять и налаживать конкретные связи между терроризмом и социально-экономическими условиями, такими как бедность, социальное отчуждение и изоляция в Центральной Азии.

ЛЕТЕРАТУРА

1. Эмомали Рахмон. Выступление на церемонии открытия Международной конференции высокого уровня на тему “Противостояние терроризму и насильственному экстремизму”// https://mfa.tj/ru/main/view/3224 /vystuplenie-na-tseremonii-otkrytiya-mezhdunarodnoi-konferentsii-vysokogo-urovnya-na-temu-protivostoyanie-terrorizmu-i-nasilstvennomu-ekstremizmu. 04.05.2018 09:41

2. Анастасия Боровикова. Объединение усилий в обеспечении региональной безопасности и устойчивого развития. (Слово — участникам конференции:

Мухаммадзода П.А.). // https://yuz.uz/ru/news/obedinenie-usiliy-v-obespechenii-regionalnoy-bezopasnosti-i-ustoychivogo-razvitiya

3. Национальная стратегия Республики Таджикистан по противодействию экстремизму и терроризму на 2016-2020 годы// https://mit.tj/sites/default/files/strategiya.pdf

4. Республика Таджикистан зарекомендовала себя как надежный партнер в борьбе с экстремизмом и терроризмом//https://mts.tj/ru/3111/news/. 7 марта 2022

5. Совместный План Действий по реализации Глобальной Контртеррористической Стратегии ООН в Центральной Азии, от 30 ноября 2011 // https://unrcca. unmissions.org /sites/default /files/final_joint_action_plan_rus.pdf

6. Участие замдиректора Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан в контртеррористической конференции в Ташкенте // https://mts.tj/ru/3112/news/

7. Эксперт из Таджикистана: «В деле противодействия экстремизму и терроризму важна целевая работа с уязвимыми сообществами» http://isrs.uz/ru/xorijiy-ekspertlar-fikri/ekspert-iz-tadzikistana-v-dele-protivodejstvia-ekstremizmu-i-terrorizmu-vazna-celevaa-rabota-s-uazvimymi-soobsestvami

8. 11-я ежегодная встреча заместителей министров иностранных дел стран Центральной Азии//https://mfa.tj/ru/main/view/9324/11-ya-ezhegodnaya-vstrecha-zamestitelei-ministrov-inostrannykh-del-stran-tsentralnoi-azii. 8 декабря 2021

ТАДБИРҲОИ РАФЪИ ШАРОИТЕ, КИ БА ПАҲНШАВИИ ТЕРРОРИЗМ МУСОИДАТ МЕКУНАД: НИГОҲЕ АЗ ТОҶИКИСТОН

МУҲАММАДЗОДА ПАРВИЗ АБДУРАҲМОН,
доктори илмҳои сиёсӣ, муовини директори
Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 89;
тел.: 992-372-27-86-96; e-mail: mts-05022019@mail.ru

Дар ин мақола тадбирҳо оид ба рафъи шароите, ки ба паҳншавии терроризм дар ҷомеаи муосир мусоидат мекунанд, таҳлил шудаанд. Муаллиф бо назардошти нақши Тоҷикистон дар муқобила бо ин хатар изҳор медорад, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон худи мушкилоти муборизa бо ифротгароии хушунатомез ва терроризми байналмилалӣ аз рӯзҳои аввали истиқлолияти давлатӣ хеле муҳим буду ҳаст.

Дар мақола зикр мегардад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки тамоми хатарҳо, ки аз ифротгароии хушунатомез ва терроризми байналмилалӣ бармеоянд,дар муқобила бо ин таҳдидҳо фаъолона иштирок менамояд. Аз

ҷумла, аз соли 2016 сар карда, аз ҷониби давлат Стратегияи миллии муқовимат ба ифротгароӣ ва терроризм амалӣ карда шуда, доир ба ин масъала конфронсҳои сатҳи баланд дар сатҳи байналмилалӣ гузаронида шуданд.

Дар доираи мақолаи мазкур омилҳои иҷтимоие, ки бевосита ба зуҳуроти афзоиши ифротгароӣ таъсир мерасонанд, баррасӣ гардида, тадбирҳои асосии рафъи шароити мусоид барои густариши терроризм дар ҷомеаи муосир муайян карда шудаанд.

Ба ақидаи муаллиф, дар тӯли 10 сол аз замони қабули Нақшаи амалиёти муштарак оид ба татбиқи Стратегияи глобалии зиддитеррористии СММ дар Осиёи Марказӣ, давлатҳои минтақа модели беназири ҳамкориҳои минтақавиро аз ҷиҳати ягонагии ақидаю равишҳо дар ҳалли ин масъала ба тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ намоиш доданд. Осиёи Марказӣ инчунин накшаи ягонаи амалиёти муштаракро тартиб додааст. Бо вуҷуди ин, муаллиф ба хулосае меояд, ки то ғалабаи ниҳоӣ бар ин зуҳуроти харобиовар мо ҳанӯз роҳи дуру дарозеро бояд тай кунем ва танҳо бо ҷидду чаҳди муштарак ба натиҷаи дилхоҳ ноил шудан мумкин аст.

Илова бар ин, муаллиф мутмаин аст, ки тадбирҳои дар ин мақола пешниҳодшуда ба рафъи самараноки шароити мусоид, ки ба паҳншавии терроризм мусоидат мекунад, нигаронида шудаанд. Бешубҳа, ин тадбирҳо сиёсати ҳамоҳангшуда, мувофиқашуда ва ягонаро барои таъмини амнияти умумиминтақавӣ тақозо мекунанд.

Калидвожаҳо: *Тоҷикистон, раванди Душанбе, СММ, терроризм, ифротгароии хушунатомез, кибертерроризм, муборизаи иттилоотӣ-психологӣ, стратегияи миллӣ, стратегияи глобалии зиддитеррористӣ, гуруҳҳои иҷтимоӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, чораҳои пешгирикунанда, амнияти миллӣ, амнияти минтақавӣ.*

MEASURES TO ELIMINATES TO ELIMINATE THE CONDITIONS CONDUCIVE TO THE SPREAD OF TERRORISM: A VIEW FROM TAJIKISTAN

MUHAMMADZODA PARVIZ ABDURAHMON,
D. Sc. in Political Science, deputy director of the Center for strategic research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 89,
tel.: 992-372-27-86-96; e-mail: mts-05022019@mail.ru

This article analyzes measures to eliminate the conditions conducive to the spread of terrorism in modern society. Considering the role of Tajikistan in

countering this threat, the author states that for the Republic of Tajikistan the problem of countering violent extremism and international terrorism is very relevant from the first days of state independence.

The article notes that, realizing the full scale of the threat posed by violent extremism and international terrorism, the Republic of Tajikistan takes an active part in countering these threats. In particular, since 2016, the state has been implementing a national strategy to counter extremism and terrorism, as well as held high-level international conferences on this issue.

Within the framework of this article, social factors that directly affect the manifestations of the growth of extremism are considered, and the main measures to eliminate the conditions conducive to the spread of terrorism in modern society are identified.

According to the author, over the 10 years since the adoption of the Joint Action Plan for the implementation of the UN Global Counter-Terrorism Strategy in Central Asia, the states of the region have demonstrated to the entire world community a unique model of regional cooperation in terms of unity of views and approaches in solving this problem. Central Asia has also developed a unified plan of joint actions. Nevertheless, the author comes to the conclusion that we still have a long way to go before the final victory over these destructive phenomena, and only by joint efforts can we achieve the desired result.

Moreover, the author is sure that the measures proposed in this article are aimed at effectively eliminating the conditions conducive to the spread of terrorism. Undoubtedly, these measures require a coordinated, coherent and unified policy to ensure regional security.

Keywords: *Tajikistan, Dushanbe process, UN, terrorism, violent extremism, cyberterrorism, information-psychological fight, national strategy, global counter-terrorism strategy, social groups, civil society, preventive measures, national security, regional security.*

УДК: 323.22/.28

ТАҲАВУЛЛОТИ ИДЕОЛОГӢ ВА ДИГАРГУНИҲОИ СИЁСӢ: МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТИ ОНҲО ДАР ҶОМЕА

ХИДИРЗОДА МАХФИРАТ УМАР,
доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви
Комиссияи марказии интихобот
ва райъпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734025, Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42;
тел.: (+992) 918639754, e-mail: makfirat@mail.ru

Мақолаи мазкур ба таҳлили масоили идеологӣ, таҳаввул ва таъсири он ба дигаргуниҳои сиёсии ҷомеа бахшида шудааст. Таҳаввулоти идеологӣ ҳамчун сарчашмаи дигаргунию тағйирпазирии ҷомеаҳо баррасӣ гардида, хусусиятҳои раванди мазкур бо дарназардошти воқеият ва таҷрибаи сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Дар заминаи таҳлили маводи зарурӣ ташаккули идеологияи миллӣ ва нақши он барои таҳкими давлатдории миллӣ муҳим дониста шудааст.

Калидвожаҳо: *давлатдории миллӣ, идеология, таҳаваулот, ҷомеа, ҳизб, мубориза.*

Таърихи сиёсӣ собит мекунад, ки таҳаввулоти охири садаи XX баамаломада аз рӯйи мазмун, моҳият ва таъсирнокии худ яке аз марҳилаҳои мушкил, пуртаззод, пешгуйинашаванда ва дорои хусусияти тағйирпазирии куллии мазмунӣ ва сохтории ҳаёти ҷомеаи ҷаҳонӣ гашт. Насли даврони мо шоҳиди ҳодисаю равандҳои таърихию сиёсии зиёд гаштанд, аз қабили:

- шикасти низоми ҷаҳонии сотсиализм дар оғози солҳои 90-ум, ки тасаввураш барои ҷонибдорони ғояҳои маркисм-ленинизм ва мардуми дар фазои шӯравӣ зиндагикунанда номумкин буд;

- авҷ гирифтани талошҳои геополитикӣ ва муборизаи абаркудратҳо баҳри тағйири мавқеъ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва васеъ намудани доираи таъсиру нуфузи худ;

- ба анҷом расидани “ҷанги сард”, ки тули даҳсолаҳо инсониятро дар ҳолати таҳдиду таҳлукаи доимӣ қарор дода буд;

- косташавии сарҳадҳои давлатҳои миллӣ ва таъсиси ниҳодҳои фаромиллӣ ва фародавлатӣ дар мисоли Иттиҳоди Аврупо, ки дар навбати худ ҳамчун марказӣ иқтидорӣ сиёсию иқтисодӣ баромад мекунад;

- равнақ пайдо намудани тамоюлҳои сарнагунсозии ҳокимиятҳо ва низоми сиёсии давлатҳо тавассути ташкил намудани “инқилобҳои ранга”,

ки бо суръати баланд паҳн шуда, боиси пайдоиши мушкилиҳои ҷиддӣ дар бархе аз кишварҳо гашт;

- тавсеа пайдо намудани иттилоот ҳамчун захираи ҳокимият ва таъсиррасонӣ, василаи ҷанг ва муқовимат, пешрафт ва инқилобҳои гуногун;

- ба авҷи аълои худ расидани фаъолияти ҳаракат ва ташкилотҳои экстремистию террористӣ, оҷиз мондани инсоният дар назди ин хатар, то ба дараҷаи ба даст овардани ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби ташкилоти террористӣ дар мисоли "Толибон" дар Афғонистон;

- паҳншавии пандемияи Ковид 19, ки таносуби муносибатҳоро дар ҷаҳон ба куллӣ тағйир дод. Дар натиҷа воқеият доштани мавқеи давлат дар низоми сиёсии ҷаҳон тасдиқи худро бори дигар пайдо намуд. Зеро авҷи пандемия давлатҳоро водор намуд, ки механизми худмуҳофизатиро дар алоҳидагӣ коркард ва амалӣ намоянд.

Ҳамаи ин раванду ҳодисот дар марҳилаи қариб сӣ соли гузашта, бо шиддатнокии худ дар назди инсоният садҳо мушкилиҳои ғайриинтизорро пеш гузоштанд. Дар ин раванд муҳим аз ҳама ивазшавии низоми идея ва арзишҳое мебошад, ки дар марҳилаи муайяни таърихӣ инсоният онро пайравӣ менамуд. Ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсии инсоният ҳам маҳз дар доираи ҳамин арзишҳо ҷараён дошта, онҳо амалан тамоми ҳаёти инсонро танзим ва идора мекарданд. Густав Лебон вобаста ба масъалаи мазкур қайд мекунад, ки: "омӯзиши тамаддунҳои гуногун, ки аз оғози олам якдигарро иваз карда омадаанд, нишон медиҳад, ки нақши роҳбарикунандаро дар рушди онҳо доимо теъдоди на он қадар зиёди ғояҳои асосӣ мебозид"[1.С.16]. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки маҳз тавассути "теъдоди на он қадар зиёди ғояҳои асосӣ" тамаддунҳои инсонӣ иваз шудаанд, ки бори дигар муҳим будани таъсири ғояҳоро дар рушди инсоният тасдиқ менамоянд.

Ин тағйирпазирӣ ва ивазшавии куллии идеологӣ хоси Ҷумҳурии Тоҷикистон низ буд. Раванди рушди таърихии миллати тоҷикро, ки аз диди форматсионӣ хусусияти худро дорад, олимон ба таври худ маънидод мекунанд. Идеологияи шуравӣ, ки асоси онро баробарӣ, бародарӣ, коллективизм, бартарияти моликияти давлатӣ ба воситаҳои истеҳсолот ва интернатсионализм ташкил дода, мақсади ниҳоии он бунёди коммунизм ҳамчун ҷомеаи бесинф буд, ба сифати неруи идоракунандаи шуур ва рафтори омма баромад мекард. Берун аз принсипҳои роҳбарикунандаи ҳизби ҳоким – Ҳизби коммунистӣ ақидаронӣ намудан баробар ба хиёнат пазируфта мешуд. Низоми арзишӣ ва идеявии дигар қабул набуд. Дар натиҷа мафкураи ҷамъиятӣ дар доираи қолаби муайяншуда шакл мегирифт, ки онро ниҳодҳои сотсиализатсияи ҷамиятӣ амалӣ менамуданд. Пас, насле,

ки ҳар як қарор ва амалаш дар доираи муқаррароти муайян амалӣ гашта, доираи тафаккур ва ҷаҳонбиниаш қолабӣ буд, маҳз аз рӯйи ҳамон муқаррарот ва қолаб равандҳои сиёсиро арзёбӣ менамуд.

Дар доираҳои коршиносону сиёсатмадорон вобаста ба мавқеъ ва нақши идеологияи маркистию ленинӣ то ҳанӯз баҳсҳои зидду нақиз хеле зиёданд. Бархе онро ҳамчун низоми арзишӣ ва ғоявии самаранок маънидод намуда, мухолифон онро ҳамчун василаи назарфиребӣ ва таҳкими ҳокимияти тоталитарӣ медонанд. Ҳар ду ҷониб ҳам вобаста ба мавқеъҳои худ далелҳои кофӣ доранд, ки мавзӯи баҳси алоҳида мебошад. Фақат дар доираи мавзӯи таҳлилшаванда ҳаминро қайд намудан зарур аст, ки ҳатто асосгузорони назарияи идеология ба он муносибати ягона ва яксон надоштанд. Зиддият ва духурагӣ дар мавқеи онҳо низ эҳсос карда мешавад. Чунончи, К.Ясперс қайд менамояд: “Идеология маҷмӯи ақида ва тасаввуроте номида мешавад, ки ба субъекти тафаккур ҳамчун ҳақиқати мутлақ хизмат намуда, бар асоси он ӯ консепсияи худ дар бораи ҷаҳон ва мавқеи худро дар он месозад. Ҳамзамон консепсияи мазкурро он тавре месозад, ки тавассути он худфиребдиҳии барои ҳақ баровардани худ зарур ва рӯйпуш намудани манфиатҳои аслиро амалӣ менамояд. Номгузории ҳар як шакли тафаккур бо унвони идеология ин иттиҳомест, ки гуфтаҳои он ба ҳақиқат мувофиқат намекунанд... " [2.С.146-147]. Чунин мавқеи К.Ясперс нисбат ба идеология аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ идеологияро як чизи дуруғу бофта барои фиреби назари омма ва ҷомеа медонад. Муҳимаш он аст, ки мардум баъзан дидаю дониста аз он истифода бурда, худро фиреб медиҳанд. Дар баробари чунин андеша мутафаккир инкор намекунад, ки тавассути он шахс метавонад манфиати аслии худро пинҳон намояд.

Ҳамзамон, чуноне, ки К.Ясперс қайд мекунад, идеология барои дигарон “ҳамчун ҳақиқати мутлақ” қабул шуда, мавриди эътиқодмандӣ қарор мегирад.

Чунин дарку фаҳмиш нисбат ба идеологияи шӯравӣ то нимаи дуюми солҳои 80-ум дар Иттиҳоди шӯравӣ ва умуман ҷаҳони сотсиализм идома кард, вале равандҳои минбаъда таъсири худро ба он расонидан гирифтанд.

Ворид шудан ба марҳилаи ба ном “бозсозӣ”, ки дар он ғояҳо ва арзишҳои нав, аз қабили “плюрализми афкор”, “ошкорбаёнӣ”, “озодии муттаҳидшавӣ”, “демократикунонӣ”, “давлати ҳуқуқӣ”, “афкори нави сиёсӣ” ва ғайраҳо мавқеи аввалиро ишғол мекарданд, мазмунан маънои ворид шудан ба олами дигари ғоявиро дошт. Пешниҳоди имконият баҳри дигарандешӣ ба ҷомеае, ки дар давоми зиёда аз 70-сол дар шароити маҳдудияти идеологӣ қарор дошт, паёмадҳои дигарро низ пеш оварда. Мураккабии масъала сари он буд, ки ҷомеа бояд арзишҳои навро мепазируфт.

Гурӯҳи олимони рус вобаста ба хусусияти марҳилаи мазкур қайд мекунанд, ки: “Ҳарчанд ҷомеаи шӯравии даврaҳои охир дар маҷмӯъ азнавсозиро дастгирӣ мекард, аммо "инқилоби арзишӣ" нав оғоз мешуд. Ин як раванди душвор ва дарозмуддат буд ва дар марҳилаи аввал он ба муваффақияти сиёсати бозсозӣ вобаста буд. Вақте ки бозсозӣ дар соли 1991 ба охир расид ва давраи пасошӯравӣ оғоз шуд, ҷомеае, ки осеби суқути ИҶШС дида буд, ба он тақсимшуда ва номуташаккил ворид шуд”. [3.] Маҳз душворӣ ва мураккабии инқилоби арзишҳо яке аз сабабҳои асосии парокандагӣ ва номуташаккилӣ маҳсуб меёфт. Зеро аз байн рафтани қувваи ҳаракатдиҳанда ва муттаҳидкунанда маҳз низоми арзишҳо баромад мекарданд, ки тавассути онҳо ҷомеа ба оянда боварӣ дошт ва барои бунёди ин “оянда” талош мекард. Вақтеки ин ҳама аз байн рафт, барои дарёфти мавқеъ ва эътимоди нав, албатта, вақт лозим буд.

Ҳамзамон бо ин ба инобат бояд гирифт, ки ҷомеа наметавонад дар ҳолати гузариш арзишҳои навро азхуд кунад. Зеро муборизаи арзишҳо ба таври доимӣ давом дошт ва давом дорад. Коршиносон дуруст қайд намуданд, ки: “Таҷрибаи бозсозӣ, дастовардҳо ва нокомии сиёсии он собит мекунад, ки демократия на танҳо иродаи аксарият, балки меъёрҳо, ниҳодҳо ва тартиботи устувор аст. Ҳар гуна кӯшиши нодида гирифтани меъёрҳо, ниҳодҳо ва расмиёте, ки ба арзишҳои демократӣ асос ёфтаанд, дар марҳилаи дарозмуддат боиси бесуботии амиқи система мегардад.Ҷомеаи муосир метавонад танҳо дар шароити ризоияти васеи ҷамъиятӣ ва арзишҳои демократӣ самаранок вуҷуд дошта, рушд кунад. Ҳар гуна кӯшиши тақсим кардани одамон ба хуб ва бади, мо ва душманон, аксарият ва ақаллият, на танҳо ба тақсимшавӣ, балки дар асл ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда мерасонад”[3]. Мутаассифона, таҷриба ва воқеияти сиёсии аввали солҳои 90-уми Тоҷикистон собит месозанд, ки маҳз дар натиҷаи нодида гирифтани мавқеи қонун ва ниҳодҳои давлатӣ, эҳтиром нагузоштан ба арзишу ғояҳои анъанавии миллии давлатдорӣ, муқобилгузории ақидатӣ ва мутлақгардонии фаҳмиши демократия ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ оварда расонид.

Таҳлили марҳилаи мазкур нишон медиҳад, ки воқеан ҳам ҷомеаи Тоҷикистон дар шароити бесарусомонаи ғоявӣ қарор дошт. Тақсимот аз рӯйи мансубияти маҳал, мансубият ба равияи муайяни эътиқодӣ ва манфиатхоҳӣ вазъи сиёсии кишварро мушкилу мураккаб гардонида буд. Вобаста ба ин марҳилаи таърихӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунад, ки: “Роҳи таърихие, ки халқи тоҷик, хусусан, дар солҳои аввали истиқлол сипарӣ намуд, як масири пур аз даҳшату фоҷиа, маҳрумияту машаққат ва монеаву мушкилот буд. Замоне, ки кишвари соҳибистиқлоли мо ҳанӯз аввалин қадамҳои худро мегузошт, хоинони миллати тоҷик ва душманони давлати тоҷикон бо пуштибонии доираҳои

манфиатдори хориҷӣ кишвари моро ба гирдоби мухолифати шадиди дохилӣ ва баъдан ба оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашиданд” [4.]

Дар натиҷа қувваҳои ғараздору манфиатдор аз вазъи баамаломада истифода бурда, мақсадҳои худро амалӣ мекарданд. Мураккабии вазъи сиёсӣ бо он низ алоқаманд буд, ки парокандагии идеологӣ имкон намедод, то элитаи сиёсии вақт мавқеи худро ба равандҳои сиёсӣ дуруст ва ба манфиатҳои миллию давлатӣ ҷавобгӯ муайян намояд.

Плюрализми идеологӣ ва интихоби арзишии шахсият мусоидат намуд. Ташаккулёбии давлати навини тоҷикон дар шароити мураккаби иқтисодию иҷтимоӣ, суст шудани пояҳои маънавию ахлоқии ҷомеа, номуайянии идеологӣ ва фаъолшавии қувваҳои гуногуни манфиатдор, ки ҳар кадом сохтори сиёсии давлатро ба таври худ дидан мехостанд, сурат гирифт.

Мисоли мазкур нишонаи он аст, ки то кадом дараҷа мавҷудияти низоми муайяни ғоявӣ, меъёрӣ ва арзишӣ барои ҷомеа зарур аст. Ба ақидаи коршиносони Левада-Сентр: “Маҳз онҳо (ғояҳо, меъёрҳо ва арзишҳо – Х.М.У.) қодиранд фаъолияти барандагони ваколатҳои расмиро на танҳо тамоюл бахшанд, назорат, танзим ва маҳдуд намоянд, инчунин ба вокунишҳои дар раванди фаъолият амалишавандаи барои давлат таҳдидовар монеъ шаванд”[5.]. Аз ин ҷо хулоса баровардан зарур аст, ки низоми ғоявию арзишӣ асоси муттаҳидӣ ва таъмини ҳамгироии ҷомеаро ташкил дода, тавассути онҳо чаҳорчӯбаи рафтор ва фаъолият барои ҷомеа, аз элита то мардуми одӣ, ташаккул меёбад. Онҳо ба сифати неруе баромад мекунанд, ки чаҳорчӯбаи муносибатҳои сиёсиро дар ҷомеа ташаккул медиҳанд ва моҳияти амиқи маърифатию сафарбарнамоӣ доранд.

Мавҷудияти зиддиятҳои идеологӣ ва арзишӣ мушкилиҳои сиёсию иҷтимоии дар ҷомеа ҷойдоштаро қувват дода, барҳӯрдҳоро шиддат мебахшиданд. Вобаста ба ин А.Холиқзода қайд мекунад, ки: «Дар баробари имкониятҳо маҳдудиятҳои замони шӯравӣ, тағйирёбии ғояҳо, рӯ овардан ба арзишҳои миллӣ, берун шудан аз пойбандии нақшаҳои қаблӣ дар паҳнои манфиатҳои мухталифи гурӯҳҳои дохилию хориҷӣ вазъиятро вазнин кард. Миллати тоҷик дар ҳошияи давлати фурӯрафтаи шӯравӣ имкон пайдо намуд, ки дар сарҳади барҳӯрди режимҳои исломию дунявӣ, дар ҳавзаи муноқишаи манфиатҳои миллию таърихию замонавӣ, дар майдони муборизаҳои мазҳабию ақидавии бо сиёсат ва мустақилиятхоҳӣ махлутгардида истиқлолияти худро эълон дорад»[6.С.14]. Маҳз “барҳӯрди арзишҳо ва ғояҳои исломию дунявӣ” вазъи сиёсиро мушкил гардонида буд. Моҳияти масъала дар он буд, ки идеологияи коммунистӣ бо ҳама намуд ғоя ва мавқеъҳои дингарой муносибати оштинопазир дошт. Атеизми шӯравӣ дар симои дин “афюни халқ”-ро медид. Ин ҳолат бошад зиддиятро ҳанӯз дар замони шӯравӣ шиддат бахшида буд, вале имкониятҳои режим қудрати назорат, саркуб ва танзим

намудани бархӯрдҳои эҳтимолиро дошт. Бо пайдоиши имконият, аз он ҷумла пешниҳоди озодиҳои ақидавӣ ба ҷомеа, дар ин бора ҳар чи бештар ҳарф мезаданд.

Ҳамзамон бо ин, ба андешаи мо, гуногунии мафкуравие, ки дар натиҷаи аз байн рафтани идеологияи ягона ба вуҷуд омада буд, дар ҷомеа заминаи устувор надошт. Мардум ба дарки пурраи мазмун ва моҳияти аксари онҳо сарфаҳм намерафт, зеро дар як давраи кутоҳи таърихӣ равияҳои гуногуни мафкуравӣ пайдо шуда, аксаран арзишҳоеро пайгирӣ менамуданд, ки ба менталитети ҷомеаи тоҷик мувофиқ набуданд. Мутлақгардонии демократия, обрезӣ ба осиёби маҳалгароӣ, таҳрики неруҳои беруна ва тарғиби арзишҳои бегона аз ҷумлаи омилҳое буданд, ки даст доштани қувваҳои беруна дар ҳодисаҳои кишвар ва таҳмилӣ будани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистонро тасдиқ мекарданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон воқеияти он замонро таҳлил намуда, қайд мекунанд, ки: “Бо соҳибихтиёр гардидани Тоҷикистон – кишвари мо ба бӯҳрони конститутсионӣ ру ба ру шуд ва дар натиҷаи поймол шудани Конститутсия ва қонунунҳои амаликунанда, дар солҳои 1991-1992-юм фаъолияти тамоми рукнҳои ҳокимияти давлатӣ фалаҷ гардида, кашмакашиҳои сиёсиву бесарусомониҳо ба миён омаданд. Дар ин давраи ниҳоят ҳассоси аз як сохт ба сохти дигари давлатдорӣ гузаштани Тоҷикистон қудратталабии сиёсии баъзе ҳизбу ҳаракатҳо ва шахсиятҳои алоҳида боиси риоя нагардидани меъёрҳои Қонуни асосӣ гардид ва ин амал оқибат ба ҷанги даҳшатноки шаҳрвандӣ оварда расонд, ки он воқеан ба тамомияти арзиву мавҷудияти давлти Тоҷикистон ва ягонагии миллати тоҷик хатари ҷиддӣ дошт.”[6.С.267]

Раванди минбаъдаи рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон нишон дод, ки мавҷудияти таҳаммулнопазирии идеологӣ ба бархӯрди рӯйирост ва низои шаҳрвандӣ оварда мерасонад. Воқеияти мазкур исбот менамояд, ки ҷомеа наметавонад бидуни идеологияи фарогир тамомияти мафкуравии худро таъмин намояд. Албатта, дар шароити мавҷудияти гуногунақидагӣ ва рушди демократия идеологияи ягон қувваи сиёсӣ ва ё ҳизби сиёсӣ наметавонад ба сифати идеологияи ҳукмрон баромад намояд, вале барои дилхоҳ ҷомеа мавҷудияи мафкурае лозим аст, ки дар заминаи арзишҳои калидӣ ва заминавии миллию давлатдорӣ тавонад иттиҳоди ҷомеаро таъмин намояд.

Баҳсҳое, ки даҳсолаҳо боз дар масъалаи “анҷоми идеологияҳо” мавҷуданд, то ба имрӯз натавонистанд ҳаққонияти худро собит созанд. Зеро дар ҳама ҳолат инсон ҳамчун “мавҷуди сиёсӣ” ба чаҳорчӯбаи муайяни ғоявию арзишӣ эҳтиёҷ дошта, тавассути онҳо рафтор ва муносибати худро ба олами атроф муайян менамояд.

Бо назардошти воқеияти мазкур дар таҳавуллоти минбаъдаи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон дигаргуниҳои кулии усулӣ дар заминаи тағйирпазирии шуури ҷамъиятӣ ва фарҳанги сиёсӣ ба вуқуъ пайвастанд. Ин дигаргуниҳо асосан моҳияти мафкуравӣ доштанд, ки қабул ва дарки онҳо дар натиҷаи таҷрибаи сиёсӣ сурат гирифта буд. Ғояи сулҳ ҳамчун омили пайвасткунандаи қишрҳои гуногуни ҷомеа тавонист мавқеи ҳукмрон пайдо намояд. Ба ақидаи Абдураҳмон Муҳаммад: “тавлиди идеологияи сулҳ – чун таълимот дар бораи сулҳ иқдоми назарраси башардӯстона буда, дар ҳалли низоъҳои дохилию берунӣ нақши муҳим иҷро карда метавонад”[9.С.137]. Дар натиҷа чунин маҷмӯи арзишҳо, аз қабили гузашт, созиш, таҳаммулпазирӣ, муколама, ҳамдигарфаҳмӣ, тақсими ҳоқимият, ваҳдат ва субот боиси ташаккули фарҳанги комилан нав – фарҳанги сулҳ гаштанд. Ин буд ки ҷомеаи Тоҷикистон аз ҷанги шаҳрвандӣ таҷрибаи ғанӣ дар самти дарёфти формуллаи нави сулҳофарӣ бардошт, ки боиси эътирофи ҷомеаи ҷаҳонӣ гашт. Ҳамзистии ҳизби сиёсии динӣ дар ҷомеаи дунявӣ дар фазои пасошӯравӣ таҷрибаи беназир буд. Вобаста ба масъалаи мазкур С.Шарипов қайд карда буд, ки: “Ин хусусияти хоси низоми сиёсии Тоҷикистон ва намунае барои пайдо кардани як модели универсалӣ ё кории ҳамзистии низомҳои дунявӣ ва ҳизбу ҳаракатҳои амалкунандаи исломӣ табдил шудааст, ки он метавонад ҳам барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳам барои тамоми кишварҳои олами ислом мисоли муносибе бошад”[10.С.198]. Дар баробари олими зикргардида дигар доираҳои илмӣ низ ба масъалаи мазкур бомароқ муносибат доштанд. Баъзеҳо онро намунаи мусбат ҳисобида, қисми дигар аз хатари наҳзатиён сухан меронданд. Масалан, ҳанӯз соли 2008 сиёсатшиноси тоҷик Абдуллоҳи Раҳнамо дар китоби худ “Ҳизби динӣ ва давлати дунявӣ” вобаста ба хатари идеология ва амалияи наҳзатӣ ба суботи ҷомеаи тоҷик менависад, ки: “хатари ҲНИТ на дар исломӣ будани дидгоҳу таълимоти он, балки асосан дар заиф будани иқтидори зеҳнию интеллектуалӣ, захираи кадрӣ ва таҷрибаи муосири идории ин ҳизб мебошад. Дар кулл, мо дар Тоҷикистон на бо исломи заиф, балки ҳам дар сатҳи ҲНИТ ва ҳам дар сатҳи уламои исломӣ бо исломиёни заиф ё барандагони заифи ислом рӯ ба рӯ ҳастем”[7.С.198]. Маҳз заифии ин қувва имкон дод то онҳо осон фурӯхта шуда, ба манфиатҳои миллию давлатӣ хиёнат намоянд. Зеро дар шароити таҳкими сулҳу субот ва пешрафти ҷомеа талабот ба неруи боқуввати зеҳнӣ меафзояд. Дар чунин шароит ҷомеа ҷонибдори неруе мешавад, ки бо амали худ афзалияташро собит намуда тавонад.

Вале воқеияти сиёсию иҷтимоӣ собит намуд, ки заъфи мафкуравӣ метавонад боиси дасткашӣ аз мавқеъҳои аввалӣ шавад. Дар мисоли фаъолияти Ҳизби мамеғхшудаи наҳзати ислом метавон хулоса намуд, ки омили мазкур метавонад ҳизби сиёсиро ба бозичаи сиёсӣ табдил диҳад.

Воқеаҳои моҳи сентябри соли 2015 нишон доданд, ки манфиатхоҳӣ ва талоши қудрат наҳзатиҳоро ба содир намудани хиёнати дуюми таърихӣ тела дод. Агар нахустин хиёнати онҳо - даргирондани оташи ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар бошад, хиёнати дуюмашон даст задан ба табадуллоти давлатӣ аст. Ин амал чеҳраи заифи онҳоро бори дигар кушод ва боиси қатъи фаъолияташон дар арсаи сиёсии кишвар гашт.

Таҳлили муборизаҳои мафкуравӣ нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯзаи мо ин раванд боз ҳам ҷоннок гаштааст. Рушди технологияҳои иттилоотӣ василаи мувофиқ баҳри тарғиби ғоя ва арзишҳои гуногуни ифротию террористӣ шуда, ба паркандагии ғоявии ҷомеаҳо мусоидат намуда истодааст.

Ҷангҳои иттилоотӣ моҳиятан ҷангҳои идеологие мебошанд, ки аксари кулли ҷаҳонро фаро гирифтаанд. Б.Трисполский вобаста ба моҳият ва нақши ҷангҳои идеологӣ дар замони муосир менависад, ки: “Асоси ҷангҳои асри 21-ро идеология ва ё таҳаммулнопазирии идеологӣ ташкил медиҳад. Дар ин замина ҷангҳои ояндаи садаи 21-ро ҳамчун раванди маъмулии гузариш аз ҷангҳои сард ба ҷангҳои “тасфони” идеологӣ метавон тавсиф намуд”[11.]. Воқеияти муосири рушди муборизаҳои идеологӣ нишон медиҳад, ки онҳо то чанд шиддат гирифта истодаанд. Инкори пурраи ақида ва фарҳангу ҳастии рақиб, паст задани шаъну шарафи он тавассути паҳн намудани иттилооти ғаразнок таҳияшуда ва таҳрифшуда, тарғиби беназирии ғоя ва арзишҳои худ, зӯроварӣ ва даҳшатафканӣ ҳарорати ҷангҳои идеологиро баланд бардошта истодаанд.

В.Коровин қайд мекунад, ки «баъди озодшавӣ аз низоми мустамликадорӣ аксарияти давлатҳои араб модели бунёди давлати аврупоиро пеш гирифтанд, ки ба ном вуҷуд дошта, дар асл дар ин кишварҳо ҳукмрониро кланҳо, қабилаҳо ва авлодҳо амалӣ мекарданд ва бештар ба анъана, урфу одат ва моделҳои иҷтимоии консервативӣ такя мекунанд. Моделҳои номбаршуда аслан таъсири арзишҳои аврупоиро қабул надошта, аз доираи ин таъсирҳо худро дифоъ карда метавонанд. Аз руйи ин нишондиҳанда марҳилаи якуми ҷанги шабакавӣ - пурзӯр намудани таъсиррасонии идеологиро тақозо менамуд. Зеро ҷомеаи суннатӣ ба муқобили таъсирҳои беруна иммунитет дошта, онҳоро ҳаргиз қабул карда наметавонанд» [11.С.259]. Воқеияти таҳлилнамудаи олими рус тасдиқ менамояд, ки маҳз таъсиррасонии идеологӣ қудрат дорад пардаи муҳофизатии ҷомеаҳои суннатиро бартараф намуда, инқилоби дилхоҳро дар онҳо ба амал оварад.

Сиёсатшиноси тоҷик Муҳаммад Абдураҳмон вобаста ба моҳияти муборизаҳои идеологӣ қайд менамояд, ки: “Аввалан баъзе низоъҳои идеологие, ки дар дохили давлат ҷувваи ҳаракатдиҳанда доранд ва бо кушишу ҳаракатҳои ашрофон ба амал омадаанд, дар мавзӯи ташкили ҳаёти сиёсӣ,

иқтисодӣ ва ҷамъиятии давлат мебошанд. Баъзе мисолҳои муборизаи идеологӣ аз нуктаи назари иқтисодӣ ё синфӣ тафсир карда мешаванд. Бархе дигар маҳсули фаъолияти бунёдгароёни динӣ буда, ба системаҳои теологӣ мутобиқ карда шудаанд”[9.С.138]. Дар замони муосир дар набардҳои идеологӣ ҳарду шакли мубориза васеъ истифода мешаванд, вале вақтҳои охир ҳуҷумҳои иделогии дорои хусусияти бунёдгароии динӣ шиддати то ин замон диданашуда касб намудаанд.

Дар назар чунин мерасад, ки ҷангҳои идеологӣ ҳамчун василаи муҳофизатӣ низ аз ҷониби қуввaҳои гуногун истифода шуда истодаанд. Бархӯрдҳои идеологӣ рӯякӣ набуда, хусусияти тарҳрезишуда ва асоснок доранд. Дар онҳо унсурҳои психологӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ васеъ истифода мешаванд.

Ҳамин тариқ дар заминаи таҳлили масъалаи таҳавуллоти идеологӣ ва дигаргуниҳои сиёсӣ метавон хулоса намуд, ки нақши омилҳои идеологӣ дар таъмини амният ва суботи ҷомеа ниҳоят калон мебошад. Омили идеологӣ ҳамчун василаи танзимкунандаи рафтори субъектони сиёсат қудрати низомсоз дорад. Маҳз аз ҳамин сабаб қуввaҳои сиёсӣ ҳарчи бештар аз василаи мазкур истифода бурда истодаанд. Ф.Баротзода ва Қ.Нурулҳақов дуруст қайд намудаанд, ки: “Дар шароити ҷаҳонишавӣ ба кишварҳои рушдкунанда равандҳои идеологӣ-сиёсии бегона ва ифротӣ аз ҳар ҷониб таҳдид мекунад. Бинобар ин давлатдории миллӣ ба идеологияи аз диди илмӣ асоснок зарурат дорад. Зеро нигоҳдории мафкураву ҷаҳонбинии шаҳрвандон аз таъсири андешаҳо ва фарҳанги бегона маънои ҳифзи давлати миллиро дорад”[8.С.76]. Мо ҳам ба ақидаи мазкур пурра мувофиқем, зеро неруе, ки ба ҳуҷумҳои идеологӣ муқовимат карда метавонад фақат идеологияи миллӣ мебошад.

Аҳамияти сиёсию иҷтимоӣ ва таърихии идеологияи миллиро воқеяти гузаштаи на танҳо кишвари мо, балки дигар кишварҳо низ собит намудааст. Зеро маҳз идеологияи миллӣ, ки ҷавҳари онро идеяи миллӣ ташкил медиҳад, қудрат дорад баҳри сарҷамъӣ ва муттаҳидию ваҳдати ҷомеа хизмат намояд. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, ки набардҳои идеологӣ унсури таркибии муборизаҳои геополитикиро ташкил медиҳад, маҳз мавҷудияти заминаи устувори идеологӣ ва шахсиятҳои аз диди мафкуравӣ устувор метавонанд дар муқовиматҳо муваффақ шаванд.

Дар робита ба гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки:

- таҳавуллоти идеологӣ заминаи маърифатию иттилоотӣ ҷиҳати ташаккул ва роҳандозии дигаргуниҳои сиёсӣ гашта, дар натиҷа кулли муносибатҳои ҷамъиятӣ имконияти тағйирпазириро ба даст меоранд;

- таҳаввулоти идеологии ба таври низомнок амалишаванда метавонад хусусияти осоишта дошта, дигаргуниҳои иҷтимоию сиёсии дар ин замина ба вуҷудоянда баҳри субот ва таҳкими низом хизмат намоянд;

- таҳавулоти идеологии ба таври хаотикӣ гузаранда барои амният ва суботи ҷомеа таҳдидовар буда, он метавонад ба муташанниҷ гаштани авзои сиёсӣ дар заминаи бархӯрд ва зиддиятҳои ақидавӣ ва арзишӣ мусоидат намояд.

АДАБИЁТ

1. Лебон Г. Психология народов и масс/ Гюстав Лебон;(Перевод с франц. Э.Пименовой) – М. «Эксмо», - 2021. – 352с.

2. Ясперс, К. Смысл и назначение истории / К. Ясперс. — М. : ИПЛ, 1991. – 527с.

3. Ворожейкина Т., Арков В., Захаров А., Колесников А., Левинсон А., Петров Н., Рябов А./ Т,Ворожейкина, В. Арков, А.Захаров, А.Колесников, А. Левинсон,Н. Петров, А.Рябов. 1985-2015: ценности перестройки в контексте современной России/ [Электронный ресурс] //https://carnegie.ru/2015/05/28/ru-pub-60276 (дата обращения: 22.10.21)

4. Эмомалӣ Раҳмон. Таҳаввулоти конститутсионии Тоҷикистони соҳибистиқлол. – Душанбе, 2019. – С. 267.;Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Раҳмон Эмомалӣ/ [Манбаи электронӣ]/ http://prezident.tj/node/26483 (санаи мурочиат: 10.01.22)

5. Левада-Центр. Ответственность за успехи и проблемы. 11.12.17. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: www/levada.ru/ 2017/12/11. (дата обращения: 25.10.21)

6. Холиқзода А.Ғ. Асосгузори давлати миллӣ ва ё ҳафт дастоварди таърихии Пешвои миллат// А.Ғ.Холиқзода/ мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд.[Матн] – Душанбе, 2021. –506с.

7. Абдуллоҳи Раҳнамо. Ҳизби динӣ ва давлати дунявӣ/ Раҳнамо Абдулло/ [Матн]. – Душанбе, 2008. –226с.

8. Баротзода Ф., Нурулҳақов Қ. Вазъи динӣ-сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Ф.Баротзода, Қ.Нурулҳақов/ [Матн].- Душанбе, 2017.-128с.

9. Абдураҳмон Муҳаммад. Муқаддимаи идеяи миллӣ./ Муҳаммад Абдураҳмон/[Матн] – Душанбе, 2013. –180с.

10. Шарипов С.И. Перспектива развития мусульманского мира// С.И.Шарипов/ Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Паёми Маркази тадқикоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] – Душанбе, 2007, №2(15). –С.24-28.

11. Тираспольский Б. Идеологическая война как новый тип войны 21 века./ Б. Тираспольский/ [Электронный ресурс]. https://echo.msk.ru/blog/ btiraspolsky/952109-echo/ (дата обращения: 10.01.22)

12. Коровин В. Третья мировая сетевая война[текст]. – СПб.: Питер, 2014. – 352с.

ИДЕОЛОГИЧЕСКАЯ ЭВОЛЮЦИЯ И ПОЛИТИЧЕСКИЕ ПЕРЕМЕНЫ: ИХ ПРИРОДА И ХАРАКТЕРИСТИКИ В ОБЩЕСТВЕ

ХИДИРЗОДА МАХФИРАТ УМАР,
доктор философских наук, профессор, член Центральной комиссии
по выборам и референдумам Республики Таджикистан.
734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 42;
тел .: (+992) 918639754, e-mail: makfirat@mail.ru

Данная статья посвящена анализу идеологических проблем, их эволюции и влияния на политические изменения в обществе. Идеологическая эволюция рассматривается как источник перемен и трансформаций в обществах, а специфика этого процесса определяется с учетом реалий и политического опыта таджикского общества. На основе анализа необходимых материалов важным посчитано формирование национальной идеологии и ее роль в укреплении национальной государственности.

Ключевые слова: *государственность, национальность, идеология, перемены, общество, партия, борьба.*

IDEOLOGICAL EVOLUTION AND POLITICAL CHANGES: ITS ESSENS AND CHARACTERISTICS IN SOCIETY

HIDIRZODA MAHFIRAT UMAR,
Doctor of Philosophy, Professor, Member of the
Central Commission for Elections and Referenda Republic of Tajikistan.
734025,Tajikistan, Dushanbe city, ave., Rudaki 42;
tel .: (+992) 918639754, e-mail: makfirat@mail.ru

This article is devoted to the analysis of ideological problems, their evolution and influence on political changes in society. Ideological evolution is considered as a source of changes and transformations in societies, and the specifics of this process are determined by the realities and political experience of the Tajik society. Based on the analysis of the necessary materials, the formation of a national ideology and its role in strengthening national statehood is important.

Keywords: *Statehood, nationality, ideology, changes, society, party, struggle.*

УДК 323.396

АФКОРИ СИЁСИИ МУТАФАККИРОНИ ШАРҚУ ҒАРБ ОИД БА ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ КАДРӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ РУШДИ МИНБАЪДАИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

МИРЗОЗОДА ИБРОҲИМ ХОЛМУРОД,
унвонҷӯйи Маркази тадқиқоти стратегии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел.: 501010605; e-mail: ibragim-83.83@mail.ru

Таҳлилу таҳқиқи ҷанбаҳои илмию назариявии консепсияи сиёсати кадрӣ аз омӯзиши таълимоти сиёсӣ бояд оғоз гардад. Зеро ин падида таърихи хеле қадима дорад. Ҳанӯз аз аввалин лаҳзаҳои пайдоиши давлат донишмандон ва арбобони сиёсӣ дар атрофи устувор намудани давлатдорӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ва мустаҳкам сохтани ҳокимияти давлатӣ мулоҳизаронӣ намудаанд, ки ҳамаи онро бе сиёсати кадрии натиҷабахш амалӣ кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, ба масъалаи мазкур аз даврaҳои қадим мутафаккирони Шарқу Ғарб диққати зарурӣ додаанд. Гуфтан мумкин аст, ки таълимоти онҳо дар рушду инкишофи назарияи сиёсати кадрӣ ва ба замони муосир мутобиқ гардонидани фаъолияти элитаи сиёсӣ дар дараҷаи баланд таъсир расонидаанд. Таҳқиқи ин ва дигар паҳлуҳои ташаккулёбии сиёсати кадрӣ дар таълимоти мутафаккирони Шарқу Ғарб нишон дод, ки идеяҳои тибқи озмун интихоб намудани кадрҳо, тибқи хизматҳои шоиста интихоб ва ба вазифаҳои дигар таъин намудани кадрҳо (принсипи меритократия), тарбияи кадрҳо, ҷалби шахсони қобилиятнок ба таркиби элита ва ба ин восита таъмин намудани устувории системаи сиёсӣ таърихи чандинасра дорад. Дар самти давлатдорӣ ва давлатсозӣ низ муваффақияти бештар насиби онҳое шудааст, ки бо назардошти ғояҳои мазкур сиёсати кадрии худро ташаккул додаанд.

Калидвожаҳо: *сиёсати кадрӣ, тарбияи кадрҳо, интихоби кадрҳо, таъин намудани кадрҳо, шоистасолорӣ, бюрократияи ратсионалӣ.*

Ҳар як падидаи иҷтимоию сиёсӣ таърихи пайдоиш ва ташаккулёбии худро дорад. Раванди таҳаввулот ва дигаргуншавии он дар алоқамандӣ бо системаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа ба амал меояд. Бо назардошти чунин қонуният таҳлилу баррасии омилҳои таърихию сиёсии сиёсати кадрӣ аз аҳамияти назариявию методологӣ бархӯрдор мебошад. Зеро рушди назарияи сиёсати кадрӣ ва ташаккули идоракунии сиёсӣ берун аз

доираи чунин тамоюлот қарор надошта, маҳз дар зери таъсири афкори сиёсию фалсафӣ ва андешаҳои назариявӣ ба амал омадааст. Таҳлилу таҳқиқи ин паҳлӯи масъала нишон дод, ки аз даврaҳои қадим сар карда, то ба имрӯз таълимоти сиёсӣ дар робита бо рушди сиёсати кадрӣ андешаҳо ва консепсияҳои ниҳоятан ҷолиби диққатро дар бар мегиранд. Гуфтан мумкин аст, ки ҳамаи онҳо дар ташаккули консепсияи сиёсати кадрии замони муосир таъсири амиқ мерасонанд. Аз ҷумла, идеяи тибқи озмун интихоб кардани кадрҳо, тибқи хизматҳои шоиста интихоб ва ба вазифаҳои дигар таъин намудани кадрҳо (принсипи меритократия), тарбияи кадрҳо, ҷалби шахсони қобилиятнок ба таркиби элита ва ба ин восита таъмин намудани устувории системаи сиёсӣ то ба имрӯз аҳамияти илмию назариявӣ ва амалию сиёсии худро гум накардаанд. Таҳлилу баррасии андешаҳои мутафаккирони Шарқу Ғарб бори дигар шаҳодат аз он медиҳад, ки масъалаи сиёсати кадрӣ аз даврaҳои қадим диққати давлатдоронро ба худ ҷалб намудааст.

Дар рушди консепсияи сиёсати кадрӣ ва ташаккули меъёрҳои интихоби кадрҳо мутафаккирони Шарқ саҳми назаррас гузоштаанд. Дар амалияи сиёсию ҷамъиятӣ ва таълимоти фалсафии Чини Қадим масъалаи сиёсати кадрӣ, аниқтараш нақш ва мавқеи кадрҳо дар низоми идоракунии давлатӣ нақши барҷаста дошт. Гузашта аз ин, дар тӯли таърихи ҷаҳонӣ давлати чиниҳо аз рӯйи сатҳи баланди ташкилёбии дастгоҳи бюрократӣ аз дигар давлатҳо тафовути зиёд дошт. Чунин ҳолат бо он асоснок карда мешавад, ки таҳлилу баррасии ин масъала доимо дар афкори сиёсию фалсафии онҳо мавқеи муҳимро ишғол менамуд. Масалан, Конфутсий муътақид буд, ки низоми сиёсати кадрии ба таври дуруст ташкилшуда асоси сохтори давлатдории боадолатро ташкил медиҳад [8, с.28]. Маҳз аз ҳамин давра сар карда интихоби кадрҳои идоракунии давлатӣ тариқи озмун ва истифодаи принсипҳои меритократӣ бо назардошти хизматҳои шоёни мансабдорон ҳангоми ҷобаҷогузории кадрҳо дар Чини Қадим ба таври васеъ дар амал татбиқ карда мешавад. Ба андешаи С.Н. Паркинсон, дар асри XIX англисҳо ва фарнсавиҳо ин ғояҳоро нусхабардорӣ намуда, барои ташаккули сиёсати кадрии меритократӣ дар кишварҳои худ истифода бурдаанд [14, с.16].

Аз таърих маълум аст, ки ташаккули ҳайати кадрии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳокимияти маҳаллӣ дар асоси гузаронидани озмун таърихи қадима дорад. Аммо сарчашмаҳои таърихи истифодаи ин гуна меъёрҳоро дар анъанаҳои сиёсии давраи Конфутсий ва даврaҳои баъдӣ дидан мумкин аст. То давраи Конфутсий «непотизм», яъне ба вазифаҳо ва мансабҳои давлатӣ таъин намудани ашрофзодагон ва наздикони маъмурон асоси сиёсати кадрии давлатро ташкил медод, ки чунин тачриба дар илмҳои сиёсӣ яке аз нишонаҳои ҷомеаи анъанавӣ ва суннатӣ дониста мешавад.

Дар асоси озмун ташаккул додани сиёсати кадрӣ, ки аз ҷониби пайравони Конфутсий истифода бурда мешуд, дар ташаккули давлатдории Чини Қадим нақши бениҳоят бузург бозидааст. Аммо тибқи қонунҳои диалектикӣ ҳар як технологияи сиёсӣ метавонад пайомадҳои манфӣ низ дошта бошад. Чунин ҳолатро асосгузори назарияи элита олими италиявӣ М.Гоэтано мушоҳида намуда, қайд мекунад, ки «кам набуданд мавридҳое, ки аз саҳлангории имтиҳонгирандагон суиистифода намуда, онҳоро бо пул мехариданд. Чунин вазъият маънои онро дошт, ки худи намояндагони ҳукумат дараҷаҳои академиро ба нафарони ноогоҳ, ки аксари онҳо аз қишрҳои поёнии ҷомеа буданд, мефурӯхт ва ба онҳо имкон медод, ки дар муассисаҳои давлатӣ соҳиби вазифа шаванд» [11, с.192]. Бинобар ин, дар асрҳои минбаъда пайравон ва ҷонибдорони таълимоти Конфутсий кӯшиш намудаанд, ки бо «коррупсияи кадрӣ» муборизаи беамон баранд. Дар асрҳои миёна яке аз чунин нафарон Ли Гоу (асри XI) иброз медорад, ки «бо тагу рӯ кардани маълумотҳои хаттии номзадҳо имтиҳонгирандагон афзалиятнокии кадрҳоро наметавонанд муайян созанд» [5, с.137]. Аммо дар байни номзадҳо як қатор нафароне ҳам буданд, ки хотираи қавӣ доштанд ва матнҳои зиёдро аз бар намуда буданд, аммо дар фаъолияти низоми давлатӣ ва идоракунии давлатӣ ҳеҷ саҳме гузошта наметавонистанд. Мутаассифона, чунин нафарон аз ҷониби баъзе мансабдорон пуштибонӣ меёфтанд.

Чунин хатари тамаддуниро дарк намуда, асосгузори мактаби легизм Шан Ян принсипи низоми хизматҳои шоистаро ҳамчун принсипи асосии ташаккули сиёсати кадрӣ муаррифӣ ва пешниҳод намуда буд. Ба ақидаи ӯ, «усули асосие, ки ҳокимон барои идоракунии давлат истифода мекунанд, бояд чунин бошад: дар иҷроиши ҳама кор қонунро бояд риоя кард ва ҳангоми мукофотонидан хизматҳои шоёни шахсиро бояд ба инобат гирифт. Майлу хоҳиши ба даст овардани мансаб одамонро ба ҷасурию далерӣ водор менамояд» [19, с.227]. Тибқи ин меъёр, ба инобат гирифтани ғояҳои Конфутсий нею, ба инобат гирифтани хизматҳои шоёни хизматчиёни давлатӣ бояд омили боло рафтани онҳо дар зинаҳои мансабӣ мешуданд. Бояд гуфт, ки бори аввал дар таърихи инсоният «ҷадвали мансабҳои давлатӣ»-ро мактаби легизм таҳия намуда буд, ки дар он таносуби хизматчиёни шаҳрвандӣ ва ҳарбӣ муайян гардида, риояи ҳатмии гузариш ба зинаҳои мансабӣ тақозо карда мешуд. Ин ғояҳо дар рафти амалигардонии «инқилоби фарҳангӣ» ва «ҷаҳиши бузург»-и Мао Тзэдун, дар амалияи сиёсати кадрии давраи Сталин ба таври васеъ истифода бурда шудаанд.

Ба масъалаи ташаккули сиёсати кадрӣ файласуфони Ҳиндустони Қадим низ диққати зиёд додаанд. Барои мисол, асосгузори фалсафаи сиёсии ҳинд Чанакя Каутиля дар асари бунёдии худ «Артхашастра» чанд зербобро ба таҳлилу баррасии сиёсати кадрӣ бахшидааст. Ба андешаи ӯ, ҳоким нафаронеро бояд ба

ҳайси вазир таъин намояд, ки бо ҳисобу китоб ва даромадҳо сару кор мегиранд ва чунин вазифаҳоро тибқи дастур иҷро карда метавонанд, зеро короии онҳо дар чунин шароит муайян мешавад» [7, с.23]. Дар маҷмӯъ, гуфтан мумкин аст, ки анъанаҳои сиёсии Шарқи Қадим вобаста ба масъалаи сиёсати кадрӣ ва интихоби кадрҳо на танҳо ба консепсияи сиёсати кадрии Чин ва Ҳиндустони муосир таъсири зиёд расонидаанд, балки дар як қатор кишварҳои аврупоӣ низ осори онҳоро дидан мумкин аст.

Сиёсати кадрии аҳди қадим аз хусусиятҳои муҳими рушди полисҳои юнонӣ ва сохтори сиёсии онҳо, ки бештар хусусияти демократӣ доштанд, вобастагии зиёд дорад. Идеяҳои интихобӣ будани мансабдорон ва ба сифати субъекти равандҳои кадрӣ тасаввур гардидани ҷомеаи шаҳрвандӣ дар асарҳои мутафаккирони Юнони қадим Афлотун ва Арасту ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ гардида, консепсияи қадимаи назарияи сиёсати кадриро ташкил намудаанд.

Мувофиқи таълимоти Афлотун, дастгоҳи маъмурӣ аз табақаи махсуси файласуфон бояд пурра гардонида мешуд. Табақаи дигари ҷомеаро ҳарбиён ташкил медод, ки онҳо неруҳои таъминкунандаи тартиботи ҷамъиятӣ бояд маҳсуб меёфтанд. Мансубият ба табақаи файласуфон ва ҳарбиён хусусияти меросӣ надошт, онро аз рӯйи қобилияти шаҳрвандон муайян мекарданд. Ба андешаи Афлотун, дар давлати идеалӣ интихоби маъмурон ва ҳарбиён бояд аз овони кӯдакӣ оғоз ёбад. Ӯ иброз медорад, ки «дар байни одамони сину соли гуногун нафаронеро пайдо намудан лозим аст, ки барои ҳифзи ғояҳои мазкур қодир бошанд» [16, с.161]. Бояд гуфт, ки андешаҳои Афлотун роҷеъ ба тарбияи кадрҳо дар асрҳои минбаъда, аз ҷумла дар замони муосир дар консепсияҳои гуногуни элитарӣ ҷойгир карда шудаанд.

Андешаҳои Афлотун аз ҷониби мутафаккири дигари Юнони Қадим Арасту, ки ҳамзамон шогирди ӯ ба шумор мерафт, ноустувор ва номақбул дониста шудаанд. Арасту меъёрҳои интихоби шаҳрвандон барои ишғоли мансабҳои давлатиро, ки дар асари Афлотун «Давлат» баён гардидаанд, таҳлил намуда, қайд менамояд, ки «тартиби ишғоли мансабҳо дар таълимоти Афлотун ноустувор аст. Аз дидгоҳи Афлотун ҳокимият бояд дар дасти табақаи мушаххаси одамон қарор дошта бошанд. Аммо чунин ҳолат сарчашмаи бедор шудани қаҳру ғазаби одамон мешавад. Агар одамоне, ки афзалияти камтар доранд, аз чунин ҳолат ошуфтахотир гарданд, чи расад ба ҳарбиён ва ҷанговарон» [1, с.67]. Ба андешаи Арасту, хоҳишмандони мансабҳои давлатӣ бояд се сифатро доро бошанд: «якум, бояд сохтори давлатии мавҷударо дарк карда тавонанд; дуюм, ӯҳдадориҳои худро дар доираи мансаби ишғолнамуда иҷро карда тавонанд; сеюм, аз рӯйи адолатнокӣ ва хислатҳои шахсие, ки сохтори давлатии мушаххас тақозо менамояд, аз дигарон фарқ намояд» [1, с.184].

Ба андешаи Арасту шакли беҳтарини сохтори давлатӣ «полития» мебошад, ки он дар худ нишонаҳои беҳтарини олигархия ва демократияро нигоҳ медорад. Полития шакли миёнаи давлат мебошад ва дар он ҳамаи унсурҳои зарурӣ дар сатҳи миёна зоҳир мешаванд: дар ахлоқ – рафтори муътадил, дар моликият – даромади миёна, дар ҳукмронӣ – синфи миёна [6, с.61]. Ҳамин тариқ, Арасту аввалин шуда масъалаи ташаккули синфи миёнаро ба миён гузошта, самаранокии ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунии давлатиро аз он вобаста донистааст. Дар маҷмӯъ, гуфтан мумкин аст, ки андешаҳои Арасту дар ташаккули низоми антрепренерии интихоби кадрҳо заминаи муҳим гузошта, истифодаи онро дар давлатҳои дорои системаҳои сиёсии демократӣ имконпазир гардонидааст.

Дар муқоиса аз Юнони қадим дар Рими қадим сиёсати кадрӣ ғолибан аз ҷониби сарварони сиёсӣ ва арбобони давлатӣ ташаккул дода шудааст. Аз ҷумла ислоҳоти сиёсати кадрии императорҳои римӣ Гай Юлий Сезар, Октавиан Август ва Адриан мисоли равшани ин гуна амалҳо мебошад. Дар маҷмӯъ, таҳлили рушди эволютсионии сиёсати кадрӣ дар Рими қадим нишон медиҳад, ки масъалаи интихоби кадрҳо ва ташаккули дастгоҳи маъмурӣ аз сатҳи рушди сиёсии ҷомеа ва дараҷаи мураккабии системаи иҷтимоӣ вобаста буд. Зеро афзоиши шумораи тобеон, мураккабшавии низоми иқтисодӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ, гуногунрангии таркиби этникии аҳолӣ ва ҳудудҳои он ташаккули дастгоҳи маъмурии чандзинагӣ ва роҳу усулҳои интихоби кадрҳоро тақозо менамуд.

Дар асрҳои миёна бошад бинобар сабаби тағйир ёфтани авзои сиёсӣ ва ба вуҷуд омадани системаҳои сиёсии феодалӣ сохтори сиёсии давлатҳо низ ба дигаргунии ҷиддӣ дучор мешаванд. Ҳамзамон ҳокимияти давлатӣ тобеи ибодатхонаҳо гардида, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо низ аз рӯйи принсипҳои дигар, яъне дар заминаи меъёрҳои динӣ ба роҳ монда мешавад. Аммо дар замони нав дар Аврупо як қатор дигаргуниҳое рух медиҳанд, ки муносибат ба дастгоҳи маъмурӣ, принсипҳои идоракунии давлатиро куллан тағйир медиҳанд. Чунин дигаргуниҳо дар сатҳи тафаккури одамон, афкори чамъиятӣ ва пеш аз ҳама дар асарҳои мутафаккирони ин давра инъикос ёфтаанд.

Масъалаҳои ҷудогонаи ташаккулёбии бюрократияро олими немис Ф.Г. Гегел ба таври умумӣ таҳлил намуда буд. Ӯ дар асари худ «Фалсафаи ҳуқуқ» дар бораи сиёсати кадрӣ андешаҳои прогрессивӣ баён намуда буд. Гегел ҷонибдори он набуд, ки ҷалби шахсони нобиға ва донишманд ба хизмати давлатӣ мақсади сиёсати кадриро ташкил намояд (чи гунае, ки маълум аст, то ба имрӯз баъзе олимон ба воситаи тестҳои IQ мехоҳанд озмун гузаронанд), балки моҳияти сиёсати кадриро, ба андешаи ӯ, интихоби шахсоне ташкил медиҳанд, ки вазифаҳои ҳамарӯзаи худро софдилона ва ба таври дуруст иҷро карда метавонанд. Ғайр аз ин, Гегел нақши ҷомеаи шаҳрвандиро дар ташаккулёбии сиёсати кадрӣ

ва интихоби кадрҳо барои мақомоти ҳокимияти давлатӣ асоснок намуда буд. Чи гуна аз асарҳои ӯ маълум аст, Гегел яке аз олимоне мебошад, ки дар омӯзиши ҷомеаи шаҳрвандӣ саҳми арзанда гузоштааст. Ба андешаи ӯ, «барои оне, ки мансабдорон худро ба монанди аристократҳо аз ҷомеа ҷудо насозанд, барои оне, ки дониш ва қобилиятҳои онҳо ба амалҳои худсарона табдил наёбанд, онҳоро аз боло мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ва аз поён ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд назорат намоянд» [3, с.389]. Андешаи аз ҳама арзишманди Гегел дар он ифода меёбад, ки ӯ легитимияти ҳокимияти давлатӣ ва самаранокии фаъолияти ниҳодҳои давлатиро аз сиёсати кадрӣ вобаста намудааст. Ӯ муътақид аст, ки маҳз сиёсати кадрӣ қодир аст, ки ниҳодҳои давлатиро дар назари мардум ва дар байни ҷомеаи шаҳрвандӣ мароқангез намояд. Дар ин бора чунин қайд менамояд: «сиёсати кадрӣ масъалае мебошад, ки аз он ризоияти шаҳрвандон ва боварии мардум ба ҳукумат вобаста аст» [3, с.388]. Таълимоти Гегел дар бораи бюрократия, маъмурони давлатӣ, идоракунии давлатӣ ва сиёсати кадрӣ ба андешаҳои олимони асрҳои XIX ва XX таъсири амиқ расонидаанд. Зеро ғояҳои асосии Гегелро дар консепсияи «бюрократияи ратсионалӣ»-и М.Вебер, консепсияҳои элитарии М.Гоэтано, В.Паретто ва Р.Михелс мушоҳида намудан мумкин аст. М.Вебер аввалин шуда, иброз медорад, ки бюрократияи ғарбӣ ва сиёсати кадрии он падидаи нави сиёсӣ мебошад. Сиёсати кадрии давлат дар доираи консепсияи бюрократияи ратсионалии ӯ мансубияти қавмию авлодӣ ва иродаи харизматикии сарвари сиёсиро дар интихоб ва таъини кадрҳо истисно намуда, қобилияти касбии номзадҳоро аз рӯйи нишондодҳои гуногун зарур мешуморад [2, с.47].

Дар ташаккули консепсияи сиёсати кадрӣ К.Маркс ва Ф.Энгелс низ саҳми арзанда гузоштаанд. Агар Гегел ва М.Вебер асосгузорони назарияи «бюрократияи ратсионалӣ» маҳсуб ёбанд, К.Маркс ва Ф.Энгелс онро танқид кардаанд. Имконпазир будани самаранокгардонии бюрократия тариқи модернизатсияи сиёсати кадрӣ дар таълимоти К.Маркс инкор карда мешавад. Ба андешаи ӯ, бюрократия ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ манфиатҳои синфи ҳукмронро ифода менамояд. Дар муносибат бо бюрократи алоҳида чунин гуфтан мумкин аст, ки дар пайи ба даст овардани мансаби баланд ва мартабаи нав мақсади давлатӣ ба мақсади шахсии ӯ табдил меёбад» [9, с.272].

Ҳамин тавр, нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ташаккули сиёсати кадрии давлат дар таълимоти марксистӣ инкор карда мешуд. Тибқи ин таълимот мансабдорон ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ шароит намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ дар давлат ба шумор намерафтанд ва ҳамзамон ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ субъектҳои сиёсати кадрӣ дониста намешуд. Ба андешаи К.Маркс, ҳатто системаи сиёсии демократӣ ва кушода наметавонад мухолифатҳои байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро аз байн бубарад. Зеро шахси ба мансаб интихобшуда ё таъингардида дигар қисми ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳсуб намеёбад ва ӯ аллакай ба

унсури таркибии гурӯҳи бюрократӣ табдил ёфтааст. Ӯ муътақид аст, ки имтиҳони озмунҳои кадрӣ эътирофи донишҳои сиёсии номзадҳо ҳамчун афзалияти онҳо мебошад ва аз ин беш буда наметавонад [9, с.277]. Гузашта аз ин, тартиби гузаронидани имтиҳони интихоби кадрҳо доимо аз иродаи субъекти сиёсӣ вобаста мебошад. К. Маркс ба хулосае омада буд, ки сиёсати кадрӣ чӣ қадар мукаммале ҳам, ки набошад, он қодир нест, ки мухолифатҳои байни бюрократия ва синфи коргарро аз байн бубарад. Бинобар ин ӯ пешниҳод менамуд, ки ин ниҳод дар раванди инқилоби коммунистӣ бояд аз байн бурда шавад [9, с.277].

Дар ташаккули консепсияи сиёсати кадрӣ олими франсавӣ Алексис де Токвил ва файласуфони англис Ҷ.С. Мил ва Г.Спенсер саҳми арзишманд гузоштаанд. Ҳарчанд дар таълимоти мутафаккирони мазкур ғояҳои зиддибюрократӣ баён гардида бошанд ҳам, ба воситаи онҳо камбудию норасоиҳои консепсияи сиёсати кадрӣ бартараф карда шуда, он ба замона мувофиқ гардонида шудааст. А. де Токвил дар асари худ «Демократия дар Амрико» асосан ба таҳлилу таҳқиқи низоми идоракунии давлатии ИМА машғул гардидааст. Дар мавриди сиёсати кадрӣ ва норасогии он низ бо назардошти хусусиятҳои он давра андешаҳои худро баён доштааст. Аммо дар аввал ёдовар шудан аз низоми сиёсати кадрӣ ва меъёрҳои амалишавии он дар ИМА хеле муҳим аст. Дар асри XIX ва ибтидои асри XX дар ҳаёти сиёсии ИМА принсипи «ғанимат аз ғолиб» амал менамуд. Мафҳуми «низоми ғаниматҳо»-ро сенатор У.Марси бори аввал баён намуда, талаб карда буд, ки ҳамаи ғаниматҳо бояд насиби ғолибон шаванд. Зери мафҳуми «ғолиб» ҳизби ба сари қудрат омада ва зери мафҳуми «ғанимат» бошад мансабҳои давлатиро мефаҳмиданд [4, с.21]. Дар амалияи сиёсӣ ин ҳолат маънои онро дошт, ки ҳизби дар интихобот ғолибшуда мансабдоронеро, ки аз ҷониби ҳукумати пештара таъин шуда буданд, қариб ки пурра аз вазифа озод менамоянд ва ба ҷои онҳо дӯстон ва ҳаммаслакони худро таъин мекунанд [13, с.43].

Чунин тафрибаро А. де Токвил ба инобат гирифта, норасогиҳои низоми антрепренерии «тақсими ғаниматҳо»-ро нишон додааст. Ба андешаи ӯ, дар шароити истифода шудани ин тафриба, ки он дар ИМА ҷорӣ буд, «одамон ба мансабҳои давлатӣ тасодуфан таъин мешаванд, бинобар ин чунин одамон боварӣ надоранд, ки ба муваффақият ноил мешаванд ё не. Дар натиҷа идоракунии давлатӣ ноустувор мегардад» [18, с.166]. Хусусиятҳои сохтори дастгоҳи бюрократии амрикоӣ ва сиёсати кадрии онро А. де Токвил аз хусусиятҳои системаи сиёсии демократии ИМА вобаста намуда буд. Ба андешаи ӯ, дар ин кишвар нуфузи хизмати давлатӣ дар дараҷаи хеле поён қарор дорад, ки ин ҳолат натиҷаи маданияти сиёсии демократӣ мебошад [18, с.458]. Ба ҳамаи ин гуфтаҳо нигоҳ накарда, дар солҳои минбаъда амалияи сиёсии давлатсозӣ дар ИМА нишон дод, ки бе низоми самараноки интихоби кадрҳо ва бе истифодаи сиёсати

кадрӣ ташкил намудани ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунии давлатии натиҷабахш ҳатто дар шароити давлати демократӣ низ ғайриимкон аст.

Мавқеи зиддибюрократии А. де Токвил дар асарҳои файласуфони англис Ҷ.С. Мил ва Г.Спенсер ба таври барҷаста ба мушоҳида мерасад. Ҷ.С. Мил дар асари машҳури худ «Дар бораи озодӣ» ба хулосае меояд, ки сиёсати кадрии самаранок дар дастгоҳи давлатӣ ба озодии одамон таҳдид менамояд ва метавонад пояҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандиро заиф гардонад. Ба қавли ӯ, «чӣ қадаре, ки сиёсати кадрӣ аз табақаҳои гуногуни ҷамъиятӣ шахсони лаёқатмандро ба ҷониби худ ҷалб намояд, чӣ қадаре ки онҳоро барои амалишавии мақсадҳои худ тарбия кунад, ҳамон қадар тобеияти умумӣ зиёд мешавад» [10, с.390]. Ба монанди ин, Г.Спенсер низ рушди технологияи интихоб ва тарбияи кадриро таҳдид ба озодиҳои сиёсии шахс муаррифӣ намудааст. Ӯ баргузоршавии озмунҳои интихоби кадриро баҳогузорӣ намуда, онро воситаи дастраси ҷавонон намудани хизмати давлатӣ медонанд, ки дар натиҷа рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз кадрҳои болаёқат маҳрум мемонанд [17, с.53]. Дар маҷмӯъ, Ҷ.С. Мил ва Г.Спенсер нуқтаи назареро пешниҳод намудаанд, ки тибқи он сиёсати кадрии самаранок рушди инноватсионии ҷомеаро таъмин карда наметавонад. Албатта, таҳлили ҳамаҷонибаи андешаҳои мутафаккирони мазкур нишон медиҳад, ки онҳо сиёсати кадриро якҷониба, яъне танҳо бо назардошти рушди озодӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ шарҳ додаанд. Аз ин рӯ, норасогиҳои ин таълимот дар асарҳои М.Гоэтано, В.Парето ва Р.Михелс нишон дода шуда, нақши элитаи сиёсӣ, махсусан ташаккули элита ва сиёсати кадрию интихоби кадрӣ дар дараҷаи хеле баланд қарор дода мешавад.

Олими италиявӣ В.Парето дар рушди назарияи сиёсати кадрӣ саҳми беназир гузоштааст. Консепсияи «гардиши элита» дар ташаккули сиёсати кадрии замони муосир низ метавонад истифода бурда шавад. Ба андешаи ӯ, аз сабаби оне, ки аз аввалин лаҳзаҳои пайдоиши худ ба таркиби элитаи ҳукмрон ва дастгоҳи маъмурӣ шахсони қобилиятнок ворид мешаванд, вай доимо ба устуворшавӣ майл мекунад. Бинобар ин, элитаи сиёсӣ ба ҷалби истеъдодҳо ва мутахассисон аз табақаҳои дигари ҷомеа ниёз дорад [14, с.67]. Ба андешаи В.Парето, мансубияти инсон ба элита аз рӯйи хислатҳои психологии шахс муайян карда мешавад. Зеро на ҳамаи одамоне, ки хислатҳои элитарӣ доранд, барои ҳукмронӣ намудан майлу рағбат нишон медиҳанд. Аммо одамони қобилиятноку дорои хислатҳои элитарие, ки бо сабабҳои мавқеи иҷтимоии худ ба таркиби роҳбарияти сиёсӣ дохил шуда наметавонанд, ба таркиби аксулэлита ворид мегарданд. Ба андешаи В.Парето, барои нигоҳ доштани тавозуни иҷтимоӣ бояд марҳила ба марҳила ба таркиби элитаи ҳукмрон шахсони дорои сифатҳои элитарӣ ворид карда шаванд. … В.Парето раванди мазкурро таҳлил намуда, иброз медорад, ки таърихи инсоният таърихи аз як даст ба дасти дигарон гузаштани ҳокимият мебошад [12, с.213-214]. Бояд гуфт, ки консепсияи «гардиши элита» ҳангоми таҳлил ва баҳогу-

зории самаранокии сиёсати кадрии давлат аҳамияти бағоят зиёд дорад. Зеро ба воситаи он исбот намудан мумкин аст, ки барои баланд бардоштани самаранокии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ сиёсати кадрие лозим аст, ки таҷдиди элитаро бо назардошти тағйирёбии муҳити берунаи системаи сиёсӣ таъмин карда тавонад. Ҳамзамон чунин омил заминаи муҳимми устувории системаи сиёсӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, таҳлилу баррасии андешаҳои сиёсии мутафаккирони Шарқу Ғарб роҷеъ ба зарурият ва муҳимияти сиёсати кадрӣ нишон дод, ки ин падида таърихи тӯлонӣ дорад ва онро ҳамчун воситаи сутувор гардонидани системаи сиёсии ҷомеа мешуморанд. Инчунин омӯзиши ин масъала дар қаринаи таърихи таълимоти сиёсӣ муайян намуд, ки бисёре аз принсипҳои сиёсати кадрӣ, ки дар замони муосир истифода бурда мешаванд, ҳанӯз дар аҳди қадим ташаккул дода шудаанд. Аз ҷумла, идеяҳои тибқи озмун интихоб намудани кадрҳо, тибқи хизматҳои шоиста интихоб ва ба вазифаҳои дигар таъин намудани кадрҳо, тарбияи кадрҳо, ба таркиби элита ҷалб намудани қобилиятҳо, таҷдиди элита ва ғ. таърихи чандинасра доранд. Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки сиёсати кадрӣ ва дар раванди таърих марҳила ба марҳила ташаккул ёфтани он дар рушди низоми идоракунии давлатӣ ва устувор гардонидани ҳокимияти сиёсӣ нақши муҳим бозидааст. Аз ин рӯ, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки дар шароити муосир низ бояд сиёсати кадрии давлат ҳамаҷониба бояд таҳқиқ гардад ва ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат иқтидори сиёсию иҷтимоии он бояд истифода бурда шавад.

АДАБИЁТ

1. Аристотель. Политика. Афинская полития. –М.: Мысль, 1997.–343 с.
2. Вебер М. Избранные произведения. –М.: Прогресс, 1990. – 808 с.
3. Гегель Г.В.Ф. Философия права. –М.: Мир книги, 2007. – 464 с.
4. Государственная служба в зарубежных странах. Уфа: РИО БАГСУ, 1995. – 95 с.
5. Искусство властвовать. План обогащения государства. План усиления армии. План успокоения народа. Лю Шао о человеческом существе. –М.: Белые альвы, 2001. –286 с.
6. История политических и правовых учений. –М.: ИНФРА-М, 1996. – 364 с.
7. Каутилья Ч. Артхашастра или наука политики. –М.: Ладомир, 1993. –793 с.
8. Конфуций. Мысли. Изречения. Афоризмы. –Минск: Современное слово, 1998. – 384 с.
9. Маркс К., Энгельс Ф. Полное собрание сочинений. Издание второе. Т.1. К критике гегелевской философии права. –М.: Государственное издательство политической литературы, 1954. –С.272.

10. Миль Дж.С. О свободе // Антология западноевропейской классической либеральной мысли. –М.: Наука, 1995. –С.390.

11. Моска Г. Правящий класс // Социологические исследования. –1994. –№10. –С.192.

12. Муҳаммад А.Н., Хидирзода М.У., Сафарализода Х.Қ. Сиёсатшиносӣ. – Душанбе: Паёми ошно, 2018. – 416 с.

13. Оболонский А.В. Кадровая политика в федеральной государственной службе США: история и современность // Общественные науки и современность. – 2001. –№3. –С.43.

14. Парето В. Кондопендиум по общей социологии // Антология мировой политической мысли. Т.2. Зарубежная политическая мысль XX века. –М.: Мысль, 1997. –С.67.

15. Паркинсон С.Н. Законы Паркинсона. –Минск: Поппури, 1997. – 528 с.

16. Платон. Государство. Законы. Политик. –М.: Мысль, 1998. –798 с.

17. Спенсер Г. Личность и государство. Челябинск: Социум, 2007 – 207с.

18. Товиль А. Демократия в Америке. –М.: «Весь мир», 2000. – 554 с.

19. Шан Ян. Книга правителя области Шан. –М.: Ладомир, 1993. – 392 с.

ПОЛИТИЧЕСКИЕ ВОЗЗРЕНИЯ МЫСЛИТЕЛЕЙ ВОСТОКА И ЗАПАДА О ФОРМИРОВАНИИ КАДРОВОЙ ПОЛИТИКИ КАК ПРЕДПОСЫЛКИ РАЗВИТИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ

МИРЗОЗОДА ИБРОХИМ ХОЛМУРОД,
соискатель Центра стратегических исследований при
Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 40;
тел.: 501010605, e-mail: ibragim-83.83@mail.ru

Анализ и исследование научно-теоретической основы концепции кадровой политики необходимо начинать с изучения политических воззрений мыслителей. Ибо этот феномен имеет длительную историю. Еще на первых порах появления государства на вопрос об укреплении государственности, повышения эффективности государственного управления и укрепления политической власти обращали внимание философы и политические деятели, которые в своих трудах решение вышеназванных проблем считали невозможным без эффективной кадровой политики. Именно поэтому начиная с античных времен на этот вопрос обращали особое внимание мыслители Востока и Запада. Можно сказать, что их учения оказали значительное влияние на развитие теории кадровой политики и модернизацию деятельности политической элиты. Изучение этих и других аспектов формирования кадровой политики в учениях восточных

и западных мыслителей показало, что идеи конкурсного отбора, подбора и назначения на другие должности, воспитание кадров, привлечение талантливых людей в элитные круги и обеспечение стабильности политической системы с помощью этого средства имеет долгую историю. В деле государственности и государственного строительства наибольших успехов добивались те, кто формировал свою кадровую политику с учетом этих идей.

Ключевые слова: *кадровая политика, воспитание кадров, отбор кадров, назначение кадров, меритократия, рациональная бюрократия.*

THE POLITICAL DOCTRINE OF THINKERS OF THE EAST AND WEST ON THE FORMATION OF PERSONNEL POLICY AS A PREREQUISITE FOR THE DEVELOPMENT OF PUBLIC ADMINISTRATION

MIRZOZODA IBROHIM KHOLMUROD,
Applicant of the Center for Strategic Research under the
President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe, 40 Rudaki ave;
tel.: 501010605, e-mail: ibragim-83.83@mail.ru

The analysis and asudy of the scientific theoretical basis of the concept of personnel policy should begin with the study of the political views of thinkers. Because this phenomenon has a long history. Even in the first year of the appearance of the state, philosophers and political figures attention to strengthening statehood, increasing the efficiency of public administration and strengthening political power, who, in their works, considered it impossible to solve the above problems without an effective personnel policy. That is why, since ancient times, thinkers of the East and West have been paid special attention to this issue. It can be said that their doctrines had a significant impact on the development of the theory of personnel policy and the modernization of the activitiys of the political elite. The study of these and other aspects of the formation of personnel policy in the doctrines of Eastern and Western thinkers has shown that the ideas of competitive selection, selection and appointment to other positions, education of personnel, attraction of talented people to in elite and ensuring the stability of the political system through this means has a long history. In the matter of statehood and state building, the greatest successes were achieved by those who formed their personnel policy taking into account these ideas.

Keywords: *personnel policy, education of personnel, selection of personnel, appointment of personnel, meritocracy, rational bureaucracy.*

УДК:327

ПОСРЕДНИЧЕСТВО И ЕГО РОЛЬ В УРЕГУЛИРОВАНИИ МЕЖДУНАРОДНЫХ КОНФЛИКТОВ В ПРОЦЕССЕ ПЕРЕГОВОРОВ

ЗАХИДОВ ОЧИЛ ХОДЖИБАЕВИЧ
доктор философских наук, профессор кафедры общественных наук
Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики
735700, Таджикистан г. Худжанд,17 мкр, дом 1;
тел: (+992) 92-720-30-47, e-mail: otchil_zakhidov@rambler.ru

САРКОРБОБОЕВА МУНЗИФА МУМИНДЖОНОВНА
старший преподаватель общеуниверситетской кафедры
политологии Худжандского государственного университета
имени академика Б. Гафурова.
735700, Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлонбекова 1;
тел: (+992) 928-98-44-43; e-mail: munzifa@mail.ru

В статье рассматривается вопрос о посредничестве и его роли в урегулировании международных конфликтов. Отмечается, что исследуемая тема вызывает наибольший интерес в контексте международных переговоров и играет ключевую роль в переговорном процессе в целом.

Следует отметить, что урегулирование международных конфликтов становится приоритетом в глобальной повестке дня, и разрушительные последствия конфликтов во все более глобализированном мировом порядке нельзя игнорировать.

Подведя итог, автор статьи приходят к выводу, что в динамике продолжающихся войн в современном мире наблюдается настолько быстрое разрастание, что ООН, Совету Безопасности и международным организациям необходимо оперативно предпринимать шаги для минимизации и предотвращения возникновения любого конфликта в будущем.

Ключевые слова: *посредничество, международные отношения, урегулирование международных конфликтов, переговоры, глобальная повестка.*

По дипломатическому определению переговоры — это точка соприкосновения двух или более суверенных государств. Следовательно, это единственный процесс государственной власти, который, в любом случае, никогда не может прибегнуть к принуждению; его действие осуществляет-

ся посредством диалога, также известного как переговоры. По утверждению С.М. Миркасымова «переговоры — это обсуждение с другой стороной до тех пор, пока не будет найден общий язык» [5; с.14]. Следует учесть, что это не навязывание своей воли силой, хотя и давление не исключено. Кроме того, вопреки распространенному мнению, речь идет не о попытках обмануть партнера.

В свою очередь, Лебедева М. М. указывает, что «переговоры один из старейших видов человеческой деятельности, направленный на решение проблем при организации сотрудничества или урегулирования конфликтной ситуации» [4; с.105].

Во-первых, переговоры — это правильное объяснение своей позиции и попытка понять, чего хочет другая сторона. Он и докзывают, что являются наиболее важными для каждой стороны, что можно было уравновесить уступки. Поэтому переговоры, естественно, сводятся к торгу во всем, что требуется точки зрения проницательности и осмотрительности. Однако речь идет также о том, чтобы необходимо говорить правду, поскольку лживый переговорщик быстро разоблачается; не внушая доверия, он может только потерпеть неудачу. Наконец, переговоры — это преодоление противоречий с помощью воображения, ключ к успеху. Вот почему переговоры — это искусство, которому, можно научиться, но которому нельзя научить. Прямые контакты между политическими лидерами положили конец этому золотому веку. В современной политической науке выделяют традиционных актёров международных переговоров, которыми являются государства. Но существуют также нетрадиционные актёры, активно участвующие в международных переговорах, такие как международные организации, транснациональные корпорации (ТНК), международные неправительственные организации (МНПО) и отдельные личности. Эти международные организации для выполнения своих обязанностей также должны иметь международную правосубъектность. Они также активно участвуют в международных переговорах, когда необходимо решать вопросы как между странами, так и внутри страны.

Наибольший интерес в международных переговорах привлекает посредничество. Посредничество между отдельными актёрами, государствами, корпорациями, организациями. Посредничество играет ключевую роль в переговорном процессе.

Определяя посредничество как одно из важнейших средств мирного разрешения международных конфликтов, авторы Дипломатического словаря отмечают, что «суть посредничества заключается в том, что какая-либо третья, не участвующая в споре сторона в соответствии с международным правом организует по своей инициативе или по просьбе спорящих сторон

переговоры между ними в целях мирного разрешения спора, зачастую принимая непосредственное участие в этих переговорах» [1; с. 480].

Э.А.Пушмин отмечает, что посредничество, целью которого является всесторонняя помощь для мирного урегулирования конфликтов, решает следующие основополагающие задачи: «организация переговоров, участие в них, поиск взаимоприемлемых формул решения» [8; с.11].

XVI век в истории Европы ознаменовался началом нового этапа в развитии посредничества на международной арене. В этот период можно наблюдать, что с целью достижения своих целей и интересов, а также для получения консенсуса при политических спорах европейские государства все чаще стали прибегать к помощи посредника - третьей нейтральной стороны (в исторических источниках используется термин медиатор). Относительно данного положения немецкий ученый-правовед Герт Уединг утверждает: «В XVI в. медиация доминирует в дипломатической практике и вытесняет, ставшее уже к этому времени традиционным, третейское разбирательство (арбитраж); с середины XVII в. международные договоры о мире заключаются только с участием посредника, с использованием процедуры медиации» [13]. Д. Кроули и К. Грэма высказывают свою точку зрения, что «медиация — это процесс, где беспристрастная третья сторона помогает спорным сторонам разобраться в существующих между ними разногласиях, понять их и, по возможности, разрешить их спор» [6; с.41]

В качестве примера можно привести Вестфальский мирный договор 1648 года, который стал финалом одной из самых долгих войн в Европе – тридцатилетней войны. В истории дипломатии до настоящего времени нет ничего похожего по ведению подобных долгих мирных переговоров. Несомненным является тот факт, что при достижении консенсуса между участниками политического конфликта, то есть между противоборствующими государствами, основополагающую роль сыграло участие посредника.

Для сохранения мирного пространства между европейскими государствами вплоть до XX века в практике международных отношений широко применялось посредничество, которое активно развивалось. Гаагская конвенция «О мирном разрешении интернациональных конфликтов», принятая в 1907 году на II Гаагской мирной конференции, рекомендует странам-участникам конфликтов при возникновении противоречий и разногласий обратиться к помощи третьей нейтральной стороны, то есть к посредникам. В тексте Конвенции используются термины «медиация» и «добрые услуги». Отмечается, что «добрые услуги» – это содействие конфликтующим государствам в налаживании мирных отношений, без разрешения конкретной ситуации, а «медиация» – это не только примирение сторон, но и помощь в решении конкретного конфликта». В данном случае принцип доб-

ровольности составляет основу применения подобных процедур – лишь «в случае взаимного согласия государств, их разногласия могут быть урегулированы при участии третьего независимого государства» [12]. Однако, как показывает история, данные рекомендации конвенции совершенно не употреблялись государствами – участниками Гаагской конвенции 1907 года. Доказательством тому являются войны, которые в огромном количестве велись в течении всего XX века. Данный факт является показателем того, что противоборствующие государства не намерены разрешать конфликты мирным путем посредством данных примирительных процедур.

Таҳлили назариявию методологии масъалаи муҳиммият ва зарурати рамзҳои сиёсӣ дар замони соҳибистиқлолӣ нишон медиҳанд, ки таваҷҷӯҳи олимону муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни илмҳои сиёсӣ ба таҳқиқи хусусиятҳои бевоситаи онҳо тадриҷан меафзояд. Бахусус, омӯзиши ин масъала дар замони соҳибистиқлолӣ барои рушду нумӯи ҷомеа ва пайдо

намудани ҳисси мусбати ҳамфикрии доимӣ ва устувории ҳувияти миллӣ метавонад заминаи муҳиме фароҳам оварад.

Маълум аст, ки рамзҳои сиёсӣ аз қадимулайём мавриди пажӯҳиши донишмандону муҳаққиқон қарор гирифтааст. Онҳо ҳамчун василаи дарки ҳақиқат ва тарзи тахайюли тафаккур дар ташаккули асоси ҳокимият мавқеи махсуси худро доранд. Таҳлили адабиёти илмӣ собит менамояд, ки ҳанӯз донишмандони Дунёи Атиқа, ба монанди Афлотун, Арасту Ситсерон М.Т.[1] дар марҳалаҳои муайяни рушди таърихӣ аломату рамзҳоро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд. Ҳамзамон, таҳқиқоти илмии олимони рус низ дар ин самт мақоми хеле арзишманд доранд. Хусусан, монография ва мақолаҳои илмии Соболев Н.А., Лосев Л.Б., Тиллих П, Грибкин Н.В. Степанов А.С., Похлебкин В. В., Парамонов В.А., Бабайтсев А.В. ва Басин Е. Я. дар пажӯҳиши методологии масъалаи мазкур нақши муассири таҳлилӣ доранд.

Таърифи рамзҳои сиёсӣ дар “Луғати энсиклопедӣ” низ чунин шарҳ дода шудааст: “Рамзҳои сиёсӣ маҷмӯи василаҳои ифодакунандаи ҳаёт мебошанд, ки ҳаёти сиёсӣ, амалҳои сиёсӣ, шаклҳои гуногуни матолиби сиёсатро равшан менамоянд ё баръакс, маънои ниҳонӣ доранд” [5, 272]. Муҳаққиқони дигар рамзҳои сиёсиро ҳамчун воситаи “ифодакунанда”,“идеализатсиякунонии” ҳаёти сиёсӣ муайян кардаанд. Масалан, Радугин А. А. рамзҳои сиёсиро ҳамчун “... маҷмӯи рамзҳое, ки ҷаҳони сиёсатро ба шакли рамзӣ ва мурофиавӣ инъикос ё идеализатсия мекунад”, баррасӣ намудааст[6].

Бояд қайд намуд, ки рамзҳои сиёсии дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ бамиёномада аз рӯйи хусусиятҳо аз ҳам тафовут дошта, тавсифи илмии онҳо, хусусияти умумӣ ва мушаххас доранд. Аммо таҳқиқоти махсус ва ҳамаҷониба дар илмҳои сиёсии Тоҷикистон, ки ба омӯзиши бунёдии рамзҳои сиёсӣ бахшида шуда, то ҳануз хеле кам ба назар мерасанд. Муаллиф дар муайян намудани моҳият, мазмун ва ҷойгоҳи рамзҳои сиёсӣ дар фарҳанги сиёсӣ, мақом ва нақши онҳо дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии Тоҷикистон маводҳои хеле ҷолибро мавриди таҳлил қарор додааст. Аммо таҳқиқоти мазкур бештар дар доираи равишҳои илмҳои гуногуни иҷтимоӣ сурат гирифта, дар он “шарҳи тартиботи амалкарди рамзҳои сиёсӣ” ба назар намерасанд. Ҳамзамон муаллиф, сарфи назар аз таҳқиқоти илмии мавҷуда, набудани корҳои таҳқиқотиро доир ба рамзҳои сиёсӣ тасдиқ карда, таъкид менамояд, ки “ рисолаи мазкур (рисолаи он кас) вазифаи то дараҷае такмилсозии ин фосиларо дар назди худ мегузорад” [2,8].

Бояд қайд кард, ки муҳиммияти таҳқиқи табиати рамзҳои сиёсӣ хусусияти доимӣ дошта, барои муттаҳидӣ ва пайдо намудани ҳисси

ватанхоҳию ватанпарастӣ ва худогоҳии миллӣ метавонад мусоидат намояд. Дар ин раванд ҳокимият бештар бо идоракунии ҷомеа, яъне бо таъсири мақсаднок ба низоми ҷамъиятӣ барои таъмини дурусти фаъолият, устуворӣ ва тараққиёти ҷомеа алоқамандии зич дорад.

Агар мо оғози муносибати инсонро бо нишону рамзҳо муқоиса намоем, пас маълум мешавад, ки суръати татбиқи онҳо имрӯз хеле афзоиш ёфтааст. Ҳамзамон, рамзҳои сиёсӣ ҳамчун арзиш дар худ соҳиби хусусиятҳои хос мебошанд. Мафҳуми "арзиш" бошад дар соҳаи фалсафаи сиёсат то ҳанӯз масъалаи хеле баҳснок ба шумор меравад. Масалан, замоне ки мо рамзҳои сиёсиро ҳамчун арзиш муаррифӣ менамоем, бояд ба зарурати онҳо ҳамчун арзиш муносибат баррасӣ карда тавонем. Яъне рамзҳои сиёсӣ, пеш аз ҳама, хусусияти сафарбарнамоӣ, муттаҳидкунӣ, ҳувиятсозӣ ва худшиносиро доранд. Маҳз ба ин омил оммаи мардум онҳоро бо чунин сифатҳои фаъолкунанда ва арзишманд баҳо дода, ҳамеша эътироф менамоянд.

Арзиши рамзҳои сиёсӣ ҳамчун аломат ва ё нишони арзишманд аз он иборат аст, ки онҳо барои рушду нумӯи ҷомеа зарурати хос доранд. Рамзҳои сиёсӣ ин таҷассумгари аломат ва ё номи ашё, падида, раванд, предмет мебошанд, ки барои муайян намудани ҳастии миллӣ ва муаррифии ягонагии давлат хизмат мекунанд. Рамзҳои сиёсӣ ҳамчун арзиш бояд аз ҷониби шаҳрвандон эътироф карда шаванд, зеро ба вуҷуд овардани ҳувиятсозии миллӣ талаботи давру замон буда, дар муносибат ба давлат ва сохторҳои мавҷудаи он садоқати шаҳрвандонро афзуда, дар натиҷа ҳувияти шаҳрвандӣ ба ҳувияти давлатӣ тавъам мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳсу мунозираҳо илмӣ оид ба нақши рамзҳои сиёсӣ дар раванди таҳкими соҳибистиқлолии Тоҷикистон заминаи воқеӣ дошта, нисбати онҳо таҳлилҳои гуногун мавҷуд аст. Махсусан, нақши олимон Зокиров Г.Н., Маҳмадов А.Н., Акмалова М. Муҳаббатов А. ва дигарон назаррас аст. Баъзан, тавассути чунин гуногунандешиҳо шуруъ аз саҳифаҳои матбуот то баҳсҳои парламентӣ ва оммаи мардум нисбат ба рамзҳои сиёсӣ фикру андешаҳо баррасӣ карда мешаванд. Масалан, яке аз ин рамзҳоро профессор Маҳмадов А.Н.. чунин тасфир намудааст: "Бо ин ҳама ҷаззобият, онро бо вожаҳои асили қадимаи тоҷикӣ парчаму дирафш хондаанд, ки ин рамзи озодӣ ва давлатдории таърихии мо будааст" [3,4].

Ҳамин тариқ, дар шароити нави дигаргуниҳои ҷомеа чунин номуайянӣ дар низоми рамзҳои сиёсӣ ба он оварда расонид, ки ҳатто барои ҳимоя намудани рамзҳои сиёсии кишвар мо дар ҳолати ҷанги шаҳрвандӣ қарор гирифта будем ва ин масъала, хушбахтона, дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли мусбати худро пайдо намуд.

Масъалагузорӣ ва такмилу таҳқиқи масъалаи нақши рамзҳои сиёсӣ

имрӯз дар ҷомеаи тоҷикистонӣ зарурати воқеӣ дорад. Аммо таҳқиқу ошкор намудани мазмуни асосии арзишнокии низоми имрӯзаи рамзҳои сиёсӣ барои кишвари соҳибистиқлоли мо ҳам муҳиммияти иҷтимоию сиёсӣ ва ҳам зарурат барои таҳкими давлатдории миллӣ дорад.

Аз ин рӯ, Консепсияи нави таҳқиқотии мавқеи рамзҳои сиёсӣ дар раванди соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар худ навъи бисёрченакаи методҳои сиёсатшиносиро ворид менамояд, ки имконияти азхуд намудани вариантҳои гуногуни категорияи рамзҳои сиёсӣ дар як шакли банақшагирифта амалӣ мегардад. Ҳамзамон, бо зам намудану такмил додани онҳо бо падидаҳои нави сиёсӣ ҳамчун як ҷузъи фарҳанги сиёсӣ фаҳмида мешаванд.

Таҳқиқоти илмӣ барои баррасии рамзҳои сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа, дар асоси таҳлилҳои назариявӣ хулосаҳои наве бояд пешниҳод шавад, ки ба раванди соҳибистиқлолӣ мусоидат карда тавонад. Мушкилоти рамзҳои сиёсӣ чунин аст, ки онҳо ҳамчун объекти омӯзишу таҳқиқотӣ хусусияти байнифаннӣ дошта, таҳқиқоти бунёдӣ дар ин самт хеле кам ба назар мерасанд. Аз ин рӯ, муаллиф дар масъалаи таҳкими соҳибистиқлолӣ ба таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намуда, манбаъ ва адабиёти гуногуни илмиро мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст. Ба андешаи муаллиф, рамзи сиёсӣ нишонест мутааллиқ ба ашё ва предмете, ки вазифаи коммуникатсионии шахсият ва ҳокимиятро барои сафарбарнамоӣ ва ҳувиятсозӣ иҷро мекунад.

Дар ин раванд рамзҳо (аломату нишонаҳо) воситаи муттаҳид намудани инсонҳо барои шикор ва ё кори дигар будааст. Мавриди қайд аст, ки инсон ба ин ашёву предметҳои беҷон, ки дар онҳо рамзҳои гуногун дарҷ ёфтаанд, умеди қудрату тавоноӣ бахшаданро дар худ мепарварид.

Аз сабабе, ки мафҳуми “истиқлоли сиёсӣ” вобаста ба мақомаш аҳаммияти хоса пайдо намудааст, зарурати дарки амиқи он пеш меояд. Чунин зарурат танҳо аз манфиатҳои илмӣ барнамеояд ва он аҳаммияти амалӣ низ дорад. Пеш аз ҳама, чунин муносибатро зарурати таҳлили тағйирот ва азнавсозиҳои воқеӣ талаб дорад, зеро бе дарки амиқи “истиқлоли сиёсӣ” фаҳми дурусти тамоюлҳои тағйирот, инкишофи ҳаёти сиёсӣ ва тавсифи консептуалии рамзҳои сиёсӣ номумкин мегардад. Истиқлоли сиёсӣ таҷассумгар ва қувватбахши рамзҳои давлатӣ мебошад, ки дар раванди ташаккул ёфтани худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ такягоҳи боэътимоди давлатдорӣ мегардад.

Яке аз ҷойҳои марказиро дар байни рамзҳо Суруди миллӣ ишғол менамоянд, ки дар худ рамзҳои расмии ватандӯстиро таҷассум кардааст, онҳо муодили мусиқии шиор, нишон ё парчами кишвар мебошанд. Онҳо

тотемҳои муосир – аломатҳое мебошанд, ки бо ёрии он миллатҳо аз ҳам фарқ мекунанд ё ҳудудҳои «шахсияти» худро тасдиқ мекунанд.

Ҳар як кишвар парчами давлатӣ ё миллии худро дорад, ки истиқлол, соҳибихтиёрӣ ва мавқеи худро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ бо ин рамзҳо нишон медиҳад. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки саронидавлатҳо (президентҳо, монархҳо) ҳангоми ба вазифа таъйин шуданашон савганд ёд мекунанд ва ҳатман Суруди миллии он кишварҳо садо медиҳанд. Парчам дар якҷоягӣ бо суруд ва аломатҳои дигари давлатдорӣ дар бисёр кишварҳо ифодаи эҳсосии миллат гардидааст.

Бояд ёдовар шуд, ки масъалаи рамзҳои давлатӣ дар Тоҷикистон низ аввалҳо мавзӯи таҳқиқоти иҷтимоӣ қарор нагирифта буд.

Ҳамин тавр, баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ бархе аз донишмандони мо ба навиштани мақолаю китобҳои таҳқиқотии хурду бузург оид ба хусусиятҳои таърихию сиёсии ташаккули рамзҳои сиёсӣ дар раванди давлатдории миллӣ ва таҳкими соҳибистиқлолӣ оғоз бахшиданд ва худи ҳаёт ва амалияи рушди давлати ҷавони Тоҷикистон инро талаб мекарданд. Ин раванди тағйирпазирӣ нишонаи фарҳангсолорӣ ва давлатсолорӣ, ин бозгашти ҳокимияти давлатию ғановати таърихӣ ва аз нав эҳё намудани ҳақиқати таърихӣ буд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ пас аз кишварҳои Лаби Балтик чорумин кишваре буд, ки дар он падидаҳои демократикунонӣ фаъол гардида буданд. Зиёиёни тоҷик ба чанд гурӯҳ тақсим шуда, андешаҳои мухталиф доштанд. Аммо ҳама дар атрофи истиқлоли том, худшиносии миллӣ ва бунёди давлати нави миллӣ баҳсу талош доштанд. Баъдан аксари атрибутҳои давлат, мисли Нишон, Парчам, Суруди миллӣ мавриди баҳсу интихоб қарор гирифта, қабул ҳам карда шуданд. Чунон ки қайд менамоянд: «Баъди қабули Қонуни Асосӣ, ки санади сарнавиштсоз ва таъйидкунандаи рамзу нишонаҳои давлатӣ аст, муносибати шаҳрвадон ба тарзи ҳаёту сохти давлатдорӣ тағйир ёфт. Пеш аз ҳама, Тоҷикистони азизи мо соҳиби рамзҳои нави миллӣ – Парчами давлатӣ, Нишони давлатӣ, Суруди миллӣ, Пули миллӣ ва Забони давлатӣ гардид. Ин нишону аломатҳои номбурда, дар раванди рушду нумӯи худшиносии миллӣ, идеяи миллӣ ва тарзи ҳаёти иҷтимоию сиёсии мо таъсири амиқе гузоштанд, ки ҳама бо шарофати истиқлоли сиёсии кишвар вобастагӣ доранд” [4, 18-19].

Ин раванд дуру дароз давом накарда, як гурӯҳ демократмаобон бо исломгароён забон як карда, тағйироту дигаргуниҳои навинро халалдор намуданд. Ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистн панҷ сол давом кард.

Маълум аст, ки ягон маросими расмӣ бидуни Парчами миллӣ анҷом дода намешавад. Парчам дар болои биноҳои иқоматӣ, давлатӣ, қароргоҳи

Сарвари давлат ва Ҳукумат насб карда мешавад. Дар рӯзи идҳои расмӣ дар биноҳои ҷамъиятӣ Парчами миллӣ овехта мешавад. Парчамҳои давлатӣ як ҷузъи муҳимми музокироти дуҷониба ё бисёрҷонибаи кишварҳои гуногун мебошанд.

Мусаллам аст, ки манфиатҳои моддии табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ ҳамчун як омили инкишофи раванди таърихию ҷамъиятӣ мебошанд. Аз ин рӯ, дар муаяйн намудани муҳтавои манфиати рамзҳои сиёсӣ дар раванди ватандӯстӣ баробарӣ, садоқат ба миллат, худшиносӣ, озодӣ, соҳибистиқлолӣ, ҳамчунин, шаклҳои гуногуни анъана ва урфу одатҳо нақши халкунанда мебозанд. Инсонро на танҳо интихоби ақлонӣ, донистани фоида, манфиатҳои иқтисодӣ, балки эътиқод ва боварӣ низ барои рушду инкишоф такони ҷиддӣ медиҳанд.

Хулоса, таҳқиқи хусусиятҳои таърихию сиёсии ташаккули рамзҳои сиёсӣ дар раванди соҳибистиқлолӣ нишон медиҳад, ки масъалаи мазкур дар рушди ҷомеа нақши хосса дорад. Бояд қайд кард, ки унсурҳои **а**қлгароӣ ва ҳиссиёти озодии миллии инсон дар ҷаҳони анъана, асотир, рамз ва қиссаҳо ҳамеша ҳамрадифи зиндагӣ мебошанд. Навъҳои гуногуни рамзҳои сиёсӣ дар муқоисаи хеле одӣ бошанд ҳам, вале системаҳои томи ҷамъиятиро таҳти назорат қарор додаанд. Ҳар як рамз мавзуъҳои гуногунро муаррифӣ менамояд ва ҳар як мавзуъ низ рамзҳои мухталифро мефаҳмонад ва дар таҳкими соҳибистиқлолӣ муҳим будани худро нишон медиҳад.

АДАБИЁТ

1. Аристотель. Сочинения: В 4т.Т.2. М., 978; Платон. Горгий //Платон. Сочинения в трех томах. Москва: Мысль, 1971; Цицерон М.Т. Избранные сочинения: Пер. с лат. М., 1975; Цицерон М.Т. Три трактата об ораторском искусстве: Пер. с лат. / Под ред. М.Л. Гаспарова. Москва: Наука, 1972;

2. Асомаддинов М. А. Рамзҳои сиёсӣ ҳамчун ҷузъи фарҳанги сиёсӣ//Автор. дис. ном.илм. сиёсӣ. - Душанбе, 2019.

3. Маҳмадов А.Н. Истиқлоли сиёсӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ.Душанбе, 2016.

4. Муҳаммад А.Н. Истиқлол ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ.Душанбе, 2021.

5. Политология: Энциклопедический словарь / Общ. ред, и сост. Ю. И. Аверьянов. М., 1993. С. 272.

6. Политология. Учебное пособие для вузов / Сост. и отв. ред. А. А. Радугин. М, Москва, 1996.

ВАЖНОСТЬ И НЕОБХОДИМОСТЬ ПОЛИТИЧЕСКИХ СИМВОЛОВ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

МУХАММАД САЪДИ АБДУРАХМОН
кандидат политических наук, доцент, заведующий кафедрой общественных дисциплин Академии МВД РТ
734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Мастонгулова 3;
тел.: (+992) 904-19-69-60; e-mail: mahmadov.2014@mail.ru,

В данной статье автор анализирует важность и необходимость политических символов в период независимости и обсуждает их различные научные аспекты. В частности, в статье подчеркивается важность и необходимость политической символики, дается информация не только о природной среде, но и об укреплении и развитии национальной государственности. Политические символы в национальном государстве — это символы и образы, посредством которых выражается политическое содержание. Они являются одним из древнейших средств осмысления событий и коммуникаций, имеющих особый статус и значение в становлении национальной государственности. В целом политические символы представляют собой единство бытия и действительности, организованного и неорганизованного, сознательного и бессознательного. Изучение роли и места политических символов в процессе независимости имеет также научно-теоретическое значение. С целью определения важности и необходимости политических символов в период независимости отечественными учеными проводятся исследования по важным отечественным исследовательским проблемам человеческого развития и государственного управления, которые в настоящее время являются основными и приоритетными направлениями научных исследований в стране.

Ключевые слова: *Таджикистан, важность, необходимость, политические символы, герб, флаг, национальный гимн, независимость, ценности независимости, национальная государственность, развитие политической жизни.*

THE IMPORTANCE AND NECESSITY OF POLITICAL SYMBOLS DURING THE INDEPENDENCE

MUHAMMAD SADI ABDURAHMON
candidate of political sciences, associate professor, head of the department of social sciences of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan.
734025, Tajikistan, Dushanbe, M. Mastongulov str., 3;
tel.: 992 904196960; e-mail: mahmadov.2014@mail.ru,

In this article, the author analyzes the importance and necessity of political symbols during the independence and discusses their various scientific aspects. In particular, the article highlights the importance and necessity of political symbols, giving information not only about the natural environment, but also about the strengthening and development of national statehood. Political symbols in a national state are symbols and images through which political content are expressed. They are one of the oldest means of understanding events and communications, which have a special status and value in the formation of national statehood. In general, political symbols are the unity of existence and reality, organized and unorganized, conscious and unconscious. The study of the role and place of political symbols in the process of independence is also of scientific and theoretical importance. In order to determine the importance and necessity of political symbols during the independence, domestic scholars are conducting some research on important national research issues on human development and public administration, which are now the main areas and priorities of scientific research in the country.

Keywords: *Tajikistan, importance, necessity, political symbols, emblem, flag, national anthem, independence, values of independence, national statehood, development of political life.*

УДК: 327.8

ДИПЛОМАТИЯИ ИТТИЛООТӢ ВА МАСОИЛИ ҲИФЗИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ ДАР ШАРОИТИ НАВИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

АБДУҶАББОРОВ МАЪРУФҶОН АБДУАЗИЗОВИЧ,
аспиранти кафедраи сиёсатшиносии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, сардори Раёсати таҳлил ва ояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел.: (+992) 93-855-02-90; e-mail: av.maruf@mail.ru

Мақола ба таҳлилу баррасии падидаи дипломатияи иттилоотӣ ва мушкилоти амнияти иттилоотӣ дар шароити нави муносибатҳои байналмилалӣ бахшида шудааст. Пандемияи каронавирус, ки дар охири соли 2019 пайдо шуд, ғайриинтизор тамоми ҷаҳонро фаро гирифт, бо оқибатҳои фоҷиабори худ то кунун аҳолии сайёраро таъқиб менамояд. Он дар баробари дигар соҳаҳои фаъолият дипломатияро низ фаро гирифта, ба инкишофи мӯътадили муносибатҳои дипломатӣ таъсири ҷиддӣ расонид. Аммо ин дер давом накард ва бо шарофати пешрафти технологӣ, бахусус, платформаҳои иттилоотӣ ва рақамӣ, дипломатия ба фазои виртуалӣ ворид шуд. Дар шароити маҳдудиятҳои эпидемиологӣ кишварҳои ҷаҳон, сохторҳои дипломатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ба усули онлайнии баргузории анҷуманҳо, конфронсҳо, мулоқоти расмӣ, ҳамоишҳои сатҳи баланд рӯй оварда, ба зудӣ бо вазъи кунунӣ масуният пайдо карданд. Чунин ба назар мерасид, ки дар давраи пандемия мушкилоти дипломатӣ то андозае ҳалли худро ёфтаанд, аммо воқеият мушкилоти дигарро нишон дод - осебпазирии дипломатияи иттилоотӣ дар баробари таҳдидҳои шабакавӣ. Гузариш ба дипломатияи онлайн ва нишастҳои сершумори маҷозӣ дар давраи пандемия мушкилоти зиёдеро дар соҳаи амнияти иттилоотӣ возеҳ намуд, ки таҳлили онҳо барои дарки амиқи масъала ва андешидани чораҳои амалӣ дар ин самт муҳим мебошад.

Калидвожаҳо: *дипломатия, дипломатияи иттилоотӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, амнияти иттилоотӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, пандемия, технологияҳои иртиботӣ, давраи пеш аз пандемия, ҷаҳони баъди пандемия, низоми байналмилалӣ, маҳорати дипломатӣ, муоширати онлайнӣ, вазъи эпедимиологӣ, гибридизатсияи дипломатия, ихтилофи глобалӣ, дипломатияи рақамӣ.*

Дар ягон давраи рушди давлат ба монанди замони имрӯз нақши иттилоот ҳамчун воситаи амалинамоии сиёсати хориҷӣ то ба ин андоза зиёд, муҳим ва ҳалкунанда набуд. Дар гузашта, масалан, аз ибтидои пайдоиши аввалин давлатҳо то асрҳои миёна табиати сиёсати берунии кишварҳоро иқтидори ҳарбӣ муайян мекард ва дар баробари инкишоф ёфтани низоми муносибатҳои сармоядорӣ, захираҳои иқтисодӣ муайянкунандаи нуфузу эътибори давлат дар сиёсати ҷаҳонӣ шуданд. Дар замони муосир бошад, ба ин ду унсури анъанавии қудрат воситаҳои навини иттилоотию иртиботӣ зам шуданд, ки акнун бидуни истифодаи онҳо сиёсатгузории дурусти дохилӣ ва хориҷию байналмилалии кишварҳои ҷаҳон аз имкони воқеӣ берун мебошад.

Кишварҳои ҷаҳон дар заминаи дарки неруи афзояндаи иттилоот ва воситаҳои иттилоотӣ тули ду-се даҳсолаи охир ба истифодаи интернет ва технологияи иттилоотию иртиботӣ дар сиёсати дохилию хориҷӣ ҷиддан рӯ оварданд, ки тадриҷан ба як унсури ҳатмии рушди тамоми соҳаҳо табдил ёфт. Маҳз дар партави истифодаи васеи технологияи рақамӣ ҷиҳати анҷом додани вазифаҳои гуногуни сиёсати хориҷӣ номгӯи зиёди истилоҳоти нав ба монанди “дипломатияи иттилоотӣ”, "дипломатияи интернетӣ", “дипломатияи рақамӣ”, “дипломатияи шабакавӣ”, "дипломатияи электронӣ", "онлайн-дипломатия", “веб-дипломатия” ва ғайраҳо дар гуфторҳои сиёсӣ серистеъмол гардида, ба гардиши васеи иттилоотӣ ва матнҳои илмию оммавӣ ворид шуданд.

Ҳамзамон, вобаста ба рушди бесобиқа ва зиёд шудани сафи истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоии “Twitter”, “Facebook” ва “YouTube” истифодаи мафҳумҳои шабеҳ, аз ҷумла “Твитпломатия”, «Facebook-дипломатия» ва «YouTube-дипломатия» низ тадриҷан маъмул шуданд, ки бевосита аҳаммияти ин шабакаҳоро дар дипломатия ифода менамоянд.

Соли 2019 ҷаҳонро якбора пандемияи COVID-19 фаро гирифт ва он ба кулли соҳаҳои ҳаёти аҳолии сайёра, тамоми самтҳои муносиботи байналмилалӣ таъсири ҷиддӣ расонид. Бесарусомонии глобалӣ дар баробари соҳаҳои дигари фаъолият ҷаҳони дипломатияро низ дар канор нагузошт ва боиси бавуҷудоии таҳаввулоти ғайричашмдошт дар ин бахш шуд. Вале ҳолати мазкур чандон тӯл накашид ва бо шарофати дастовардҳои техникӣ, хусусан, мавҷудияти платформаҳои иттилоотию рақамӣ, дипломатия ба фазои маҷозӣ интиқол ёфт. Кишварҳо, сохторҳои дипломатӣ ва созмонҳои байналамилалӣ дар шароити маҳдудиятҳои эпидемиологӣ ба усули онлайнии баргузории нишастҳои сатҳи баланд, мулоқоти расмӣ, форумҳо, конфронсҳо тариқи барномаҳои иртиботӣ, асосан Zoom руй оварданд ва ба вазъи бавуҷудомада зуд масуният пайдо

карданд. Тариқи Zoom баргузор шудани нишастҳои дипломатии сатҳи гуногун тадриҷан ба ҳукми анъана даромада, бо ин васила набзи дипломатияи сайёравӣ ҳифз шуд ва сабаби пайдоиши боз як вожаи нав - “зумпломатия” (Zoomplomacy), яъне “дипломатия тавассути Zoom” гардид.

Ҳам аз лиҳози мазмун ва ҳам дар амалия истилоҳоте, ки дар боло оварда шуданд, якдигарро пурра намуда, дар маҷмӯъ кӯшиши давлатҳоро барои ноил шудан ба ҳадафҳои дипломатӣ бо истифода аз Интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, барномаҳои махсуси иртиботӣ ва технологияҳои коммуникатсионӣ ифода мекунанд. Усулан, ин падидаҳо вазифаҳои асосии дипломатияро тағир надодаанд, аммо имкон фароҳам оварданд, ки ин вазифаҳо бо ёрии воситаҳои нав татбиқ карда шаванд.

Ба андешаи мо дар мақолаи мазкур истифода намудани истилоҳи “дипломатияи иттилоотӣ” нисбатан мувофиқ мебошад. Зеро ҳам аз лиҳози мазмун “дипломатияи иттилоотӣ” нисбатан фарогир аст ва ҳам дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан истилоҳи “дипломатияи иттилоотӣ” истифода шуда, он яке аз самтҳои авлавиятноки сиёсати хориҷӣ шумурда шудааст. Дар консепсияи мазкур ҳамзамон гуфта мешавад, ки ҳадафи асосии дипломатияи иттилоотӣ мусоидат ба таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад[1].

Дарвоқеъ, вақте масъалаҳои глобалӣ миллӣ ва масъалаҳои миллӣ глобалӣ мешаванд, аз қабили эпидемия ва пандемия ва марзи ҷуғрофии давлатҳо ба руй и ҳам баста мешавад, ба ҷойи интизори рафъи вазъият шудан, истифодаи усулҳои иттилоотию шабакавии ба роҳ мондани иртиботи дипломатӣ аҳаммияти хоса касб мекунад.

Нуктаи болозикр ҳақиқати худро вақте собит намуд, ки тамоми ҷаҳонро пандемияи каронавирус фаро гирифта, боиси мушкилоти зиёди кишварҳои сайёра шуд. Пандемияи мазкур бисёре аз фарзияҳои классикии башарро оид ба беҳдошту саломатӣ ва робитаҳои ҷамъиятӣ дигар кард. Шаклҳои зиёди иртиботи физикии одамон дар тамоми ҷаҳон маҳдуд шуд ва дар натиҷа фаъолияти интернитию иттилоотӣ ҳамчун воситаи асосии муошират ва иртиботи байнишахсӣ, байниидоравӣ ва байнидавлатӣ афзалият пайдо кард.

Рӯйдодҳое дар даврони пандемия ба назар расиданд, ки қаблан тасаввурашон хеле мушкил буд. Масалан, тавассути видеоконфронс эътимодномаи худро ба ҳукумати хориҷӣ пешниҳод намудани сафирон, ба ҷои сафарҳои физикӣ дар кишвари хориҷа, сайри виртуалӣ намудани дипломате, ки нав ба вазифа таъин шудааст ва ғайра. Ҳатто "хуроки шом”-и дипломатҳо тариқи интернет баргузор гардид ва дар ин чунин мулоқот барномаи Zoom ҳамчун платформаи маҷозии муошират барои дипломатияи бисёрҷониба хизмат кард. Дар умум, бӯҳронии бавуҷудомада нишон дод,

ки як беморӣ то чӣ ҳад метавонад ба муносибатҳои байналмилалӣ таъсир расонад ва равандҳои муқаррарии ҷаҳониро тағйир диҳад.

Дар шароити бухрони ҷаҳонии коронавирус иқтидори технологияҳои рақамӣ дар ҳама соҳаҳо бараъло мушоҳида гардид. Аз ҷумла, дар низоми равобити кишварҳо ва созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ сиғаи нави нишаст ва вохӯриҳои роҳбарони давлатҳо ва созмонҳо, инчунин нишастҳои Сарвазирони кишварҳо ва вазирони ниҳодҳои соҳавӣ дар шакли видеоконференсияҳо, «вебсаммитҳо», «семинарҳо ва вебинарҳо», «вебнишастҳо», «вебмашваратҳо», ва ҷаласаҳои онлайн бо истифода аз технологияҳои иттилоттию коммуникатсионӣ бори аввал ба амал омаданд[2,С.14].

Ҳамин тавр, бӯҳрони фаро COVID-19 шаклу мазмуни муносиботи ҷомеаи башариро бесобиқа тағйир дод ва боиси бавуҷудоии андешаҳои нав, фарзияву хулосаҳои мухталиф оид ба дурнамои равандҳои глобалӣ: “ҷаҳони пеш аз пандемия” ва “ҷаҳони баъди пандемия” шуд.

То имрӯз касе дақиқ намедонад, ки пандемия чӣ қадар тулонист ва боз бо кадом пайомадҳои дигари худ башариятро таъқиб хоҳад кард? Зеро акнун кишварҳои ҷаҳонро бештар на худи пандемия, балки оқибатҳои он, таҳдидҳо ба сиёсати ҷаҳонӣ, амнияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, озуқаворӣ ва мушкилоти дигари пандемияасос дар ташвиш қарор додаанд. Тағироти шадиди вазъи иҷтимоӣ дар саросари ҷаҳон боиси афзудани талабот ба таҳлили коршиносонаи мушкилоти нав ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли онҳо шуда, ҳама мавзӯъҳои дигари сиёсати ҷаҳонӣ бо сабабҳои маълум имрӯз ба зинаи дуюм мегузаранд.

Дар пасманзари характери ҷаҳонӣ пайдо кардани каронавирус фикру андешаҳо атрофи шакл гирфтани як навъ низоми нави олам зиёд шуданд. Баъзе аз мутахассисон нисбат ба арзёбии ояндаи башарият мавқеи писсимистонаро касб намуда, қисмати дигар нигоҳи нисбатан нармро роҷеъ ба масъала баён намуданд. Гурӯҳи аввал ба ин андешааанд, ки ҷаҳонро низоми комилан нав интизор хоҳад буд. Аз ҷумла, мушвирони дипломатии Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх Николас Хотон ва Шахрох Шакерян дар ибтидои паҳншавии пандемия зикр намуда буданд, ки "Ҳатто агар ваксине кашф карда шавад ва вазъияти эпедимиологӣ пурра таҳти назорат қарор гирад ҳам, эҳтимоли он ҷой дорад, ки мо тарзи ҳаёти қабл аз пандемияро дигар баргардонида наметавонем"[3]. Ба андешаи онҳо ҷаҳон ба таври бебозгашт дигар шудааст.

Сарфи назар аз андешаҳои боло, қисми дигари муҳаққиқон дар бораи шаклгирии низоми нави ҷаҳонӣ ҳарф заданро ҳанӯз барвақт медонанд, зеро тибқи анешаи онҳо ин бӯҳрон бо вуҷуди ҳама бадбахтиҳое, ки ба сари инсоният овард, он қадар харобиовар нест, ки пас аз он дар харобаҳои

сохти кӯҳнаи низоми байналмилалӣ низоми нави дигаре офарида шавад. Ин нуктаро Маҳдӣ Саноӣ, дотсенти кафедраи равобити байналмилалии Донишгоҳи Теҳрон, роҳбари Маркази тадқиқоти Эрон ва АвруОсиё, ҷонибдорӣ менамояд[4]. Бовуҷуди ин, андешаи мазкур маънои онро надорад, ки нисбат ба пайомадҳои ҷиддии каронавирус дар оянда бетаваҷҷуҳӣ намуд. Хусусан, дар раванди афзоиши нақши байналмилалии дипломатия иттилоотӣ мавзӯи зарфият, самаранокӣ, аҳаммият, ҷанбаъҳои мусбат ва манфии он, аз ҷумла масоили амнияти иттилоотӣ, ҳассосияти бештар пайдо мекунад. Дар ин мавзӯъ, яъне самаранокии дипломатияи иттилоотӣ дар шароити пандемия алакай аз ҷониби чандин институтҳои таҳлилӣ тадқиқоти гуногун анҷом дода шудааст, ки натиҷаҳои ин тадқиқот барои дарки масъала муҳим мебошанд.

Таҳқиқоти анҷомдодаи П.Вимон, ходими илмии маркази Карнеги–Европа пас аз хурӯҷи пандемия оид ба таъсири вазъ ба диломатия бисёр ҷолиб аст. Ӯ миёни дипломатҳои зиёд тадқиқоти сотсиологӣ гузаронида, ба хулосае меояд, ки истифодабарии технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти дипломатҳо дар давраи пандемия боиси баъзе натиҷаҳои мусбат шуданд. Аз ҷумла, сафарҳои мустақими хориҷӣ маҳдуд шуда, имкон фароҳам омад, ки вақт - ҳамчун манбаи қимматбаҳо захира гардад. Яъне, соатҳои зиёде, ки дар қатора ва ҳавопаймо барои дидору мулоқоти дипломатӣ сипарӣ мешуданд, акнун баҳри иҷрои вазифаҳои муҳимми дигар ва анҷом додани нишастҳои зиёди маҷозӣ сарф карда мешаванд.

Зимни пурсиши сотсиологии П.Вимон аксари дипломатҳо эътироф карданд, ки дипломатияи иттилоотӣ наметавонад тамоми қудрати дипломатияи воқеиро фаро гирад. Тариқи он метавон муколамаро таъмин намуд, мубодилаи иттилоот ва ибрози андеша кард, аммо анҷом додани гуфтушунидҳои муҳим ё ҳалли пурраи масъала номумкин аст. Ба мазмуни дигар, музокироти воқеӣ ва анҷом додани баҳсҳо атрофи масоили тақдирсози байнидавлатӣ ва минтақавию байналмилалӣ дар шакли маҷозӣ чандон самаранок нахоҳанд буд[5].

Дар навбати худ, Академияи дипломатии Аморот (Emirates Diplomatic Academy) дар байни дипломатҳои амалкунанда ва собиқадорон дар қитъаҳои Осиё, Аврупо, Африқо ва Амрико пурсиш гузаронида, онҳоро даъват намуд, ки таҷрибаи худро дар роҳи рафъи бӯҳрони пандемия иброз доранд. Пурсиши анҷомдодашуда муайян кард, ки дипломатияи "техникӣ" дар дарозмуддат дипломатияи анъанавии "инсонӣ"-ро иваз карда наметавонад. Ба андешаи дипломатҳо "мулоқоти ҳузурӣ барои дипломатия ҳамчунон муассир боқӣ хоҳад монд, зеро усули онлайн, ки бидуни иртиботи ҳузурӣ, сӯҳбатҳои сариҳоӣ ва гуфтугӯ дар сари як пиёла қаҳва анҷом дода мешавад, имкони ба таври пурра амалишавии ҳамаи санъату

маҳорати дипломатӣ ва раванди созиши мақсаднокро фароҳам оварда наметавонад". Аксарияти пурсидашудагон усули маҷозии нишастҳои расмиро барои гузаронидани дипломатияи бисёрҷониба номувофиқ шумурданд. Бо вуҷуди ин, қисми зиёди онҳо зикр намуданд, ки намунаи гибридии дипломатия (маҷозӣ-ҳузурӣ) пас аз коронавирус дар ҷаҳон идома хоҳад ёфт, аммо ба таври тез ва самаранок пайвастан ба ин раванд пеш аз ҳама инфрасохтор, сармоягузории калон ва равона намудани таваҷҷуҳи бештар ба амнияти иттилоотиро тақозо мекунад[6].

Тавре дар қисматҳои аввали мақола зикр шуд, усули фосилавии дипломатия, ки дар давраи пандемия мавриди истифода қарор гирифт, дар марҳилаи бисёр мураккабу ҳассоси пандемия як навъ "наҷот"-и муносибатҳо ва иртибототи дипломатӣ шуд ва ҳамин худ исботи муҳиммият ва нақши бузурги дипломатияи иттилоотӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, чун анаъана, вақте ки як падида ба воқеияти ҳаёти сиёсӣ табдил меёбад, дар баробари афзалиятҳояш, паҳлӯҳои заъфи худро низ дорад. Шояд қаблан ба ин нукта кам таваҷҷуҳ зоҳир мешуд, вале чорабиниҳои зиёде, ки тули се соли охир дар формати онлайн баргузор шуданд, дар баробари афзалиятҳо инчунин баъзе норасоиҳои дипломтаияи иттилоотиро низ нишон доданд. Аз ҷумла:

Якум, таҳдидҳо ба бехатарии иттилоотӣ. Дар низоми коммуникатсия ва мубодилаи иттилоот ба ҷуз аз навовариҳои хеле зиёд, таҳдиду хавфҳои иттилоотӣ низ бисёр мебошанд. Амнияти барномаҳо ва раванди муошират онлайниро кӣ назорат мекунад? Оё воситаи ҳуқуқии гирифтани пеши роҳи таҳдидҳо ҳаст? Барномаҳои иртиботии маҷозӣ оё амнияту маҳрамияти нишастҳои пӯшидаро таъмин карда метавонанд? Ҳамаи инҳо аз ҷумлаи саволҳое мебошанд, ки дар шароити босуръат афзалият пайдо намудани фазои маҷозии дипломатия ё ин ки дипломатияи иттилоотӣ ва таҳдидҳои иттилоотӣ муҳим мегардад.

Дар давоми карантини соли 2020, ки боиси гузаштан ба шаклҳои фосилавии фаъолият гардид, бисёре аз иштирокчиёни конфронсҳои онлайн, аз ҷумла дипломатҳо, ба чунин як падидаи ғайриоддӣ, "меҳмони нохонда" дучор шуданд. Чунин ҳолат ҳатто ҳангоми музокироти вазирони дифои Иттиҳоди Аврупо дар моҳи ноябри соли 2020 ба чашм расиданд. Рӯзноманигори Ҳолланд ба нишасти махфии вазирони дифоъи 27 кишвари Иттиҳодияи Аврупо, ки тариқи платформаи Zoom мегузашт, ба таври ногаҳонӣ ҳамроҳ шуд.

Дар ин нишаст лоиҳаи махфии консепсияи ояндаи низомии ИА таҳти унвони "Қутбнамои стратегӣ"-и Иттиҳоди Аврупо баррасӣ мешуд. Лоиҳаи мазкур дар асоси маълумоти муштараки хадамоти иктишофии ҳамаи давлатҳои узви Иттиҳоди Аврупо таҳия шуда, хусусияти комилан махфӣ

дошт ва матну муҳтавои он барои интишор пешбинӣ нагардида буд[7]. Аз ин як мисоли возеҳ хулоса кардан мумкин аст, ки дар дипломатияи иттилоотӣ фаврият (фаврияти тамос, мулоқот ва гуфтугӯ) бошад ҳам, вале амнияти комил нест. Яъне ҳарчанд дар ҷаҳони маҷозӣ имкони анҷом додани табодули бештари афкор мавҷуд аст, аммо нисбати маҳрамияту махфияти онҳо мушкилоти муайян пеш хоҳанд омад.Бинобар ин, дар баробари рушди дипломатияи иттилоотӣ масоили тактикию техникии ҳифзи амнияти иттилоотӣ низ бисёр муҳим мебошад.

Дуюм, адами эҳсоси мутақобила. Тавре аз таҷриба маълум аст, муошират дипломатие, ки тариқи экранҳо анҷом дода мешавад, аз гуфтугӯи рӯбарӯи дипломатӣ тафовут дорад. Гуфтугӯи рӯбарӯ, ки яке аз унсурҳои асосии он “забони бадан” (язык тела) мебошад, дар дипломатия бисёр муҳим аст, зеро “забони бадан”, ё унсурҳои рамзии рафтор, аз ҷумла аксуламалҳо, имову ишора, ҳиссиёт, ҳатто хомӯшӣ дар дипломатия маъноҳои хос дорад. Дар дипломатияи иттилоотӣ бошад, атмосфераи сӯҳбати кушоду равшан нисбатан маҳдуд буда, аз тариқи он “забони бадан” чандон барҷаста ифода намеёбад. Вақте сухан дар бораи муошират онлайнии ду нафар ва ё онлайн- конфронсҳо меравад, чунин норасоӣ чандон эҳсос намешавад, аммо агар зарурати ҳалли низоъ ё гуфтушунидҳои бисёрҷониба пеш оянд, дар ин ҳолат алоқаи ҳузурӣ муҳим мегардад[3].

Таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо ин воқеиятро дар давраи бӯҳрони коронавирус ба таври комил нишон дод. Нимаи дуюми соли 2020 миёни раҳбарони кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо оид ба нақшаи барқарорсозии молиявию иқтисодии пас аз каронавирус тариқи онлайн мубодилаи афкори дуҷониба ва бисёрҷониба сурат гирифтанд, ки ин мулоқот марҳилаи омодагӣ ҳисобида мешуданд. Аммо вақте баррасии лоиҳа ниҳоӣ шуд сарони кишварҳо маҷбур шуданд, ки бовуҷуди вазъи мураккаби эпидемиологӣ барои қабули қарори хотимавӣ аз наздик мулоқот кунанд[8]. Дар натиҷа 17 июли 2020, дар Брюссел саммити сарони кишварҳо доир гардид ва ҳатто ба далели ихтилофоти ҳалнашуда бар сари бастаи кумакҳо барои барқарор кардани иқтисоди кишварҳои аз коронавирус осебдида саммит то се рӯз тамдид шуд[9].

Барои тасдиқи андеша мисоли дигарро низ метавон оварда. Санаи 15 июни соли 2021 дар Женева ва дар шароити мураккаби эпедимиологӣ мулоқоти сарони ду кишвари абарқудрат ва дар айни замон ба ҳам рақиб В.В.Путин ва Ҷо Байден доир гардид, ки ба баррасии масоили байналмилалӣ ва мушкилоти зиёди ҳалталаби миёни ду кишвар бахшида шуда буд.

Дар шароити ҳассоси санитарии глобалӣ чунин масофаи тулониро тай намуда, ба мулоқоти ҳамдигар шитофтани сарони ду кишвари бузурги

ИМА ва Федерастсияи Русия, дар ҳоле, ки имкон буд онро аз тариқи нишасти маҷозӣ анҷом диҳанд, худ шаҳодати афзалият додан ба мулоқоти ҳузурӣ мебошад.

Сеюм, тағйири макони вохӯрӣ ва таъсири он ба сатҳи мулоқоти дипломатӣ. Пурра асоснок шудааст, ки вохӯрии рӯ ба рӯ аз ҳама воситаи самараноктарини дипломатия мебошад, вале ин таҷриба тадриҷан иваз мешавад. Акнун минбарҳо ва долонҳои дипломатиро утоқи корӣ иваз мекунад ва аксари мулоқоти расмӣ аз утоқи корӣ берун нарафта, тариқи маҷозӣ анҷом дода мешавад. Ҳарчанд дар мулоқоти рӯ ба рӯ қаҳвахона ва роҳравҳо макони ғайирасмии гуфтугӯ ба шумор мераванд, вале дар баробари ин, дар аксар маврид дипломатҳо оид ба масъалаҳои мавриди баҳс маҳз дар чунин ҷойҳо ба созиш мерасанд. Аз ин рӯ, тағйири макони мулоқоту нишастҳо ва ба низоми маҷозӣ гузаштани онҳо имкони чунин гуфтугӯҳои ғайирасмии дипломатҳоро маҳдуд мекунад.

Масалан, дар як нишасти бисёрҷониба тафсилоти ниҳоии бисёр созишномаҳо аксар вақт тавассути дипломатияи шахсии роҳбарон ба даст оварда мешавад, ки баҳсҳои ғайирасмӣ ва хусусиро талаб мекунад. Ин ҷиҳатҳоро дар интернет амалӣ кардан, душвор аст.

Музокироти мустақими рӯ ба рӯ ҳамеша беҳтарин роҳи таъмини наздикшавии мавқеи ҷонибҳо дар ҳолатҳои муноқишавӣ мебошад. Масалан, солҳои 90-ум барои оташбас миёни Исроил ва Созмони озодибахши Фаластин, пеш аз он ки ҳарду ҷонибҳо барои имзои Созишномаи Осло[10]. розӣ шаванд, ба Норвегия лозим омад, ки даҳҳо музокироти махфӣ баргузор кунад, Ё айни замон, ки дар кишварҳои Ховари миёна вазъи амниятӣ бисёр ноором аст, ташкилотҳо ва кишварҳои миёнрав кӯшиш мекунанд, аз тариқи мулоқотҳои рӯ ба рӯ ба ҳадафи ниҳоӣ бирасанд.

Барои мисол дур рафтан лозим нест. Қабули Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, ки дар натиҷаи қариб чор соли талошҳои бетанаффус, ҳашт даври музокирот, бисту як мулоқоти расмӣ ва даҳҳо вохӯриҳои ғайирасмӣ ба амал омад, тариқи мулоқоти онлайнӣ (ҳатто дар замони муосир) анҷом додан комилан ғайриимкон мебуд. Бештари шоҳидони раванди сулҳу оштӣ дар Тоҷикистон ва муҳаққиқони ватанӣ, ҳангоми тақиқиқи мавзӯи ваҳдати миллӣ ба ин хулоса расидаанд, ки дар баробари омилҳои дигар, нақши хислатҳо ва сифатҳои шахсии Эмомалӣ Раҳмон дар барқарор намудани сулҳу ваҳдат дар Тоҷикистон меҳварӣ буданд.

Ҳамин тавр, бо вуҷуди он ки дипломатияи иттилоотӣ дар шароити пандемия иртиботи байналмилалиро ҳифз менамояд, вале комилан ҷойи дипломатияи рӯбарӯ ва мустақимро наметавонад иваз кунад. Воқеиятҳои

ҷаҳони имрӯз шаҳодат медиҳанд, ки гибридизатсияи дипломатия дар дурнамо тавсеа хоҳад ёфт, аммо қарорҳои воқеӣ дур аз форматҳои онлайн қабул хоҳанд шуд.

Ҳарчанд дар соли 2021 ҷаҳон бомаром ба ҳолати кунунии худ баргашт, вале таҳдидҳои хурӯҷи дубораи пандемия дар ин ва ё он кишвар то ҳол ба субъектони муносибатҳои байналмилалӣ фазои пурраи барқарор намудани равобити озоду эътимоднокро фароҳам наовардааст.

Бояд як нуктаро таъкид намуд, ки фақат дар ҳошияи пандемия баррасӣ кардани дипломатияи иттилоотӣ низ чандон дуруст нест. Зеро ин падида тааз солҳои 90-ум инҷониб ташаккул ёфта, рушд мекунад ва новобаста аз пандемия масоили рушди он ҳамчун таркиби муҳимми ҷомеаи иттилоотӣ минбаъд низ муҳим боқӣ хоҳад монд. Аммо чӣ гуна шакл гирифтани ҷаҳони баъд аз пандемия ба сатҳ ва дараҷаи рушди дипломатияи иттилоотӣ албатта таъсири худро хоҳад гузошт ва ё баръакс, дипломатияи иттилоотӣ ба таъмини фазои бемаҳдуди равобити байни кишварҳо боз ҳам нақшгузин хоҳад буд. Аз ин рӯ, барои ҷавоб ҷустан ба ин мавзӯи матраҳшуда арзёбии дурнамои рушди сиёсати байналмилалӣ бисёр муҳим мебошад.

Бо дарназардошти андешаҳои болозикр ва дар натиҷаи хулсаи афкори то ин замон шаклгирифта, дарҷ намудани якчанд нигоҳҳои хулосашуда роҷеъ ба ояндаи дипломатия ва сиёсати байналмилалиро муҳим мешуморем.

Нигоҳи якум. Гибридизатсияи дипломатия. Тибқи ин нигоҳ дипломатияи иттилоотӣ дар оянда тавсеа хоҳад ёфт, вале масоили амнияти иттилоотӣ ва таҳдиду хатарҳои шабакавӣ барои рушди ҳамаҷонибаи он монеа хоҳад шуд. Яъне фазои ба омма дастраси шабакавӣ барои ҳама гуна форматҳои дипломатия, хусусан нишастҳои пӯшида созгор нест. Аз ин рӯ, дипломатияи ҳузурӣ аҳаммияти худро гум нахоҳад кард ва қарорҳои воқеӣ дур аз форматҳои онлайн қабул хоҳанд шуд.

Нигоҳи дуюм. Бавуҷудоии симбиози корхона ва хона. Зери таъсири пандемия дар фаъолияти дипломатӣ таҳаввулоти ҷиддӣ ба амал меояд, аз он ҷумла, фазои шахсӣ ва фазои корӣ омехта мешавад. Майдонҳо ва минбарҳои бузурги мулоқоти дипломатҳоро низ қисман ҳуҷраҳои корӣ ва хона иваз мекунанд. Дипломати муосир дар як вақт дар ду шароит фаъолият хоҳад намуд: ҷаҳони пешрафта - кор бо технологияи замонавӣ ва олами куҳан – фаъолияти хонагӣ.

Нигоҳи сеюм. Вайроншавии тавозуни амният ва ҳуқуқи шаҳрвандон. Тибқи ин назария пас аз пандемия озодӣ ва амният аз ду рукни муҳимму лозимии ҳаёти инсонӣ ба ду алтернативаи ҳаёт табдил хоҳанд ёфт. Яъне давлатҳоро ва ҷомеаҳоро зарур мешавад, ки аз ду якеро

интихоб намоянд: ё озодие, ки пешгирии хатар ва таъмини пурраи амнияти шахсро кафолат намедиҳад ва ё амнияте, ки озодиро маҳдуд мекунад. Коронавирус ин масъаларо хеле зуд дар мадди аввали шуури ҷамъиятӣ гузошт. Зеро дар шароити пандемия кафолати таъмини ҳар ду унсур хеле душвор ва кори мураккаб мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки "эпидемия хотима ёбад ҳам, аммо маҳдудиятҳо дар меҳвари таваҷҷуҳ боқӣ хоҳанд монд ва тавозуни байни озодиву амният ба фоидаи охирин тағир хоҳад ёфт. Вобаста ба ин, дар оянда баҳсҳои васеи ҷамъиятӣ атрофи ҳуқуқу амният шиддат хоҳанд гирифт.

Нигоҳи чорум. Рақамикунонии зиддикаронавирусӣ авҷ хоҳад гирифт. Бо мақсади муборизаи шоиста бурдан бо каронавирус дар ҷаҳон мавҷи босуръати рақамикнуонӣ ва рӯ овардан ба иртиботи электронӣ авҷ хоҳад гирифт ва дар оянда ҳамон соҳае бурд хоҳад намуд, ки тариқи низоми рақамӣ фаъолият мекунад. Ҳамзамон суръат ва дараҷаи рушд дар ҳамаи самтҳои ҳаёти ҷамъиятӣ бамаротиб бештар хоҳад шуд.

Муҳаққиқон таърихи рушди босуръати ҷаҳон пас аз ба охир расидани Ҷанги Дуюми Ҷаҳониро, ки боиси хароб шудани инфрасохтори иқтисодию иҷтимоӣ шуда буд, вале ба ин нигоҳ накарда, дар як муддати кӯтоҳ суръати бесобиқаи рушд барқарор гардид, намунаи (ва ё модели) эҳтимолии рушди постпандмия мешуморанд[11]. Бинобар ин, барои дар радифи соҳаҳои осбпазир қарор нагирифтани дипломтаия дар оянда, рақамикунонии бомароми соҳа афзалияти бештар пайдо мекунад.

Нигоҳи панҷум. Шаклгирии ҳамбастагиии глобалӣ дар пояи ихтилофи глобалӣ. Пас аз бӯҳрони ҳамагири каронавирус назарҳо атрофи бавуҷудоии “идораи ҷаҳонӣ” бештар шуданд. Тибқи он яке аз арзишҳои асосии ҷаҳони баъдикаронавирус ҳамбастагии глобалӣ хоҳад буд ва пандемия боиси ба воқеият табдил ёфтани назарияи идоракунии ҷаҳонӣ, шаклгирии унсурҳои аввали сиёсати ягонаи ҷаҳонӣ хоҳад шуд. Аммо ҳамаи ин дар пасманзари бегонаситезӣ амалӣ хоҳад гашт.

Бояд зикр намуд, ки авҷ гирифтани синофобия дар оғози пайдошавии каронавирус андешаи болоро тасдиқ менамояд. Баҳсҳои зиёди миёни ИМА ва Иттиҳоди Аврупо бо Чин, рӯҳияи зидди чинӣ ва ё таҳаммулнопазирӣ ва нафрат нисбат ба Чин дар ин давра собит кард, ки бӯҳронҳои ҷаҳонӣ на омили ҳамгироии бештар, балки сабаби ихтилофҳои бузургтари байниқутбӣ ва байнидавлатӣ мешавад.

Ҳарчанд пандемия муваққатан боиси қатъи равана ди даргириҳо дар Ховари миёна шуд, вале таъсири ҷиддие ба ҳамгироии байналмилалӣ ворид накард. Қатъ нагардидани таҳримҳои гуногун, ки нисбат ба ин ё он давлат дар сатҳи байналмилалӣ амал мекунад, мисоли возеҳи ин гуфтаҳо мебошад.

Дар давраи коҳиши бесобиқаи молу маҳсулот мебоист кишварҳои ҷаҳон аз ҳама гуна таҳримот болои кишварҳои дигар даст кашида, ба кӯмаки ҳамдигар мешитофтанд. Вале чуноне таҷриба нишон медиҳад, таҳримҳо ҳамчун рукни фишори байналмилалӣ боқӣ монданд.

Ҳамзамон, ба монеаҳои ҷиддӣ дучор шудани кӯшишҳои СММ барои таҳкими сулҳ, беэътиноӣ ба даъвати Дабири кулли СММ "ҳамчун иқдоми башардӯстона қатъ намудани оташбаси ҷаҳонӣ" дар оғози пандемия, ба қарори ягона намомадани Шӯрои Амният оид ба боздошти таҳримҳо дар шароити пандемия ва дигар равандҳо яке аз далелҳои возеҳи адами ҳамгироии байналмилалӣ ба шумор мераванд.

Тамоюли умумиҷаҳонии дар давоми се соли охир шаклгирифта Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ дар канор нагузошт. Тоҷикистон низ дар ибтидо ба таври пурра ва айни замон қисман, имкониятҳои шабакаи умумиҷаҳонии интернетро барои муаррифии сиёсати хориҷӣ ва барқарор намудани равобити дипломатӣ истифода мебарад. Азбаски шабакаҳои иҷтимоӣ дар масъалаҳои имиджмейкинг фавқуллода муфид мебошанд, дарки моҳияти чунин технологияҳо барои истифодаи минбаъда дар амалияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон хеле муҳим аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз кишварҳои фаъоли сиёсати муосири ҷаҳонӣ мебошад, ба нигаҳдорӣ ва таҳкими мавқеи худ дар низоми мавҷудаи муносибатҳои байналмилалӣ бениҳоят манфиатдор аст. Дар ин росто, дипломатияи иттилоотӣ барои ташаккули симои мусбати Тоҷикистон аҳаммияти хоса дорад. Илова бар ин, дар заминаи паҳншавии ҳангомаҳо ва воҳимаҳо оид ба пандемияи каронавирус ВАО-и иҷтимоиро метавон ҳамчун яке аз шабакаҳои муҳим барои ифодаи мавқеи Ҳукумати кишвар дар доираи васеи масъалаҳо истифода намуд.

Гузаштан ба низоми онлайн-дипломатия аз оғози пайдоиши пандемия то ин замон нагузошт, ки ягон шикасти бузурги дипломатӣ дар сиёсати хориҷӣ ва байналмилалии Тоҷикистон ба вуҷуд ояд. Исботи ин гуфтаҳо раёсати муваффақи Тоҷикистон дар САД ва СҲШ дар солҳои 2020-2021 мебошад.

Солҳои 2020-2021 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин ду созмонҳо раёсат дошт. Ҳарчанд ин марҳила аз нуқтаи назари эпедимиологӣ барои тамоми кишварҳои ҷаҳон бисёр ҳассос буд, вале Тоҷикистон тамоми нақшаи чорабиниҳои ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷии давраи Раёсати худро дар сатҳи баланд иҷро намуд. Конфронсҳо, мизҳои гирд, нишастҳои коршиносӣ, комиссияҳои машваратӣ ва дигар чорабиниҳои нақшавии марбут ба давраи раёсат бидуни таъхир дар форматҳои гуногун (ҳузурӣ ва маҷозӣ) доир гардиданд.

Сарфи назар аз пандемияи коронавирус дар саросари ҷаҳон, Тоҷикистон тавонист шумораи рекордии чорабиниҳоро дар сатҳи роҳбарони вазорату идораҳои кишварҳои узви СҲШ гузаронад ва ҷараёни инкишофи фаъолияти умумиро дар ин давраи душвор таъмин намояд[12].

Дар таърихи 16-17 сентябр таҳти раёсати Тоҷикистон ҷаласаи Шӯрои амнияти дастҷамъии СААД ва 20-умин нишасти ҷашнии СҲШ дар шаҳри Душанбе баргузор шуд. Ин чорабиниҳои муҳим низ дар тарҳи омехта (ҳузурӣ – маҷозӣ) гузаронида шуданд. Аз ҷумла, Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин ва Сарвазири Ҳиндустон Нарендра Модӣ дар ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои узви СҲШ ба таври маҷозӣ ширкат ва суханронӣ карданд. Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин, раҳбарони Муғулистон ва Дабири кулли СММ низ тавассути видеоконфронс дар нишастҳо ширкат карданд.

Дар маҷмӯъ, ин чорабиниҳои муҳим намунаи олии инъикоси нақш ва аҳаммияти дипломатияи иттилоотӣ дар ҳаёти сиёсӣ ва муносибатҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад.

Натиҷаи раёсати Тоҷикистон дар ду созмони бонуфуз бастаи устувори ҳуҷҷатҳо буд, ки дар доираи ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои узви СҲШ санаи 16-17 сентябри соли равон дар шаҳри Душанбе қабул карда шуданд. Аз ҷумла дар Шӯрои сарони давлатҳои узви СҲШ 30 санд ва дар ҷаласаи Шӯрои амнияти дастҷамъии СААД дар маҷмуъ 14 снад ба имзо расонида шуданд.

Қаблан низ, соли 2020 нишастҳои сарони кишварҳои узви СҲШ ва СААД пурра дар шакли видеоконфронс баргузор гардиданд. Аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин ҷаласаҳо ва нишастҳои дигари сатҳи байналмилалӣ, аз ҷумла дар Вохӯрии сатҳи баланди Маҷмаи Умумии СММ бахшида ба ҷашни 75-солагии таъсис ёфтани СММ (21.09.2020), “Мулоқоти якуми Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим дар сиғаи видеоконфронс (03.03.2021), Мубоҳисаҳои умумии Иҷлоси 76-уми Маҷмаи Умумии СММ (24.09.2021), Ҷаласаи Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим. 02.11.2021 дар шакли онлайн иштирок ва суханронӣ анҷом дода шуд.

Ҳамин тавр, пандемияи COVID –19 ҳукуматҳо ва ҷомеаҳоро водор менамояд, на танҳо дар самти рафъи пайомадҳои иҷтимоию иқтисодии он бояд барномаҳои муассирро тарҳрезӣ ва татбиқ кунанд, ҳамзамон ба масъалаи ворид намудани технологияи иттилоотию иртиботӣ низ дар низоми идораи тамоми соҳаҳаҳои кишвар ва дар умум сиёсати дохилию байналмилалӣ таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир намоянд.

Мутобиқан, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар оянда руйи даст гирифтани механизмҳои муассири рушди дипломатияи иттилоотӣ бисёр

зарур мегардад. Дар ин самт амалӣ намудани якчанд ташаббусҳои соҳавӣ муҳим ба назар мерасад. Аз ҷумла:

Якум, дар солҳои охир кишварҳои пешрафта аз имкониятҳои дипломатияи иттилоотӣ фаъолона истифода мебаранд. Масалан, дар Вазорати корҳои хориҷии Британияи Кабир Дафтари дипломатияи рақамӣ фаъолият дорад, ки дар пешбурди масоили сиёсати хориҷӣ аз тариқи воситаҳои рақамӣ фаъолона амал мекунад. Вобаста ба ин, ва бо дарназардошти маҳдудиятҳои шаклгиранда дар оянда, таъсиси чунин зерсохтор дар Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон низ муҳим ба назар мерасад.

Дуюм, дар шароити муосир роҳбарони кишварҳои ҷаҳон батадриҷ саҳифаҳои худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ – ҳамчун воситаи муфиди иртиботи интерактивӣ ва таъмини фаврияти нашри иттилооти расмӣ боз мекунанд. Онҳо саҳфиаҳои худро дар шабакаҳои иҷтимоии маъмул ба монанди Twitter ва Facebook боз намуда, ба ин васила шаффофияти фаъолияти худро таъмин месозанд. Масалан, дар кишварҳои Аврупо ва Русия Twiplomacy ҳамчун қисми таркибии дипломатияи иттилоотӣ дар баробари дигар василаҳо ва усулҳои дипломатияи иттилоотӣ рушд мекунад.

Вазоратҳои корҳои хориҷии ин кишварҳо бо ин васила ба ҳама имкон медиҳад, ки тавассути Facebook ва Twitter рӯйдодҳои ҷории сиёсати хориҷиро пайгирӣ кунанд. Ин таҷриба дар Ӯзбекистон низ баъди ба сари қудрат омадани Шавкат Мирзиёев бисёр босуръат амалӣ мешавад ва ҷомеаи шаҳрвандӣ онро хеле хуб истиқбол намудааст.

Вобаста ба ин, муҳим шуморида мешавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ саҳифаҳои расмии марбут ба Президенти кишвар, вазирон, сафирон ва дигар шахсони расмӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз он ҷумла Facebook боз карда шавад. Он набояд фақат ҷанбаи иттилоотию хабарӣ, балки хусусияти интерактивӣ дошта бошад, ки ҳангоми паҳншавии ҳангомаҳо ва овозаҳо ё дигар раванду вазъияти муҳимми сиёсӣ дар кишвар ин шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд ҳамчун яке аз сарчашмаҳои муътамад барои ифодаи мавқеи Ҳукумати кишвар хизмат кунанд.

Ҳамин тавр, бо даназардошти таҳаввули вазъияти глобалӣ рушди дипломатияи иттилоотӣ ва коркарди механизмҳои муассири таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҷумлаи унсурҳои меҳварии дипломатияи муваффақ, воситаи ҳимояи манфатҳои миллӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ ва омили усутвории давлат дар ростои хавфу хатарҳои мавҷуда ва нав мебошад. Бинобар ин, таҳия ва татбиқи барномаҳои мушаххаси соҳавӣ дар ин самт тақозои вақт ва замон, ҷавоби амалӣ ба вазъи кишвар ва ҷаҳон мебошад.

АДАБИЁТ

1. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. аз 27 январи соли 2015, №332

2. Муҳаммадзода П.А. Муносибатҳои байналмилалӣ дар шароити буҳрони ҷаҳонии коронавирус. Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. № 3(71), Душанбе, 2020.- С.14

3. Перейти Рубикон: виртуальная дипломатия в меняющемся мире. 12.11.2020. https://www.icrc.org/ru/document/pereyti-rubikon-virtualnaya-diplomatiya-v-menyayushchemsya-mire. (Санаи дастрасӣ: 05.05.2021)

4. Санаи М. Мировой порядок после коронавируса: ничего не изменится? 21.04.2020 ru.valdaiclub.com/a/highlights/mirovoy-poryadok-posle-koronavirusa/ (Санаи дастрасӣ: 15.10.2021)

Яке аз масъалаи асосии баҳисобгирӣ-арзишмуайянкунии соҳаи чорводорӣ коркард нашудани методикаи интихоби воҳидҳои калкулятсионӣ, ки ба ҷараёни калкулятсионӣ мутобиқ буда, хусусиятҳои истеҳсоли маҳсулотро аз лиҳози техникӣ-иқтисодӣ бо дарназардошти параметрҳои инфиродии онҳо пурра ифода менамояд, ба ҳисоб меравад.

В.Б. Ивашкевич чунин мешуморад, ки “интихоби воҳидҳои калкулятсионӣ аз мақсади калкулятсия ва хусусиятҳои хоси намуди алоҳидаи маҳсулот, имконияти муқоиса намудани онҳо бо хароҷоти дахлдор вобастагӣ дорад. Дар баробари ин интихоби аз лиҳози иқтисодӣ асосноккардашудаи воҳидҳои калкулятсионӣ барои таҳлил ва баҳодиҳии хароҷот ва самаранокии истеҳсолот аҳмияти калон дорад” [6, с. 212-214].

Гоголев Ю.А. зери воҳидҳои калкулятсионӣ “ченаки натуралии бо объекти калкулятсия баробар ва вобаста ба маҳсулот тайёр, ки чун қоида бо воҳиди ченак мувофиқат мекунад, дар стандартҳо ё дар шарти техникӣ нисбат ба намуди дахлдори маҳсулот, кор ё хизмат дар бизнес-нақшаи истеҳсоли субъекти иқтисодӣ мавҷуданд, мефаҳмад” [5, с 127]. Блинова У.Ю., Щуплова М.А. воҳидҳои калкулятсиониро таҳқиқ намуда қайд мекунанд, ки “он воситаи ченкунии объекти калкулятсионӣ дар ченаки муйян мебошад. Ба сифати воҳидҳои калкулятсионӣ, асосан воҳидҳои натуралӣ (тонна, метр) ва шартӣ-натуралӣ, ки ба воситаи коэффисиентҳои ҳисоб мекунанд, истифода менамоянд [3, с. 60]. Ба ақидаи Мизиковский И.Е. “мафҳуми воҳидҳои калкулятсиониро ҳамчун воҳиди ченаки натиҷаҳои ҷараёни баҳисобгирӣ-калкулятсионӣ бо ченаки натуралӣ шарҳ дод, ки дақиқии ҳисобкуниҳои иқтисодиро таъмин менамояд” [11, с. 29]. Бояд қайд намуд, ки муҳақиқони дар боло овардашуда воҳидҳои калкулятсиониро бо воҳиди ченкунии объекти калкулятсионӣ якхела, ҳаммаъно медонанд. Мо бо ин рози шуда наметавонем, зеро интихоби онҳо аз сохтори ташкилии корхона, технологияи истеҳсолот ва хусусиятҳои хоси истеҳсоли намуди алоҳидаи маҳсулот вобастагӣ дорад.

Чи хеле, ки Низомов С.Ф. қайд мекунад “объектҳои калкулятсионӣ бо воҳидҳои калкулятсионӣ вобастагии иқтисодӣ доранд, ки онҳо воҳиди ченаки объекти калкулятсияро ифода мекунанд. Воҳиди калкулятсонӣ аз объекти калкулятсонӣ бо он фарқ мекунанд, ки он хосияти истеъмолии маснуотро инъикос менамояд” [13,. с. 213]. Бинобар ин, фикр мекунем, ки Палий В.Ф. дуруст қайд кардааст: “Воҳиди калкулятсионӣ метавонад бо объекти калкулятсионӣ мувофиқат кунад ва мувофиқат накунад. Он воҳиди метрикии ченаки объекти мушаххас мебошад ва онро танҳо ченаки техникӣ ҳисоб намудан мумкин нест” [16, с. 88].

Аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ду ҳуҷҷати меъёрӣ Низомнома [12, с. 7-30] ва тавсияи методӣ [9, с. 170-174] таҳия карда шудааст ва бояд дар онҳо тартиби калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот, аз ҷумла дар парандапарварӣ мушаххас нишон дода мешуд. Вале дар ин ҳуҷҷатҳои меъёрӣ тартиби иҷроиши корҳо ҳангоми калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ ба танзим дароварда нашудааст. Барои ҳамин ҳам олимони ватание [1, с. 162-166; 14, с. 51-59; 17, с. 24-26], ки ин масъаларо пайгирӣ кардаанд, онро фақат рӯякӣ бидуни ба назар гирифтани хусусиятҳои хоси соҳаи парандапарварӣ ва алоқамандии он бо дигар соҳаҳо ва дигар намудҳои истеҳсолот дида баромадаанд. Бо назардошти хусусиятҳои истеҳсолӣ, махсусият ва сохтори ташкилӣ-истеҳсолӣ, таҷрибаи амалии корхонаҳо аз ҷониби мо модели пайдарпайии иҷроиши корҳо ҳангоми калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти соҳаи парандапарварӣ коркард шуд.

Давраи I

1. Байни объектҳои ҷудогонаи баҳисобгирӣ хароҷот барои нигоҳдории воситаҳои асосиро таксим мекунанд

2. Хароҷот барои нигоҳубини шӯъбаҳои хӯрокаро мутаносибан ба микдори хӯрокаҳои сарфшудаи дар ҳамин шӯъба истеҳсолшуда тақсим мекунанд

3. Хароҷоти умумии зерсохторҳо, сеххо ва фермаҳои парандапарвариро тақсим мекунанд

4. Аз рӯи хароҷоти парандапарварӣ маблағи хароҷотро соқит мекунанд

5. Маблағи умумии хароҷотро аз рӯи объектҳои баҳисобгирии хароҷоти парандапарварӣ муайян месозанд.

Давраи II

Дар охири сол дуруст будани қайдҳоро тибқӣ дебит ва кредити ҳисобҳои ҷузъӣ дар зерҳисоби 10732 «Парандапарварӣ» месанҷанд:

карда шуд (расми 1).

10732.1 – Тӯдаи мурғони наслдиҳанда

10732.3 – Инкубатсияи тухмҳо

10732.5 – чӯҷаҳои ҷавонаи самти тухмдиҳӣ



Расми 1. Тартиб ва пайдарпайии муайяни кардани арзиши аслии маҳсулоти соҳаи парандапарварӣ

Ба мисли дигар соҳаҳо чорводорӣ, парандапарварӣ хусусиятҳои хоси технологии худро доранд, махсусан бисёрвариантии ҷараёнҳои технологӣ (парвариш ва нигоҳубини тӯдаи мурғони бавоярасида, инкубатсия, парвариши ҷавонаи парандагон), ки байни ҳам пайваста буда, сахт алоқаманд мебошанд.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот маълум гардид, ки ин масъала аз ҷониби олимону муҳақиқон амиқ баррасӣ нагардидааст. Агар ба соҳаи парандапарварӣ ҳамчун ба комплекс нигарем (аз рӯи самтҳои чорводорӣ ва саноатӣ), пас ҳар як ҷараёни технологӣ хусусиятҳои хоси худро дорад, ки онҳо ба пайдарпайии калкулятсияи арзиши асли маҳсулоти парандапарварӣ таъсир мерасонанд.

Ҷараёнҳои технологӣ дар парандапарварӣ бо якҷинсагии иҷроиши амалиётҳо тавсиф дода мешавад, ки аз рӯи вақти муайян ҷудо карда нашудаанд ва пайваста амалӣ карда мешаванд. Гуруҳбандии хароҷот бояд аз рӯи ду самт ба роҳ монда шавад: аз рӯи намудҳои асосии истеҳсолоту гурӯҳҳои прандагон ва аз рӯи намудҳои асосии хароҷот. Хусусиятҳои соҳаи парандапарварӣ аз рӯи ҳар як ҷараёни технологӣ, таъсири мутақобила ва боҳамалоқамандии онҳоро таҳлил намуда, модели пайдарпайии калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ коркард карда шудаст.

Ҳар як корхонаи парандапарварӣ бо дарназардошти самти фаъолияти худ (тухмдиҳӣ, гӯштӣ, гушту тухмдиҳӣ, инкубатсия, зотпарварӣ ва ғ.) ва хусусиятҳои ҳар як ҷараёни технологии парандапарварӣ ҳуқуқ дорад, ки пайдарпайии баҳисобгирии арзиши аслии маҳсулоташро мустақилона муайян кунад. Он унсури сиёсати баҳисобгирии он мебошад.

Бояд қайд намуд, ки объектҳои инноватсионии баҳисобгирии хароҷот, объектҳои калкулятсионӣ ва воҳидҳои калкулятсионӣ дар парандапарварӣ вобаста аз пуррагӣ ва фаврият метавонад ба зергурӯҳҳои алоҳида тақсим карда шаванд. Номгӯи объектҳои калкулятсионӣ ва воҳидҳои карлкулятсионӣ дар парандапарварӣ дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Ҷадвали 1.

Номгӯи объектҳои калкулятсионӣ ва воҳидҳои калкулятсионӣ дар парандапарварӣ

Объекти баҳисобгирии хароҷот	**Объектҳои калкулятсионӣ**	**Воҳидҳои калкулятсионӣ**
Тудаи саноатӣ	Тухми истеъмолӣ	1000 дона тухмҳои сифаташон гуногун (аъло, баландсифат, категорияи якум, дуюм ва сеюм)

	Афзоиши вазни зинади паранда	Як сентнер вазни зинда
Тудаи наслдиҳанда	Тухми зотӣ	1000 дона тухми зотӣ
	Тухми истеъмолӣ	1000 дона тухмҳои сифаташон гуногун (аъло, баландсифат, категорияи якум, дуюм ва сеюм)
Инкубатсия	Ҷавонаи шабонарӯзаи паранда	1000 дона парандаи шабонаруза
Парандаи то 60 шабонаруза	Афзоиши вазни зиндаи паранда	Як сентнер вазни зинда
Парандаи то 180 шабонаруза	Афзоиши вазни зиндаи паранда	Як сентнер вазни зинда
Парандаи то 210 шабонаруза	Афзоиши вазни зиндаи паранда	Як сентнер вазни зинда
	Тухми истеъмолӣ	1000 дона тухмҳои сифаташон гуногун (аъло, баландсифат, категорияи якум, дуюм ва сеюм)
Бройлери то 75 шабонаруза	Афзоиши вазни зиндаи паранда	Як сентнер вазни зинда
Бизнес–ҷараёнҳо	Инкубатсия	Ҷавонаи шабонарузаи паранда
	Сехи чӯҷаи ивазшаванда	Тухми зотӣ Тухми истеъсолӣ
	Сехи мурғони саноатӣ	Тухми истеъмолӣ Афзоиши вазни зинади паранда
	Сехи мурғони наслдиҳанда	Тухми зотӣ, Тухми истеъмолӣ
	Ба навъҳо ҷудокунӣ ва банду баст	Тухм Гушт

Ҷараёни баҳисобгирӣ ва калкулятсияи харочот бо низоми ҳисобҳои муҳосибӣ барои муайян намудани арзиши аслии меъёрӣ ва ҳақиқӣ, пурра ва ихтисоркардашуда таъмин карда мешавад.

Ҳангоми гурӯҳбандӣ намудани воҳидҳои калкулятсионӣ дар парандапарварӣ чунин воҳидҳоро ҷудо намудан мумкин аст:

- Воҳидҳои натуралӣ – истифодабариаш ҳамон вақт имконпазир мебошад, агар дилхоҳ чорво як намуди маҳсулот диҳад;
- Воҳидҳои шартӣ-натуралӣ – истифодабариаш имконпазир аст, агар аз гурӯҳи чорво якчанд намуди маҳсулот диҳад, дар ин сурат ҳангоми калкулятсия кардан ба як намуд оварда мешаванд (масалан,

ҳангоми инкубатсияи яквақтаи тухмҳои мурғони гуногун – тухмҳои шартӣ).

Ҳангоми истифодабарии воҳидҳои калкулятсионӣ инчунин зарур аст, ки сифати маҳсулот низ ба инобат гирифта шавад. Қайд мекунем, ки оид ба ин масъала дар адабиёти илмӣ ва таҷрибаи ватанӣ ягон маълумот мавҷуд нест. Масалан, тавсифи асосии сифатии тухмҳои истеъмолӣ ҳаҷми онҳо мебошад, ки аз омилҳои гуногун вобаста мебошад, чунончи зоти мурғ, синну сол, ҳаҷми мурғ, шароитҳои нигоҳубин ва хӯрокаи мурғон. Вобаста аз ҳаҷмаш тухмҳоро ба се категория – 1-ум, 2-юм ва 3-юм ҷудо мекунанд. Бинобар ин мо бар он ақидем, ки ҳангоми истифда кардани воҳиди калкулятсионии арзиши аслии тухмҳои истеъмолӣ сифати он ба инобат гирифта шавад, ки яке аз омили нархгузории маҳсулот дар бозор мебошад.

Номгӯий объектҳои калкулятсия ва воҳидҳои калкулятсияонӣ дар парандапарварӣ аз руи ҳар як гурӯҳи технологӣ ба ташаккулёбии иттилооти эътимодноке, ки мақсадҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва идоракунии фаврии хоҷагидориро фаро мегирад, мусоидат мекунад. Номгӯий объектҳои калкулятсия ва воҳидҳои калкулятсионӣ метавонанд дар корхона вобаста аз миқдори саршумор, технология ва ташкили истеҳсолот муайян карда шаванд. Номгӯий тавсияшавандаи объекти калкулятсия ва воҳиди калкулятсияонии парандапарварӣ дар ҷалвали 2 оварда шудааст.

Ҷалвали 2.

Номгӯий объекти калкулятсия ва воҳиди калкулятсияонӣ дар парандапарварӣ

№ р/т	Объектҳои баҳисобгирӣ аз руи гуруҳҳои технологӣ	Мақсади истеҳсолот	Объекти калкулятсия	Воҳиди калкулятсияонӣ
1.	Тӯдаи мурғони наслдиҳанда	Тухмҳои зотӣ	Тухми зотӣ	1000 дона тухм
2.	Тӯдаи мурғони саноатӣ	Тухмҳои истеъмолӣ	Тухми истеъмолӣ	1000 дона тухм (категорияҳои 1-ум, 2-юм ва 3-юм)
3.	Инкубатсия	Чуҷаи ҷавонаи шабонаруза	Чӯҷаи ҷавонаи шабонарӯза ҳангоми инкубатсияи ян намуди тухми парранда	Як сар чуҷаи ҷавонаи шабонаруза
			Хизматрасонӣ аз рӯи инкубатсияи тухм	

			Чуҷаи ҷавонаи шабонаруза (арзиши инкубатсияи 1 сар чуҷаи шартӣ) ҳангоми дар як вақт инкубатсияи тухми намудҳои гуногуни паранда	
4.	Чуҷаи ҷавона	Афзоиши вазни зинда	Афзоиши вазни зинда	1 сентнер афзоиши вазни зинда
			Вазни зинда	1 сентнер вазни зинда

Аз намуд ва технологияи истеҳсоли маҳсулот усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот вобаста мебошад. Усули калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот ҳамчун роҳҳои бунёди ҳисобҳои ҷузъӣ оид ба ташаккулёбии хароҷот бо мақсади илман асонок муайянкунии арзиши аслии маҳсулот ва идоракунии истеҳсолот фаҳмида мешавад.

Таснифоти усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот предмети мубоҳиса гашааст ва таснифи умумии қабулгардидаи онҳо то ба ҳол мавҷуд нест. Маҳаки интихоби ин ё он усули баҳисобгирӣ қобилияти қонеъ намудани талаботҳои баҳисобгирӣ, назорат ва идоракунӣ мебошад. Дар парандапарварӣ усули ҷараёнии баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулотро ҳамон вақт истифода мекунанд, ки истеҳсоли маҳсулот аз амалиётҳо ва ҷараёнҳо иборат буда, онҳо пайдарпай мебошанду такрор мешаванд ва арзиши аслии маҳсулотро бошад, дар ҳар як давраи истеҳсолот, амалиёт ё ҷараён муайян мекунанд. Масалан аз тӯдаи мурғони наслдиҳанда тухм истеҳсол мекунанд, ки онҳо ба инкубатсия таалуқ доранд ва баъд аз онҳо ҷуҷаҳои ҷавонаи шабонарӯзӣ мебароянд, ки онҳоро ба парвариш медиҳанд ва дар ҳолати ба синни муносиб расидан, онҳоро ба тӯдаҳои мурғони наслдиҳанда ва саноатӣ мегузаронанд. Дар ҳар як давра бояд арзиши аслии истеҳсоли маҳсулот муайян карда шавад, ки он барои давраҳои ояндаи истеҳсолот ҳамчун ашё баромад мекунад.

Ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ яке аз қисмҳои асосии фаъолияти иқтисодӣ мебошад, бинобар ин онро бояд чунон ташкил намуд, ки он хусусиятҳои соҳа, алалхусус махсусияти истеҳсолот, технологияи истеҳсолот дар асоси саноат бо истифодабарии механизатсия

ва автоматизатсияи ҷараёнҳои меҳнат, самаранок истифодабарии хусусиятҳои биологии паранда, хароҷоти моддӣ ва меҳнатӣ ва ғайраро ба назар гирад.

Натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда нишон мадиҳад, ки ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулот аз махсусияти корхонаҳои парандапарварӣ вобаста мебошад, аз он ҷумла, дар парандапарварӣ корхонаҳо ба махсуснагардонидашуда ва махсусгардонидашуда тақсим карда мешаванд, дар навбати худ корхонаҳои махсусгардонидашудаи дорои камтар аз 10 ҳаз. сар ва корхонаҳои махсусгардонидашудаи дорои аз 10 ҳаз. сар зиёд паранда дошта ва ғ. мебошанд.

Ба ақидаи Лисович Г.М. “Вобаста аз махсусияти корхона усули ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот метавонад гуногун бошад. Дар корхонаҳои махсусгардонидашудаи парандапарварии бо саршумори аз даҳ ҳазор зиёд ва фермаҳои парандапарварии парваришкунанадаи мурғон дар асоси саноатӣ баҳисобгирии хароҷот дар доираи гурӯҳҳои технологӣ бурда мешавад” [8, с. 241]. Дар ин сурат зерҳисобҳои ҷузъии зерин ба ҳисоби 10732 «Парандапарварӣ» кушода мешавад:

- 10732 «Парандапарварӣ» /10732.1 “Сехи инкубатсионӣ” (мақсади асосии истеҳсолот гирифтани чуҷаи ҷавонаи шабонаруза; маҳсулоти камшумор – тухмҳои миражи (хушку холӣ), хурусҳои шабонарузии захбшуда барои мақсадҳои хурока);
- 10732 «Парандапарварӣ» /10732.2 “Тудаи мурғони наслдиҳанда” (мақсади асосии истеҳсолот – гирифтани тухмҳои зотӣ; маҳсулоти иловагӣ – пору, пар ва тухми истеъмолӣ);
- 10732 «Парандапарварӣ» /10732.3 “Парвариши чуҷаҳои ҷавона” (мақсади асосии истеҳсолот – гирифтани вазни зиндаи паранда; маҳсулоти иловагӣ – пору, пар ва тухм аз ҷавона);
- 10732 «Парандапарварӣ» /10732.4 “Тудаи мурғони саноатӣ” (мақсади асосии истеҳсолот – гирифтани тухмҳои истеъмолӣ; маҳсулоти иловагӣ – пору, пар ва тухми шикаста).

Баҳисобгирӣ дар паранпарварии самти тухмӣ аз рӯи гурӯҳҳои технологӣ бурда мешавад: аз 1 то 60 рӯза; аз 61 то 150 рӯза; аз 150 то 180 рӯза.

Баҳисобгирӣ дар паранпарварии самти гӯштӣ бошад – аз рӯи гурӯҳҳои технологӣ: аз 1 то 180 рӯза; аз 181 то 210 рӯза.

Аз рӯи дигар намудҳои паранда (мурғи марҷон, муғобӣ, ғозҳо ва ғайра) баҳисобгири дар доираи ду гурӯҳ бурда мешавад: тудаи бавоярасида ва ҷавона тамоми сину сол.

Ҳамин тавр бо назардошти талаботи СБҲМ “Кишоварзӣ” (алахусус банди 41, ки талаботро оид ба он ки корхона маълумоти миқдориро аз рӯи

ҳар гурӯҳи дороиҳои биологӣ бо тафриқаи дороиҳои биологии истеъмолшаванда ва бордиҳанда (маҳсулдиҳанда), ё дороиҳои пухта ва нопухта, вобаста аз вазъият, пешиниҳод созад) зарурат ба миён меояд, ки дороиҳои билогиро дар баҳисобгирии тавозунӣ дар алоҳидагӣ нишон диҳем. Қайд мекунем, ки Нақшаи ҳисобҳои амалкунанда, чи хеле, ки мо дар боло гуфта будем имконияти баҳисобгирии дороиҳои биологии ҷориро надорад. Бинобар ин, зарурати ворид намудани тағйирот ба Нақшаи ҳисобҳои амалкунанда пеш меояд. Ба ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» зерҳисоби 10732 «Парандапарварӣ» кушода мешавад. Дар ҷадвали 3 вобаста аз хусусияти соҳаи парандапарварӣ ҳисобҳои куллӣ ва ҷузъии сатҳи гуногун оварда шудааст.

Ҷадвали 3.

Ҳисобҳои куллӣ ва ҷузъии тавсияшаванда дар парандапарварӣ

Ҳисоби куллӣ	**Ҳисоби ҷузъии сатҳи 1–ум**	**Ҳисоби ҷузъии сатҳи 2–юм**
10732 «Парандапарварӣ»	10732.1 “Сехи инкубатсионӣ”	10732.1.1 “Чуҷаи ҷавонаи шабонаруза” 10732.1.2 “Тухмҳои миражи (хушку холӣ)” 10732.1.3 “Хурусҳои шабонарузии заҳбшуда барои хурока”
	10732.2 “Тудаи мурғони наслдиҳанда”	10732.2.1 “Тухмҳои зотӣ” 10732.2.1 “Тухми истеъмолӣ” 10732.2.1 “Пору” 10732.2.1 “Пар”
	10732.3 “Парвариши чуҷаҳои ҷавона”	10732.3.1 “Вазни зиндаи паранда” 10732.3.2 “Тухм аз ҷавона” 10732.3.3 “Пору” 10732.3.4 “Пар”
	10732.4 “Тудаи мурғони саноатӣ”	10732.4.1 “Тухмҳои истеъмолӣ” 10732.4.2 “Пору ” 10732.4.3 “Пар” 10732.4.4 “ Тухми шикаста”

Тибқи қонунгузории мавҷуда воҳиди шартии калкулятсионӣ барои муайян намудани арзиши аслии тухмҳо 1000 дона тухм мебошад. Барои ҳисоб кардани арзиши аслӣ тавсия дода мешавад, ки аз маблағи умумии хароҷот барои нигоҳубини тӯдаи муайяни паранда арзиши маҳсулоти иловагиро тарҳ карда, маблағи боқимонда ба миқдори тухмҳо тақсим карда

шавад. Дар таҷриба баъзе корхонаҳо ҳангоми калкулятсияи арзиши аслии тухмҳо арзиши маҳсулоти иловагиро аз маблағи хароҷот тарҳ намекунанд ки арзиши аслии маҳсулоти асосӣ нодуруст ҳисоб карда шуда, сабаби дар оянда қабули қарорҳои идоракунии беасос мегардад.

Ҷадвали 4.

Тартиби ҳисоби арзиши аслии маҳсулот аз рӯи ҳар як гурӯҳи технологӣ

Тартиби ҳисоби арзиши аслии маҳсулот аз рӯи ҳар як гурӯҳи технологӣ дар ҷадвали 4 **№ р/т**	**Нишондиҳанда**	**Воҳиди ченак**	**Ҳисобкунӣ**	**Натиҷа**
А	**Тудаи мурғони наслдиҳанда**			
1.	Хароҷот барои нигоҳубини тӯдаи мурғони наслдиҳанда	Сомонӣ		
2.	Маҳсулоти истеҳсолшуда:			
2.1.	Асосӣ (тухми барои инкубатсия мувофиқ)	Дона		
2.2.	Маҳсулоти иловагӣ:			
2.2.1.	*Тухми ноқис ва истеъмолӣ*	Дона		
		Сомонӣ		
2.2.2.	*Тухми шикаста*	Дона		
		Сомонӣ		
2.2.3	*Пору*	Тонна		
		Сомонӣ		
2.2.4.	*Пар*	кг		
		Сомонӣ		
3.	Маблағи умумӣ хароҷот барои инкубатсияи тухм	Сомонӣ		
4.	Арзиши аслии 1 ҳаз. дона тухми инкубатсионӣ	Сомонӣ		
Б	**Тудаи мурғони саноатӣ**			

1.	Хароҷот барои нигоҳубини тудаи мурғони саноатӣ	Сомонӣ		
2.	Маҳсулоти истеҳсолшуда:			
2.1.	Асосӣ (тухми истеъмолӣ)	Дона		
2.2.	Маҳсулоти иловагӣ:			
2.2.1.	*Тухми шикаста*	Дона		
		Сомонӣ		
2.2.2.	*Пору*	Тонна		
		Сомонӣ		
2.2.3.	*Пар*	кг		
		Сомонӣ		
3.	Маблағи умумӣ хароҷот барои истеҳсоли тухми истеъмолӣ	Сомонӣ		
4.	Арзиши аслии 1 ҳаз. дона тухми истеъмолӣ	Сомонӣ		

Бо чунин тартиби арзиши аслии маҳсулот аз рӯи ҳар як гурӯҳи технологӣ ҳисоб карда мешавад. Дар навбати аввал маблағи умумӣ хароҷот бо роҳи тарҳ намудани маблағи маҳсулоти иловагии гирифташуда аз хароҷоти гуруҳи технологӣ (бо сомонӣ) муайян карда мешавад. Соният, маблағи умумӣ хароҷот ба миқдори маҳсулотии аосии истеҳсолшуда тақсим карда шуда, арзиши аслии 1 воҳиди маҳсулот (бо сомонӣ) муайян карда мешавад.

Дар ҷараёни калкулятсия яке аз лаҳзаҳои калидии дигар ин муайян кардани усулҳои калкулятсионӣ мебошад. Усули калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ чунин усулҳоро дар бар мегирад:

-хароҷот мустақим ба намудҳои маҳсулот ҳамроҳ карда мешавад;

-ихтисор кардан аз маблағи умумии хароҷот;

-истифода намудани коэффитсиентҳои муқарраршуда;

- тақсим намудани хароҷот мутобиқи пояҳои (база) муқарраршуда;

- ҷамъ кардани хароҷот;

- ҳисобкунии омехтаи арзиши аслии маҳсулот.

Усули ҳисобгирии мустақимро дар он ҳолат истифода мебаранд, агар объекти хароҷоти истеҳсолӣ бо объекти калкулятсия якхела бошанд. Онро танҳо дар вақти ҷой надоштани хароҷоти барилова истифода мекунанд Бинобар ин дар корхонаҳои парандапарварӣ онро якҷоя бо дигар усулҳо истифода мекунанд.

Усули ихтисор кардани хароҷот аз он иборат аст, ки аз маблағи умумии хароҷот арзиши партовҳоро ихтисор мекунанд. Дар корхонаҳои парандапарварии таҳқиқкардаи мо ҳангоми инкубатсияи тухмҳо арзиши партовҳоро аз маблағи умумии хароҷот ихтисор мекунанд ва аз ин лиҳоз метавон хулоса баровард, ки ин усул ҳарчанд, ки дар корхонаҳо истифода шавад ҳам, аммо аз нигоҳи мо дуруст нест. Зеро партовҳои инкубатсия бояд бо арзиши истифодабарии имконпазирашон баҳогузорӣ карда шаванд.

Усули коэффитсиентҳо ҳамон вақт истифода мешавад, ки агар хароҷот аз рӯи як объект ба ҳисоб гирифта шуда бошад ва бояд он миёни якчанд намудҳои маҳсулот тақсим карда шавад. Ин усул дар назар дорад, ки тамоми маҳсулоти истеҳсолшуда тавассути коэффитсиентҳо ба маҳсулотҳои шартӣ гузаронида шуда, бо микдори воҳидҳои калкулятсионӣ муайян карда мешавад. Пас аз ин хароҷот ба воҳидҳои калкулятсионӣ тақсим карда шуда, арзиши аслии як воҳиди маҳсулотро муайян мекунанд. Арзиши аслии як воҳиди калкулятсионӣ ба миқдори маҳсулоти шартии ҳар як намуди маҳсулот зарб карда шуда, хароҷот аз рӯи ҳар як намуди маҳсулот муайян карда мешавад. Ин усулро имрӯзҳо дар корхонаҳои парандапарварӣ истифода мекунанд. Аммо бояд қайд кунем, ки ҳар як корхона коэффитсиентҳоро бо роҳҳои экспертӣ муайян мекунад, ки бешак ба объективӣ будани ин усул таъсир мерасонад.

Усули тақсим намудани хароҷот мутаносибан ба пояҳои муқарраршуда аз он иборат аст, ки хароҷоти аз рӯи як объекти калкулятсия ба ҳисоб гирифта шудаанд байни якчанд намудҳои маҳсулотҳо тақсим карда мешаванд, ки нибаст ба онҳо коэффитсиентҳо муайян нашудаанд. Дар ин ҳолат хароҷоте, ки аз рӯи объекти муайян баҳисоб гирифта шудаанд миёни намудҳои маҳсулотҳои дар асоси поя муқараркардашуда мутаносибан тақсим карда мешаванд. Ин усулро дар корхонаҳои парандапарварӣ барои тақсим намудани хароҷоти ғайримустақим истифода мекунанд.

Моҳияти усули ҷамъкунии хароҷот аз он иборат аст, ки арзиши аслии намуди мушаххаси маҳсулот бо роҳи ҷамъ кардани хароҷоте, ки аз рӯи ҷараёнҳои технологии мувофиқ ба ҳисоб гирифта шудаанд (давра, марҳила), муайян карда мешаванд. Дар корхонаҳои парандапарварии таҳлилкардаи мо ҳамчунин усули ҷамъкунии хароҷотро низ истифода мекунанд, зеро ҳангоми ба ҳисоб гирифтани арзиши аслии вазни зиндаи ҷавонаҳои ивазкунанда ва бройлерҳо ба арзиши аслии маҳсулот арзиши аслии чӯҷаҳои шабонарӯзиро дохил мекунанд.

Усули омехта якбора якчанд усулҳоро пайдарпай истифода мекунад. Усулҳои калкулятсияи арзиши аслии маҳсулотро омӯхта, мо ба хулосае омадем, ки дар корхонаҳои парандапарварӣ истифодаи усули омехтаи баҳисобгирии арзиши аслии маҳсулот ба мақсад мувофиқ аст, зеро он тамоми усулҳои дар боло зикргардидаи калкуятсияро таҷассум мекунад.

Давраи ниҳоии калкулятсия ин амалиёти аз ҳисоб баровардани фарқиятҳои калкулятсионӣ байни арзиши аслии ҳақиқӣ ва меъёрӣ-пешгӯишуда мебошад. Барои ин ҳисоби соқиткунии фарқиятҳои калкулятсиониро тартиб медиҳанд. Фарқиятҳои калкулятсиониро аз кредити зерҳисоби 10732 «Парандапарварӣ» ва ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» дар дебити ҳисобҳои зерин аз ҳисоб мебароранд:

- 10750 «Маҳсулоти кишоварзӣ аз дороиҳои биологӣ» - аз рӯи маҳсулоти дар охири сол боқимонда (тухмҳо);
- 10732.1 «Сехи инкубатсионӣ" - аз рӯи тухмҳои ба инкубатсия ирсолшуда;
- 10732.2 "Тудаи мурғони наслдиҳанда" - аз рӯи тухмҳои зотӣ ва саноатӣ истеҳсолшуда;
- 10732.3 "Парвариши чуҷаҳои ҷавона" - тибқи афзоиши ҳаҷми зиндаи парандагон;
- 10732.4 "Тудаи мурғони саноатӣ" - аз рӯи тухмҳои саноатӣ истеҳсолшуда;
- 55010 «Арзиши аслии фурӯш» - аз маҳсулоти фурӯхташуда.

Корхонаҳо дар фаъолияти худ мустақилона шаклҳои варақаҳои калкулятсиониро коркард мекунанд, ки онҳо ҳуҷҷати ибтидоӣ ба ҳисоб мераванд, ки маълумот оид ба объекти баҳисобгирии харочот, харочоти зерсохторҳо, истеҳсоли маҳсулотро аз рӯи намуд ва арзиши аслии онҳоро дар бар мегиранд. Вале ба ақидаи мо чунин ҳисобкуниҳо бояд дар шакли озод гузаронида нашаванд ва бояд дар ҳуҷҷати махсус коркардкардашуда тартиб дода шаванд, ки онро навишти калкулятсионӣ меноманд, зеро, ки шакли муқарраргардидаи варақаҳои калкулятсионӣ имконият медиҳанд, ки пешбурди баҳисобгирӣ ва тартиб додани ҳуҷҷатҳо мукаммал гардонида шаванд.

Равишҳои калкулятсия арзиши аслии маҳсулотро дар корхонаҳои ноҳияҳои тобеъи марказ таҳлил намуда, мо ба хулосае омадем, ки дар таҷриба барои қабул намудани қарорҳои фаврии идоракунии истеҳсолӣ ҳармоҳ ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот зарур мебошад. Аз сабаби он, ки дар аксари корхонаҳои парандапарварӣ маҳсулоти растанипарварӣ истеҳсол карда намешавад, барои гузаронидани ин амал ягон монеъа вуҷуд надорад. Чӣ хеле, ки маълум гашт, чунин ҳисобкуниҳо воқеъан дар корхонаҳо иҷро карда мешаванд ва дар ҳар як корхонаи таҳқиқкардашуда новобаста аз самти фаъолияташон дар сохтори хизматрасониҳои молиявӣ-иқтисодӣ мутахассисоне мавҷуданд, ки ба ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти зарурӣ машғуланд. Ҳамзамон, яке аз масъалаҳои асосӣ ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот барои эҳтиёҷоти роҳбарон мебошад. Таҳлили фаъолияти онҳо нишон дод, ки дар ҳар як корхонаҳои парандапарварӣ ин ҷараёнро аз рӯйи «усули»

мустақилона коркард шудаи худи корхонаҳо бурда мешавад ва дар онҳо номукаммалиҳо дида мешаванд. Сабабҳои ин ҳолатҳо дар навбати аввал мавҷуд набудани коркардҳои методологии соҳавӣ ва баъдан қисман мутобиқат накардани тавсияҳои методологии мавҷудбуда ба талаботҳои ҳақиқии истеҳсолот мебошанд.

АДАБИЁТ

1. Абдураҳимов А.А., Ҷонмаҳмадов Қ.Ш. Хусусиятҳои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолии маҳсулоти парандапарварӣ/ Кишоварз. - 2020. № 2. - С. 162-166
2. Барфиев Қ.Х., Ҳасанова Н.А. Баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот мувофиқи СБҲМ дар сектори аграрии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия: Естественные и экономические науки. 2020. Т. 52. № 1.- С. 182-186.
3. Блинова У.Ю., Щуплова М.А. Теоретические аспекты системы учета затрат и калькулирования себестоимости // Вестник университета. ФГБОУ ВПО «Государственный университет управления». Москва, 2013. - № 4.- С. 54-61.
4. Вахрушина М.А. Бухгалтерский управленческий учет / М.А. Вахрушина. – М.: Издательство «Омега-Л», 2010. – 570 с.
5. Гоголев Ю.А. Понятие и сущность калькулирования себестоимости продукции предприятия // Вестник Национального Института Бизнеса. - 2020. - № 40 (40). - С. 124-130.
6. Ивашкевич В.Б. Бухгалтерский управленческий учет: учебник / В.Б. Ивашкевич. - Москва : Магистр, 2011. - 576 с.
7. Калемуллоев М.В., Файзуллоев А.Х. Совершенствование методики анализа финансово-хозяйственной деятельности сельскохозяйственных предприятий Республики Таджикистан // Вестник Таджикского националного университета (Серия социально-экономических наук) № 5. - 2020-С. 138-144
8. Лисович Г.М. Бухгалтерский управленческий учет в сельском хозяйстве и на перерабатывающих предприятиях АПК. – Ростов н/Д: изд. Центр «Март»., 2000 – 456с.
9. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности. В 2- том. Том 1. с МСФО (IAS) 29 по 41, МСФО (IFRS) с 1 по 7 -Душанбе: Типография Министерства финансов Республики Таджикистан, 2009.- 232 с.; Том. 2. – 261 с.
10. Мизиковский Е.А. Производственный учет: учебник / Е.А. Мизиковский, И.Е. Мизиковский. – М.: Магистр: ИНФРА-М, 2015. – 272 с.
11. Мизиковский И.Е. Терминологическая идентификация и критерии выбора калькуляционных единиц продукции кузнечного производства пред-

приятий автомобильной промышленности // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. Серия: Социальные науки, 2018, № 1 (49), С. 25–31

12. Низомномаи калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот (кору хизматрасонӣ) дар корхона ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 210 аз 12 майи соли 1999), Душанбе: “Шарқи озод” -60 с.

13. Низомов С.Ф. Развитие методологии и организации управленческого учета в строительном комплексе (на примере Республики Таджикистан): дисс. на соис. уч. степ. докт. экон. наук. Москва, 2011. - 360 с.

14. Низомов С.Ф., Икромова Д.Ҷ. Хусусиятҳои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолии маҳсулоти кишоварзӣ // Маводи конференсияти байналмилали илмию амалӣ дар мавзӯъи “Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт”(27 феврали соли 2020, ш. Душанбе). - Душанбе: нашрияи ДМТ, 2020. – 456 с. - С. 51-59;

15. Низомов С.Ф., Мирзоалиев А.А., Раҳимов С.Х. Баҳисобгирии идоракунӣ: китоби дарсӣ. Душанбе: Ирфон, 2017. 324 с.

16. Палий В.Ф. Организация управленческого учета. – М.: Бератор – Пресс, 2003. - 224 с.

17. Шарифов З.Р. Баҳисобгирии хароҷоти биологӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ // Масоили муҳими баҳисобгирӣ, таҳлил ва истифодаи самараноки захираҳои молиявию қарзӣ дар КАС: маҷмӯаи мақолаҳои илмии ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур. - Душанбе, 2018. - С. 24-26

БУХГАЛТЕРСКИЙ УЧЕТ И КАЛЬКУЛИРОВАНИЯ СЕБЕСТОИМОСТИ ПРОДУКЦИИ ПТИЦЕВОДСТВА

АБДУЛМУМИНЗОДА НАСИМДЖОН АБДУЛМУМИН,
кандидат экономических наук, доцент, первый проректор, проректор по учебной работы Таджикского национального университета
734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17;
тел: (+992) 903-70-12-34, e-mail: o_nasim7777@mail.ru.

МАНУЧЕХР НОЗИМИ РАДЖАБЗОДА
ассистент кафедры бухгалтерского учета, анализа и аудита Таджикского государственого педагогического университа имени Садриддина Айни
734003, Таджикистан, г. Душанбе Душанбе, пр. Рудаки, 121;
тел: (+992) 987-11-99-99, e-mail: nozimi@yandex.ru.

Статья посвящена изучению и исследованию актуальных вопросов учета и калькулирования продукции птицеводства с учетом его отраслевых особенностей. В статье рассмотрены объекты калькульяции, калькуляционное единицы, предложен перечень объектов калькульяции и калькуляционная в птицеводстве. Также представлена методика аналитического (калькуляционного) учета затрат в птицеводстве, обоснованы порядок расчета себестоимости продукции по каждой технологической группе птиц.

Ключевые слова: *калькуляция, учет затрат, птицеводство, биологическое преобразования, затраты, себестоимость продукции, единицы калькуляции, объекты калькуляции, технологический процесс, объекты учета, методы калькуляции.*

ACCOUNTING AND COSTING OF POULTRY FARMING PRODUCTS

ABDULMUMINZODA NASIMDZHON ABDULMUMINOVICH,
candidate of economic sciences, associate professor, Vice-Rector for Academic Affairs Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17.;
tel: (+992) 903-70-12-34, e-mail**:** o_nasim7777@mail.ru.

MANUCHEHR NOZIMI RAJABZODA,
assistant of the Department of Accounting, Analysis and Audit of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini
734003, Tajikistan, Dushanbe Dushanbe, Rudaki Avenue 121;
tel: (+992) 987-11-99-99, e-mail: nozimi@yandex.ru.

The article is devoted to the study and research of topical actuality guestions of accounting and costing of poultry products, taking into account its industry specifics. The article considers the object of calculation, calculation units, offers a list of objects of calculation and calculation in poultry farming. The method of analytical (calculative) cost accounting in poultry farming is also account, the procedure for calculating the cost of production for each technological group of birds is substantiated.

Keywords: *calculation, cost accounting, poultry farming, biological transformation, costing, production cost, calculations units, calculations objects, technological process, costing objects, calculations methods.*

УДК 332.135

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ИНТЕГРАЦИИ СТРАН СОДРУЖЕСТВА НЕЗАВИСИМЫХ ГОСУДАРСТВ В УСЛОВИЯХ ЕАЭС

РАДЖАБОВ РАДЖАБ КУЧАКОВИЧ,
доктор экономических наук, профессор Таджикского государственного университета коммерции
734061, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти, ½;
тел.: (+99237) 234-834, e-mail: drrajab@mail.ru.

НУРМАХМАДОВ ЗАМИР МИРМАХМАДОВИЧ,
старший преподаватель кафедры мировой экономики и международных отношений Таджикского государственного университета коммерции
734061, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти, 1/2;
тел.: (+992) 901-11-17-34; e-mail: zamir_1tj@mail.ru.

В статье рассматривается процесс совершенствования экономической интеграции стран СНГ в рамках ЕАЭС, становление и развитие ЕАЭС. Авторы отмечают, что для того чтобы союз успешно функционировал, следует опираться на определенную нормативную базу. Это будет содействовать гармонизации экономик и сближению законодательств стран - членов ЕАЭС. Также в статье рассматривается принцип «четырех свобод» как основополагающий принцип функционирования Союза.

Ключевые слова: *Региональная экономическая интеграция, ЕАЭС, ТС, СНГ, принцип «четырех свобод».*

Региональная экономическая интеграция - значимая тенденция в мировой экономике, будущее которой, вероятно, будет в основном зависеть от эффективности глобального диалога интеграционных предприятий и их внутренней стабильности. Поэтому, чтобы обеспечить надлежащее место в новой структуре мировой экономической системы, появление которой мы наблюдали в последние годы [5, с.16].

Нынешние условия развития государств привели к потребности выработки новых форматов в сольватации стран Содружествы Независимых Государств (СНГ), основанных на результативном экономическом взаимодействии сторон, принципах общего рынка с вольготным передвижением товаров, услуг, капиталов, рабочей силы и проведения скоординированной, согласованной или единой политики в отраслях экономики. Можно сказать,

что такими формали стали Таможенный союз и Евразийский экономический союз.

Когда Россия, Казахстан и Беларусь объявили в 2006 году о создании нового Таможенного союза (ТС), известие было встречено очень скептически. Однако экономический кризис 2008 года подстегнул его построение. В 2009 году страны договорились о едином кодексе, который должен был заменить внутреннее законодательство. Официальный запуск ТС состоялся в 2010 году. В отличие от предыдущих соглашений, ТС оказал ощутимое влияние, убрав таможенные барьеры в 2011 году. В нем также предусматривалось взаимодействие с режимом международной торговли, приоритет нормативных положений Всемирной торговой организации (ВТО) и координация вступления России в ВТО в 2012 году. В январе 2012 года три страны запустили проект Единого экономического пространства (ЕЭП) для более широкой гармонизации политики. Крупным изменением стало создание в том же году Евразийской экономической комиссии (ЕЭК) - надгосударственного органа с полномочиями, превышающими полномочия самих государств. Все эти шаги привлекли к себе внимание: Европейский банк реконструкции и развития (ЕБРР) охарактеризовал ТС как частичный успех. Но уже в 2012 году возникали вопросы по поводу политического характера союза и того, не может ли он служить «прикрытием для собирания Россией бывших советских земель» [3, с.3].

В ноябре 2011 года Владимир Путин в рамках своей кампании по возвращению на пост президента РФ предложил создать новую региональную инициативу - «Евразийский союз». Предполагалось, что его основой станут ТС и ЕЭП, призванные обеспечить более тесную экономическую интеграцию и свободу передвижения трудовых ресурсов и капитала, а прообразом во многом послужил ЕС. Путин отрицал, что это попытка возродить Советский Союз, заявляя, что новый союз будет «открытым проектом» и приведет своих членов в «Большую Европу» [1].

Соглашение об экономической интеграции Евразийского экономического союза было подписано 29 мая 2014 года в Нур-Султане (Астана), Казахстан. 1 января 2015 года он официально вступил в силу и начал свою работу. В настоящее время в Союз входят Республика Армения, Республика Беларусь, Республика Казахстан, Кыргызская Республика и Российская Федерация, а Республика Молдова, Республика Узбекистан и Республика Куба являются наблюдателями.

В 2020 году ВВП по ППС стран-участниц союза достиг 2150 млрд. долларов США, а население 186 миллионов человек. Страны-члены Содружества занимают более 20 миллионов км^2 или 14% площади суши в мире.

Высший Евразийский экономический совет, Евразийский межправительственный совет, Евразийский суд, Евразийская экономическая комиссия (главный исполнительный орган) являются основными руководящими органами ЕАЭС характеризует рисунок 1.



Рисунок 1 - Руководящие органы ЕАЭС

Как видим, Евразийский экономический союз из года в год демонстрирует постепенный рост. В рамках Евразийского экономического союза функционируют таможенный союз и единый таможенный тариф, единый рынок труда, а также принятие новых технических регламентов.

Чтобы союзу успешно функционировать, следует опираться на определенную нормативную базу. Это будет содействовать гармонизации экономик и сближению законодательств стран - членов ЕАЭС.

Договорно-правовую базу евразийской экономической интеграции на сегодняшний день составляют следующие документы:[4]

Таможенный Кодекс Таможенного Союза (2010 г.), согласно которому три страны ТС должны передавать Комиссии ТС полномочия по осуществлению внешнеторгового урегулирования.

- 17 базовых международных соглашений, формирующих Единое Экономическое Пространство (2013 г.)
- Закон «О конкуренции» (2013 г.), который определяет единые подходы к основным положениям Закона о конкуренции в странах ТС;
- Соглашение об информационном взаимодействии в сфере статистики (2013 г.) для обеспечения ЕЭК и стран Союза официальной информацией;

- Соглашение о порядке перемещения наркотических средств (2013 г.) и их прекурсов по таможенной территории ТС;
- Договор о ЕАЭС (2015 г.);
- Договор о координации действий по защите прав на объекты интеллектуальной собственности (2015 г.);
- Соглашение о судоходстве (2015 г.);
- Договор о пенсионном обеспечении трудящихся стран ЕАЭС (2016 г.);
- Международный договор о порядке и условиях устранения технических барьеров во взаимной торговле с третьими странами (2016 г.) и т.д.

Помимо правовой базы, в ЕАЭС действует принцип «Четыре свободы» характеризует рисунок 2.

Принцип «четырех свобод» как основополагающий принцип функционирования Союза закрепил отказ от применения мер защиты внутреннего рынка во взаимной торговле. Завершение формирования единого рынка товаров, услуг, капитала и рабочей силы - цель евразийской интеграции на этом этапе, который отличается большей глубиной интеграции в сравнении с Таможенным союзом и Единым экономическим пространством.

Правила единого рынка запрещают применение любых ограничительных мер в отношении поставщиков и получателей услуг из других стран Союза. Дополнительно поставщики услуг получили право на автоматическое признание разрешений, профессиональных квалификаций персонала (образования, опыта работы, уровня подготовки и т. п.). Кроме того, поставка услуг осуществляется на всей территории Союза без дополнительного, повторного учреждения юридического лица.



Рисунок 2 - Принципы «четырех свобод» в рамках ЕАЭС

Исчточник: https://twitter.com/EurasiaCentral/status/934748380630339584

Таким образом, Евразийский экономический союз становится значимым элементом мировой экономической архитектуры. Согласно Договору о ЕАЭС, Союз имеет право осуществлять в пределах своей компетенции международную деятельность, направленную на решение стоящих перед ним задач. Союз может сотрудничать с государствами, международными организациями и интеграционными объединениями и совместно с государствами-членами заключать с ними международные договоры по вопросам, отнесенным к его компетенции. Введены нормы о соотношении Договора о ЕАЭС с другими международными соглашениями стран Союза, его регистрации в Секретариате ООН, положения о присоединении к Договору и выходе из него, а также положения о наблюдателях при Союзе.

По данным аналитической отчете Евразийской экономической комиссии за январь - сентябрь 2020 года объем внешней торговли товарами государств - членов ЕАЭС с третьими странами составил 446,8 млрд долларов США. В том числе экспорт товаров составил 263,2 млрд долларов США, а импорт - 183,6 млрд долларов США [2].

По сравнению с январем–сентябрем 2019 года объем внешнеторгового оборота снизился на 16,9% или на 90,8 млрд долларов США, экспорт – на 22,4% (на 76,1 млрд долларов США), импорт - на 7,4% (на 14,7 млрд

долларов США). Профицит внешней торговли составил 79,6 млрд долларов США против 141 млрд долларов США в январе - сентябре 2019 года (табл. 1) .

Таблица 1.

Объем внешней торговлии товарами государств - участников ЕАЭС с треьтими странами за январь – сентябрь 2020 года (млн. долларов США)

Страна	**Оборот**	**Экспорт**	**Импорт**	**Сальдо**	**В % к январю – сентябрю 2019 г.**		
					Оборот	**экспорт**	**импорт**
Армения	3 344,6	1 355,4	1 989,2	-633,8	84,6	98,5	77,2
Беларусь	22 089,8	10 505,2	11 584,6	-1 079,4	83,3	75,1	92,4
Казахстан	49 119,3	31 509,0	17 610,3	13 898,7	86,8	81,8	97,6
Кыргызстан	2 398,7	1 113,7	1 285,0	-171,3	78,7	122,1	60,1
Россия	369 839,6	218 654,5	151 185,1	67 469,4	82,6	76,9	92,7
ЕАЭС	**446 792,0**	**263 137,8**	**183 654,2**	**79 483,6**	**83,1**	**77,6**	**92,6**

Источник: расчитано автором на основе данных аналитической отчете Евразийской экономической комиссии за январь–сентябрь 2020 года. www.eurasiancommission.org/ru/act/integr_i_makroec/

Также в декабрьском аналитическом отчете Евразийской экономической комиссии говорится о итогам 9 месяцев 2020 года, что в товарной структуре экспорта государств - членов ЕАЭС в страны вне ЕАЭС преобладают минеральные продукты и составляют 56,1% общего объема экспорта государств - членов ЕАЭС с треьтими странами. А наибольшую долю в импорте занимают машины, оборудование и транспортные средства (44,7% совокупного импорта), продукция химической промышленности (18,5%), продовольственные товары и сельскохозяйственное сырье (11,3%), [2].

Объем взаимной торговли товарами между государствами - членами ЕАЭС за январь - сентябрь 2020 года, исчисленный как сумма стоимостных объемов экспортных операций государств - членов ЕАЭС во взаимной торговле, составил 38,8 млрд. долл. США, или 87,2% к уровню января - сентября 2019 года. Объемы экспортных поставок во взаимной торговле государств - членов ЕАЭС представлены в таблице 2.

Таблица 2.

Объем взаимной торговли товарами между государствами - членами ЕАЭС за январь – сентябрь 2020 года

Страна	**Млн. долл. США**	**В % к январю – сентябрю 2019 г.**	**Удельный вес, %**	
Армения	**472,7**	**88,2**	**1,2**	**100,0**
Беларусь	13,2	130,8		2,8
Казахстан	4,1	116,2		0,9
Кыргизстан	1,2	57,9		0,2
Россия	454,2	87,3		96,1
Беларусь	**10 115,5**	**94,7**	**26,1**	**100,0**
Армения	45,3	121,8		0,4
Казахстан	530,9	95,8		5,3
Кыргизстан	51,3	116,1		0,5
Россия	9 488,0	94,4		93,8
Казахстан	**3 819,5**	**83,5**	**9,8**	**100,0**
Армения	6,5	В 2,2 р.		0,2
Беларусь	46,2	59,9		1,2
Кыргизстан	385,9	86,7		10,1
Россия	3 380,9	83,5		88,5
Кыргизстан	**414,7**	**88,0**	**1,1**	**100,0**
Армения	0,1	181,7		0,0
Беларусь	7,8	81,1		1,9
Казахстан	221,5	86,1		53,4
Россия	185,3	90,6		44,7
Россия	**24 024,7**	**85,0**	**61,8**	**100,0**
Армения	1 124,5	111,7		4,7
Беларусь	11 771,0	73,8		49,0
Казахстан	10 055,9	98,9		41,8
Кыргизстан	1 073,3	93,2		4,5

Источник: расчитано автором на основе данных аналитической отчете Евразийской экономической комиссии за январь–сентябрь 2020 года. www.eurasiancommission.org/ru/act/integr_i_makroec/

Уменьшение стоимостного объема взаимной торговли государств - членов ЕАЭС (на 12,8%) обусловлено сокращением средних цен на товары единого рынка ЕАЭС (на 9,6%) и физического объема взаимных поставок (на 3,5%). Снижение средних цен на товары

определило 75% общего сокращения стоимостного показателя, уменьшение товарной массы - 25%.

Из вышеизложенного следует, что Евразийский экономический союз создан с целью формирования и развития единого евразийского экономического пространства, то есть для эффективной реализации тех весомых преимуществ, которые создает свобода движения товаров, услуг, капитала и рабочей силы на территории намного большей, чем отдельно каждая страна, ставшая частью Союза. Дальнейшее углубление экономической интеграции в Союзе является основным направлением деятельности Евразийской экономической комиссии, а также важным фактором устойчивого развития Евразийского экономического союза является эффективная внешнеэкономическая деятельность. Создавая комфортные условия для бизнес-среды и предпринимательской активности, таможенное регулирование выступает одним из факторов экономического развития стран ЕАЭС.

Таким образом, основной долгосрочной целью направления является создание простых и необременительных механизмов таможенного администрирования для предпринимателей. Разрабатываемые и предпринимаемые меры направлены на создание равных конкурентных условий осуществления внешнеэкономической деятельности на всей территории Союза.

ЛИТЕРАТУРА

1. Владимир Путин: Новый интеграционный проект для Евразии — будущее, которое рождается сегодня. Date Views 10.04.2020 www/echo.msk.ru/ www/echo.msk.ru/blog/statya/817588-echo/.

2. Внешняя торговля с третьими странами. Date Views 15.04.2020 www.eurasiancommission.org/ru/act/integr_i_makroec/dep_stat/tradestat/tables/extra/Pages/2020/12.aspx.

3. Доклад Кризисной группы по Европе и Центральной Азии № 240, 20 июля 2016 г.

4. Договорно-правовая база ЕАЭС [Электронный ресурс] : Евразийская Экономическая Комиссия. – URL :http://www.eurasian-commission.org/ru/nae/news/.

5. Капелюк З.А., Нурмахмадов З.М. Возможности присоединения Республики Таджикистан к Евразийскому экономическому союзу и к Таможенному союзу // ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА КОММЕРЦИИ. - 2016. - №1 (14). - С. 16-19.

6. Раджабов Р.К., Нурмахмадов З.М. Особенности и проблемы интеграции стран СНГ// Вестник Таджикского национального университета.

Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2020. – №5/2. – С. 83-87.

7. Рилька Драгнева, Катарына Вольчук, “Eurasian Economic Integration: Institutions, Promises and Faultlines” [«Евразийская экономическая интеграция: институты, обещания, несоответствия»], The Geopolitics of Eurasian Economic Integration [«Геополитика евразийской экономической интеграции»] (Лондон, 2014 г.), с. 8–15.

8. Светлана Пыркало, “Customs Union of Russia, Kazakhstan and Belarus is first success in CIS integration, says EBRD” [«ЕБРР: „Таможенный союз России, Казахстана и Беларуси - первый успех в интеграции СНГ“»], ЕБРР, 7 ноября 2012 г. Ольга Шумило-Тапиола, “The Eurasian Customs Union: Friend or Foe of the EU?” [«Евразийский Таможенный союз: друг или враг для ЕС?»], Фонд Карнеги за международный мир, октябрь 2012 г.

9. Статистика ЕАЭС // http://www.eurasiancommission.org/ URL: http://www.eurasiancommission.org/ru/act/integr_i_makroec/dep_stat/union_stat/Pages/default.aspx (дата обращения: 10.04.2021).

РУШДИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДИИ МАМЛАКАТҲОИ ИТТИҲОДИЯИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ ДАР ДОИРАИ ИТТИҲОДИЯИ ИҚТИСОДИИ АВРУОСИЁ

РАҶАБОВ РАҶАБ КӮЧАКОВИЧ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, професори
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
734061, Тоҷикистон, Душанбе, к. Деҳотӣ, ½;
тел.: (+99237) 234-834, e-mail: drrajab@mail.ru.

НУРМАҲМАДОВ ЗАМИР МИРМАҲМАДОВИЧ,
муаллими калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва
муносибатҳои байналмилалӣ Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
734061, Тоҷикистон, Душанбе, к. Деҳотӣ ½;
тел.: (+992) 901-11-17-34, e-mail: zamir_1tj@mail.ru.

Дар мақола раванди такмили ҳамгироии иқтисодии кишварҳои ИДМ дар доираи ИИАО, ташаккул ва рушди ИИАО баррасӣ шудааст. Муаллифон қайд мекунанд, ки барои фаъолияти бомуваффақияти иттиҳодия бояд ба заминаи муайяни меъёрӣ такя кард. Ин ба ҳамоҳангсозии иқтисодиёт ва ба ҳам наздик шудани қонунҳои кишварҳои узви ИИАО мусоидат хоҳад кард. Дар мақола инчунин принсипи "чаҳор озодӣ" ҳамчун принсипи асосии фаъолияти Иттиҳод баррасӣ шудааст.

Калидвожаҳо: *ҳамгирои минтақавии иқтисодӣ, иттиҳодияи иқтисодии АвруОсиё, иттиҳодияи гумрукӣ, ИДМ, принсипи "чор озодӣ".*

IMPROVING THE ECONOMIC INTEGRATION OF THE COUNTRIES OF THE COMMONWEALTH OF INDEPENDENT STATES IN THE CONDITIONS OF THE EAEU

RAJABOV RAJAB KUCHAKOVICH,
Doctor of Economics, Professor of Tajik State University of Commerce
734061, Tajikistan, Dushanbe, st. Dehoti ½;
tel .: (+99237) 2-34-83-4, e-mail: drrajab@mail.ru.

NURMAKHMADOV ZAMIR MIRMAKHMADOVICH,
Senior Lecturer, Department of World Economy and International Relations Tajik State University of Commerce
734061, Tajikistan, Dushanbe, st. Dehoti 1/2;
tel .: (+992) 901-11-17-34; e-mail: zamir_1tj@mail.ru.

The article examines the process of improving the economic integration of the CIS countries within the EAEU, the formation and development of the EAEU. The author notes that in order for the union to function successfully, it should rely on a certain regulatory framework. This will contribute to the harmonization of economies and the convergence of the laws of the EAEU member states. The article also examines the principle of "four freedoms" as the fundamental principle of the Union's functioning.

Keywords: *Regional economic integration, EAEU, CU, CIS, the principle of "four freedoms".*

УДК: 339. 657.6

МЕСТО И РОЛЬ РОЗНИЧНОЙ И ОПТОВОЙ ТОРГОВЛИ В РАЗВИТИИ ПОТРЕБИТЕЛЬСКОГО РЫНКА

ФАКЕРОВ ХАМИДУЛЛОХОН НУРИДДИНОВИЧ,
доктор экономических наук, профессор Таджикского
государственного университета коммерции
734061, Таджикистан, г. душанбе, ул. Дехоти ½;
тел. (+992) 907-54-07-07, e-mail: tguk@mail.ru;

ЗУБАЙДОВ САИДАХМАД,
кандидат технического наук, доцент Таджикского
государственного университета коммерции
734061, Таджикистан, г. Душанбе,ул. Дехоти1/2;
тел. (+992) 900-20-11-57,e-mail: zubaydov57@mail.ru;

В статье дан анализ основных показателей розничной и оптовой торговли республики и стран СНГ, определено место и роль розничной и оптовой торговли в развитии потребительского рынка, а также предложены рекомендации по совершенствованию и развитию потребительского рынка в современных условиях Республики Таджикистан.

- включить предметы касательно организации туризма во все учебные программы системы образования;

- планирование и организация новых туристических продуктов;

- увеличение финансирования из всех источников;

- PR и повышение имиджа страны на международном туристическом рынке с помощью новых информационных технологии.

Вышеперечисленные меры, по мнению автора, являются основными факторами для данного этапа развития туризма РТ. В целом, чтобы развивать туризм, нужно применять комплексные меры, потому, что туризм — это индустрия, которая включает в себя несколько компонентов, таких как: транспорт, связь, размещение, производство, питание и другие секторы, которые посредственно или непосредственно обслуживают туристов.

ЛИТЕРАТУРА

1. ПаёмиПрезидентиҶумҳурииТоҷикистон, Пешвоимиллатмуҳтарам-ЭмомалӣРаҳмон ба МаҷлисиОлииҶумҳурииТоҷикистон аз 22.12.2017 шаҳри Душанбе http://www.president.tj/node/16771

2. Nistoreanu, P., Dorobantu, M.R. &Tuclea, C.E., 2011. The Trilateral Relationship Ecotourism – Sustainable Tourism – Slow Travel Among Nature in the Line with Authentic Tourism Lovers. Journal of tourism, 11, pp.34-37.

3. European Commission, 2000. Towards Quality Rural Tourism. Integrated Quality Management (IQM) of rural tourist destinations. Brussels: European Centre for Eco Agro Tourism European Commission.

4. World Tourism Organization, 2002. WTO Seminar "Rural Tourism in Europe: Experiences and Perspectives". http://sdt.unwto.org/sites/-all/files/docpdf/ruralt-sem-2002-concl.pdf

5. Международному обществу экотуризмаhttps://ecotourism.org/what-is-ecotourism/

6. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. Г.Душанбе-2016 г.

7. Закон Республики Таджикистан от 3 сентября 1999 г. №824 «О туризме»// АхбориМаджлиси Оли Республики Таджикистан. 1999. №9. Ст. 228; 2005. №12. Ст. 641; 2009. №5. Ст.337.

8. Закон Республики Таджикистанот 18 июля 2017 года №1450 О внутреннем туризме Принят Постановлением МН МОРТ от 31 мая 2017 года №796 Одобрен Постановлением ММ МОРТ от 12 июля 2017 года №428

9. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 1 августа 2018 года, №372 "О стратегии развития туризма в Республике Таджикистан на период до 2030 года"

10. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 1 декабря 2014 года, № 738 «Программа развития туризма в Республике Таджикистан» на период 2015-2017 годы.

11. Постановления Правительства Республики Таджикистан от 1 марта 2018 года, №80 «Программа развития туризма в Республике Таджикистан» на период 2018-2020 годы.

12. Страны, которые больше всех финансирую в сферу развития туризма https://knoema.ru/search?query=tourism&source=HomePage

ПОЯҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ РУШДИ НАМУДҲОИ ГУНОГУНИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

КУЧКОРОВ ИКРОМ ИЛХОМҶОНОВИЧ,
асситенти кафедоаи иқтисодиёти ҷаҳонии донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд
735900, Тоҷикистон, ш. Конибодом , к. Айнӣ 77/25;
тел.: (+992) 92 820 06 90, e-mail:kuchkorovikrom@yandex.ru,

Экосайёҳӣ, агросайёҳӣ ва сайёҳии деҳот шаклҳои сайёҳие мебошанд, ки солҳои 80-уми асри гузашта пайдо шуда, ба шаклҳои муҳими соҳаи сайёҳӣ дар тамоми ҷаҳон табдил ёфтаанд. Ҳадафи ин мақола омӯзишипояҳои институтсионалии ҳолат ва рушди экосайёҳӣ, агросайёҳӣ ва сайёҳии деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, зеро имкониятҳои васеъ намудани ин шаклҳои сайёҳӣ дар кишвар мавҷуданд. Дар мақола хароҷоти Ҳукумат барои рушди экосайёҳӣ ва дар маҷмӯъ барои рушди сайёҳӣ таҳлил карда шудааст. Бисёре аз кишварҳо аз ҳисоби агросайёҳӣ ва сайёҳии экологӣ даромади назаррас мегиранд, аммо Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои мероси фарҳангӣ ва шумораи минтақаҳои табиии дастнорас аст, ҳиссаи назарраси потенсиали худро истифода набурдааст. Дар мақола инчунин сиёсати давлат барои рушди соҳаи сайёҳӣ баррасӣ карда шуда, маълум шуд, ки давлат ба сайёҳии экологӣ ва рушди устувор таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир мекунад ва бисёр стратегияҳо, барномаҳо ва ташаббусҳо ба ин категорияҳои соҳаисайёҳӣ қабул карда шудаанд.

Калидвожаҳо: *сайёҳии экологӣ, агросайёхӣ, деҳа, рушди устувор, буҷа.*

INSTITUTIONAL FRAMEWORK FOR DEVELOPMENT OF DIFFERENT TYPES OF TOURISM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

KUCHKOROV IKROM ILKHOMJONOVICH,
Assistant of the Department of World Economy, Institute of Economics and Trade, Tajik State University of Commerce, Khujand
735900, Tajikistan, Konibodomcity, Aynistreet 77/25;
Tel: + (992) 92-820-06-90, e-mail: kuchkorovikrom@yandex.ru,

Ecotourism, agritourism, rural tourism are forms of tourism that emerged in the 80s of the last century, becoming more and more important branches of the tourism industry around the world. The purpose of this article is to study the state and development of ecological, rural and agritourism in the Republic of Tajikistan, since there is great potential for expanding these forms of tourism in the country. The article analyzes the costs of the government for the development of ecotourism in particular, and for the development of tourism in general. Many of the country's development receive significant income from agritourism and ecological tourism, while the Republic of Tajikistan has not realized a significant share of its potential, despite the fact that the cultural heritage and the number of untouched natural areas are much larger. This article also examines the policy in this area, since the state is very interested in and actively supporting ecological tourism and sustainable development, and many strategies, programs and initiatives relate to these categories of tourism.

***Keywords**: ecological tourism, agrotourism, rural, sustainable development, budget.*

УДК: 304.44

СИЁСАТИ ИҶТИМОӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ ТАЪМИНИ АДОЛАТИ ИҶТИМОӢ ДАР МАМЛАКАТҲОИ РӮ БА ИНКИШОФ

УСМОНЗОДА ХАЙРИДДИН УСМОН,
доктори илмҳои фалсафа, профессор, директори Маркази
тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел.: +992-372-27-67-28; e-mail: khidiev@mail.ru

НАЗАР МУЪМИН АБДУҶАЛОЛ,
нозади илмҳои фалсафа, дотсент, директор Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
тел.: 918991271; e-mail: mumin.nazar.67@mail.ru

Дар мақола, бо дарназардошти шароити муосир, хусусияти раванди татбиққунии ҳадафҳои сиёсати иҷтимоӣ дар мамлакатҳои рӯ ба инкишоф, ки Тоҷикистон низ ба ин гурӯҳ мансуб аст, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон қайд мекунанд, ки новобаста аз гуногунии моделҳо ва механизмҳои татбиқи сиёсати иҷтимоӣ дар мамлакатҳои рӯ ба инкишоф, мазмуну мундариҷаи он таъмини некуаҳволии мардум, татбиқи принсипҳои адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошад. Муаллифон натиҷагирӣ мекунанд, ки дар шароити ҳозира муваффақияти амалишавии сиёсати иҷтимоӣ дар мамлакатҳои рӯ ба инкишоф аз истифодаи оқилонаи захираҳои моддӣ ва маънавӣ, қабули қарорҳои муносиби ҳокимияти сиёсӣ, татбиқи принсипҳои адолати иҷтимоӣ вобаста мебошад.

***Калидвожаҳо**: мамлакатҳои рӯ ба инкишоф, давлат, ҷомеа, низоми иҷтимоӣ, сиёсати иҷтимоӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ, гуруҳҳои иҷтимоӣ, гуруҳҳои ниёзманди аҳолӣ, адолати иҷтимоӣ, арзишҳо.*

Дар раванди ҷаҳонишавӣ рақобати шадиди низомҳои ҷамъиятӣ дар баробари омилҳои сиёсию иқтисодӣ ҳамчунин, атрофи ташреҳи арзишҳои меъёрҳои ташкили ҳаёти иҷтимоии аъзоёни ҷомеаҳои мухталиф сурат мегирад. Аз ин мавқеъ, онҳо қудрати ҳарифонашонро барои таъмини адолати иҷтимоӣ пайваста зери суол мебаранд ва доштани чунин қудратро сайъ менамоянд бештар дар инҳисори худ қарор диҳанд. Эътилофи қудратҳои аврупойӣ эълом мекунанд, ки аз ин нигоҳ ҷаҳони имрӯз бо рақобати арзишҳои

мардумсолорию авторитарӣ дар мавриди татбиқи адолати иҷтимоӣ рӯ ба рӯ аст ва дар ниҳоят муваффақият ба ҷониби низомҳои мардумсолорӣ хоҳад буд. Ҳарчанд чунин қазоват муболиғаомез аст, вале муҳим он аст, ки низомҳои иҷтимоӣ машруъияти худашонро ҳарчи бештар акнун дар касби зарфияти татбиқи меъёрҳои адолати иҷтимоӣ ҷустуҷӯ мекунанд. Вале мо мушоҳида мекунем, ки «Дар пешбиниҳои матраҳшаванда дар навбати аввал таъкид мегардад, ки паёмади дигаргуниҳои дар заминаи вазъияти имрӯза бамиёномада аз бисёр ҷиҳат ба манфиати истеҳкому густариши арзишҳои демократии либералӣ нестанд. Зеро равандҳои навзуҳур бар ивази талошҳои маҳдудсозии ҳузури давлат дар танзими равандҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, бардоштани монеаҳои ҳамлу нақли одамону колоҳо, вусъати ҳуқуқу озодиҳои фардии барои мафкураи либералӣ асоси меҳварӣ дошта акнун тамоюли пурзӯр кардани ҷойгоҳи давлат дар танзими ҳаёти ҷомеа, маҳдудсозии баъзе аз ҳуқуқу озодиҳо ва ҳаракати одамон, назорату бастани сарҳадоту ҳаримҳои ҳавоӣ ва ғайра ба хотири таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат бо хатарҳои ғайрианъанавиро меафзояд. Бинобар ин, яке аз сенарияҳои пешгӯишаванда бештари маврид фурӯпошии низоми глобалии иҷтимоию иқтисодие аст, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ маҳсули бевоситаи он ба шумор мераванд»[1]. Яъне мутлақсозии арзишҳои адолати иҷтимоии низоми ҷудогона бар ивази кӯшиши дарёфти нуқтаи ҳамдигарро пурра намуданашон мушкилоти мавҷудаи ҳамоҳангсозии зарфиятҳоро душвор месозад.

Ҳарчанд андешаҳо оид ба адолати иҷтимоӣ собиқаи дурударози назариявӣ доранд, вале шохисҳои мушаххаси худро он бо мурури рушди истеҳсолоти саноатӣ пайдо намуд. Зиддиятҳои зимни рушди ин гуна муносибатҳо бавуҷудомадаро акнун низомҳои ҷории ҷамъиятӣ мебоист тавассути риояи меъёрҳои адолати иҷтимоӣ ҳал намоянд ва дар ин замина имконияти барқарорсозии нерӯи истеҳсолию таҳкими пояҳои суботи сиёсии худро ба даст оварад. Бинобар ин, амалан маҳз дар ҳамин вазъият меъёрҳои мушаххасу дар партави қонун муҳофизатшавандаи татбиқ ва риояи адолати иҷтимоӣ ташаккул ёфта, фишангҳои сиёсию иқтисодии назорати онҳо ташаккул ёфтанд.

Чунин тамоюлҳо ба тадриҷ заминаро барои эҷоди шохисҳои сифатан нави ҳаёти доираи васеи одамонро фарогиранда фароҳам меоранд. Баланд шудани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ ва қобилияти меҳнатии он, ки дар соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат фаъолият доранд, на танҳо натиҷаи рушди иқтисодиёт аст, балки он маҳсули татбиқи як қатор барномаҳои ислоҳотӣ дар соҳаи иҷтимоӣ низ мебошад. Воқеан ҳам самаранокии иқтисодиёти воқеии мамлакат, ҳамчун зербинои ҷомеа ва ҳадафи стратегии давраи минбаъдаи давлат бидуни рушди мутаносиби ин бахш ва инфраструктураҳои иҷтимоиву истеҳсолӣ ғайриимкон аст. Бояд таъкид намуд, ки дар замони муосир

инфраструктураҳои иҷтимоиву истеҳсолӣ дар доираи бахши фарогири хизматрасонӣ ҳазм шудааст. Миқёси дастовардҳои пешрафта дар иқтисодиёти ҷаҳон, хусусусан дар мамлакатҳои тараққикарда, шаҳодат медиҳанд, ки гузариш ба марҳилаи ҷомеаи постиндустриалӣ дар заминаи ҷустуҷӯи ҳалли муносиби бисёр масъалаҳои рӯзмарраи иҷтимоӣ суръати тоза мегирад. Олимони соҳаҳои иқтисодиёт, сотсиология ва сиёсатшиносӣ марҳилаи нави инкишофи ҷомеаи инсонӣ, яъне ҷомеаи рифоҳи ҳамагонии иҷтимоиро имрӯзҳо маҳз дар ҳамин маъно пазируфтаанд[2].

Бояд дар назар дошт, ки меъёр ва сифати ин гуна ҷомеаи рифоҳи ҳамагонии иҷтимоӣ – ҷомеаи некӯаҳволии умумро дар шароити муосирро маҳз тавлиди афзояндаи маҷмӯи беандозаву рангини хизматрасониҳо чун неъмати ҷамъиятӣ ва ташаккули тамсилаи хизматрасонии иҷтимоӣ ташкил медиҳад[3]. Аз ин лиҳоз, асоси иқтисодиёти муосирро чун иқтисодиёти хизматрасонӣ арзёбӣ менамоянд. Тамоюли рушди ҷаҳони муосир бори дигар тасдиқ намудааст, ки инкишофи кулли соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ бидуни соҳаҳои хизматрсонӣ имконнопазир аст ва ҳар як соҳа барои дигаре, аз ҷумла худи инсон хизматрасон аст. Аз ин ҷост, ки вазни қиёсии соҳаҳои хизматрасон дар ММД дар ҷумҳурии мо низ, чун дар мамлакатҳои дигари ҷаҳон, афзуда истодааст ва беш аз нисфи ММД-ро ташкил медиҳад. Дар мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон ин нишондиҳанда ба ҳисоби миёна беш аз 70%-ро ташкил медиҳад. Пас, дар шароити ҷаҳонишавӣ шабаҳи ҷомеаи рифоҳи ҳамагонии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи таркибии низоми иҷтимоӣ мушоҳида мешавад ва он дар оянда тамоили устуворро мегирад. Дар шароити ҳозира тамоили болоравии бахши хизматраониҳои инноватсионӣ дар иҷтимоиёт нисбат ба хизматрасонҳои анъанавӣ ба чашм мерасад, ки он ба ташаккулёбии низоми мудирияти донишпазир мусоидат намудааст.

Сиёсати иҷтимоӣ раванди мураккабу серпаҳлуест, ки низомҳои иҷтимоӣ тавассути он зиндагии осоиштаю таъминоти моддию маънавии одамонро фароҳам меоранд. Аз ин рӯ, дар ҷаҳони муосир сиёсати иҷтимоӣ ба мавзуи баҳси илмҳои гуногун табдил ёфтааст ва баррасии ҷомеъи он бе ҳамгироии методологии онҳо ғайриимкон аст. Яке аз илмҳое, ки воқеан барои заминасозии чунин ҳамгироии илмҳои гуногуни иҷтимоӣ дар мавриди баҳси сиёсати иҷтимоӣ метавонад нақши муҳим дошта бошад, фалсафаи иҷтимоӣ ба шумор меравад. Зеро фалсафаи иҷтимоӣ бо таваҷҷуҳ ба тағйироти воқеияти ҳаёти ҷамъиятӣ ва афкори иҷтимоии онро дарку тасвиркунанда метавонад омилҳои ташаккули сиёсати иҷтимоиро амиқтар ошкор созад. Дар ин маврид на танҳо ҳавасмандии низомҳои иҷтимоӣ барои ҷустуҷӯи роҳҳои татбиқи самараноки сиёсати иҷтимоӣ, инчунин дар баъзе мавридҳо канораҷӯии онҳо аз зарурияти чунин иқдом ошкор карда мешавад. Ҳамин тавр, фалсафаи иҷтимоӣ

имконият медиҳад, ки ба кадом масъалаҳо, омилҳо, шароитҳо алоқамандӣ доштани ташаккулу татбиқи сиёсати иҷтимоӣ амиқ дарк карда шавад.

Таърихи афкори иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки ҳарчанд иттифоқи назари андешамандон оид ба роҳу усулҳои татбиқи ҳадафҳои сиёсати иҷтимоӣ камтар набудааст, вале иқрорашон оид ба мартабаи он дар таъмини ҳаёти қабили таҳаммулу инсонгароёнаи башар – таъмини адолати иҷтимоӣ ягона аст. Чунин сифати зиндагонӣ зимни муҳайё кардани шароити дастрасии одамон ба маскан, таъмини даромад, истифода аз мактабу тандурустӣ ва ғайра муяссар мегардад, ки аксарияти мутафаккирон ба ин андеша моиланд.

Масъалаи муҳимми дигаре, ки фалсафаи иҷтимоӣ ба он таъкид мекунад, ин вобастагии сифату дараҷаи рушди ҷомеаҳои мушаххас аз ташаккулу татбиқи сиёсати иҷтимоӣ мебошад. Мизони ҳадафҳои сиёсати иҷтимоии ҷомеаҳо аз арзишҳои мафкуравии пайравикунандаи онҳо вобастагӣ дорад. Бинобар ин, низомҳои мафкуравӣ бештари маврид моделҳои сиёсати иҷтимоии ба худ хосро ташаккул медиҳанд.

Вобаста ба сатҳи рушд бошад, ҷомеаҳое ҳастанд, ки дар онҳо ниёзҳои аксарияти мардум таъмин буда, принсипҳои асосии адолати иҷтимоӣ риоя шудааст. Дар баробари ин ҷомеаҳое низ вуҷуд доранд, ки дар онҳо фақру беадолатӣ ҳукмронӣ мекунад. Амалӣ кардани сиёсати иҷтимоӣ дар чунин шароит душвориҳои зиёди амалиро ба бор меорад.

Новобаста аз мушкилоти қаблан зикршуда, моҳият ва мазмуну мундариҷаи сиёсати иҷтимоӣ дар тӯли таърихи инкишофи ҷомеаи пешрафта пайваста эътибори истеҳкомёбандаи худро ҳифз намуда, ба туфайли ин имкони ҳаллу фасли масъалаҳои ба он алоқамандро фароҳам овардааст. Ин, пеш аз ҳама, дар мундариҷаи сиёсати иҷтимоӣ зоҳир мешавад, ки он танҳо ба омӯзиши масъалаҳои мубрами таъмини иҷтимоӣ маҳдуд набуда, балки роҳҳои амалан ҳал кардани онҳоро бо риояи принсипҳои адолати иҷтимоӣ низ ҷустуҷӯ ва нишон медиҳад. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқи мавриди назари сиёсати иҷтимоӣ аз истилоҳоти зиёди рӯзмарравии мардум истифода мебарад ва мазмуни ҷолиб ба худ мегирад.

Фалсафаи иҷтимоӣ таъкид менамояд, ки новобаста аз саҳмгирии субъектҳои дигар нақши ниҳоди давлат дар татбиқи сиёсати иҷтимоӣ, хусусан таъмини адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа бузург аст. Инро зимни таҳлили таълимоту дидгоҳҳои мутафаккирони гузаштаю имрӯза дидан мумкин аст. Ин таълимотҳо ҳамзамон сабабҳои интихоби як навъ сиёсати хоси иҷтимоиро аз байни вариантҳои дигар маънидод намуда, онро бо басҳои асоси ахлоқӣ, меъёрӣ ва арзишӣ дошта мепайванданд. Дар баъзе мавридҳо ин падида ба омилҳои фишоровар барои татбиқи ҳадафмандонаи сиёсати иҷтимоӣ мубаддал мешаванд, ки намунаи онро имрӯз дар баъзе мамлакатҳо, байни гуруҳҳои иҷтимоӣ вобаста ба маракаи ваксинагузаронӣ дида истодаем.

Дар марҳилаи имрӯзаи инкишофи ҷомеаи башарӣ дар робита ба масъалаҳои рушди мамлакатҳои рӯ ба инкишоф ва марбут ба таъмини зиндагии шоистаи аҳолӣ, пайваста масъалаҳои марбут ба сиёсатгузории иҷтимоӣ мубрамияти бештар пайдо мекунанд. Низомҳои иҷтимоӣ кӯшиш менамоянд вазъи зиндагии гурӯҳҳои иҷтимоӣ, хусусан табақаҳои камбизоату камдаромадро беҳбуд бахшанд, то ин ки ҳадди ақалли зист барояшон дастрас бошад. Таҳияи барномаи амал барои пешбурди чунин фаъолияти иҷтимоӣ ҳамеша зарурат ба таҳқиқоти густурдаи илмиро пеш мегузорад. Дар ин замина, пуле байни назария ва фаъолиятҳои амалӣ баҳри некӯаҳволии одамон ба вуҷуд ояд.

Яке аз ҳадафҳои калидии фаъолиятҳои иҷтимоӣ баҳри баланд бардоштани некӯаҳволии одамон ин таъмини адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа аст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки зербинои сиёсати иҷтимоиро ҳамеша адолати иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Дар баробари татбиқи он масъалаҳои марбут ба адлу инсоф ва баробарӣ низ дар ҷомеа ҳалли худро пайдо мекунанд. Аз ин лиҳоз, фаъолияти иҷтимоӣ аз нигоҳи ин мафҳумҳо (яъне адолат, инсоф ва баробарӣ), ҷанбаи ахлоқӣ низ ба худ мегирад. Дар ин замина, сифати сиёсати иҷтимоии низомҳои ҷамъиятӣ таҷассумгари арзишҳои ҷомеа ҳастанд ва ба кадом андоза манзалати инсон дар ин низом эҳтиромгузорӣ шавад, ба ҳамон андоза барои зиндагии шоистаи ӯ талош варзида мешавад. Бинобар ин, татбиқи сиёсати иҷтимоӣ танҳо дар асоси усули дастури меъёрӣ натиҷабахш нест, балки он бояд бо арзишҳои меҳварии инсондӯстӣ, аз ҷумла бо риояи адолату инсоф алоқамандӣ дошта бошад.

Хусусиятҳои миллии моделҳои сиёсати иҷтимоӣ бо сатҳи рушди иқтисодӣ, сохтори давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, анъанаҳои таърихию фарҳангии мамлакат муайян карда мешаванд. Таҳлили моделҳои сиёсати иҷтимоии давлатҳо, ки дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон дар даврaҳои гуногуни таърихи онҳо татбиқ карда мешаванд, ба мо имкон медиҳад, ки хусусиятҳои миллиро дар ташаккул ва татбиқи онҳо ҳамчун маҷмӯи хусусиятҳои устувор, ки сиёсати иҷтимоии як давлати мушаххасро тавсиф мекунанд, арзёбӣ кунем.

Гуногунии моделҳои сиёсати иҷтимоӣ зарурати гурӯҳбандии онҳоро дар асоси хусусиятҳо ва нишонаҳои умумӣ муайян мекунад. Намунаи классикии систематикунонии моделҳои таъминоти иҷтимоӣ, ки аҳамияти худро гум накардааст, ин таснифест, ки ҷомеашиноси англис Г. Эспинг-Андерсен пешниҳод кардааст[4, 37]. Бо назардошти он, ки давлатҳо объектҳои сиёсати байналмилалӣ мебошанд, дар шароити муайян онҳо бояд сиёсати дохилии худ ва аз ин рӯ, сиёсати иҷтимоиро низ тағйир диҳанд ва ё таҷдиди назар кунанд. Бознигарии механизмҳои татбиқи сиёсати иҷтимоӣ бо тағйири унсурҳои

моделҳои сиёсати иҷтимоӣ алоқаманд аст, ки дар натиҷа пайдоиши шаклҳои нав ва барҳам додани шаклҳои кӯҳнаи он имконпазир аст.

Ба даст овардани фишангҳои таҳкими истиқлолияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даврони хеле тезутунди равандҳои ҷаҳонишавӣ рост омад. Дар ин шароит барои дарёфти роҳҳои ҳалли масъалаҳои мубрами ҳаёти иҷтимоии мамлакатамон ҳарчи бештар таваҷҷуҳ намудан ногузир буд. Дар раванди ҷаҳонишавии муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодии мамлакатҳо ва халқияту миллатҳо, ҷомеаи тоҷикистонӣ ба ҷалби тамоми ниҳодҳои ҷомеа, аз он ҷумла оила, маҳалла, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилоту мақомотҳои давлатӣ тавонист аз бисёр ҷиҳат зарфиятсозии низоми иҷтимоии мамлакатро тавре роҳандозӣ намояд, ки аз нигоҳи хизматрасонии иҷтимоии саривақтӣ хусусан ба талаботҳои гуруҳҳои ниёзманди аҳолӣ (), новобаста аз гардишҳои номуносиби замони муосир, мувофиқ бошад.

Ҳамин буд, ки дар ҷумҳурӣ «дар давраи истиқлол беш аз 3,3 миллион ҷойҳои кори доимӣ ва мавсимӣ таъсис дода шуда, музди миёнаи меҳнат 87, нафақа 80 ва даромади пулии аҳолӣ 75 баробар афзоиш ёфт. ...сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 1999 ба 26,3 фоиз дар соли 2019 коҳиш дода шуд, ки ин аз ҷумлаи муҳимтарин дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад»[5]. Ҳамчунин, қобили тазаккур аст, ки «Соли 2020 барои тақвият бахшидани дастгирии иҷтимоии нафақахӯрону маъюбон, кӯдакони ятим ва оилаҳои камбизоат як қатор чорабиниҳои судманд роҳандозӣ гардида, ба зиёда аз 700 ҳазор нафар сокинон аз гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа ба маблағи беш аз 250 миллион сомонӣ кумакҳои иловагии иҷтимоӣ пардохта шуданд»[6].

Ба андешаи мо, муваффақияти низоми сиёсатгузории мамлакатҳои рӯ ба инкишоф дар рӯ ба рӯи таҳдидҳои вабои фарогири COVID-19 ба он алоқаманд буда метавонад, ки «дар ин ҷо баръакси татбиқи тавсияҳои боисоронаи низомҳои фаромиллӣ бо эъломи низоми давлати иҷтимоӣ масъулияти пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоиро онҳо пурра аз зиммаи худ канор наандохтанд. Баръакс дар мамлакатҳое, ки бо маҳдудсозии мавқеи моликияти ҷамъиятӣ дар самти хизматрасониҳои иҷтимоию беҳдоштӣ бештар дар ихтиёри гурӯҳҳои моливӣ қарор дода шуданд, новобаста ба баъзе аз афзалиятҳои пешниҳоди хизматрасониҳои босифат барои гурӯҳҳои дорои имконияти беҳтари молиявӣ, вале дар умум барои доираи васеи мардум дар лаҳзаҳои фавқуллодаи эпидемӣ боиси авҷи бухрон гардиданд. Дар бисёр маврид инчунин заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дар ҳолатҳои фавқуллода чӣ гуна ройгону оқилан барои рафъи эҳтиёҷи ҷамъиятӣ вогузор кардани имкониятҳои муассисаҳои хусусии соҳавӣ мушаххас дар ихтиёри ниҳодҳои давлатӣ вуҷуд надошт. Масалан, дар яке аз мамлакатҳои пешрафта тибқи иттилооти расонаҳои хабарӣ, нафари муҳтоҷи кӯмаки фаврӣ бо ҷурми надоштани суғуртаи иҷтимоӣ дар муассисаи тиббӣ оқилан ҷой пайдо карда натавонист ва

ҷони худро бохт. Ин ва дигар ҳолатҳои таассуфбор таъсири манфии худро дар зербинои иртибототии бештари давлатҳо ва ҷомеаҳо гузоштанд ва ҳусни тафоҳуми табақаҳои ниёзманди аҳолӣ акнун ба баъзе аз низомҳои ҷории сиёсӣ ва мафкуравӣ тадриҷан дучори буҳрони шадид гашта истодааст»[7].

Воқеан, идоракунии самарабахш дар ҳар як мамлакати алоҳида ва дар сатҳи байналмилалӣ барои рушди босубот дар пояи принсипҳои адолати иҷтимоӣ басо муҳим мебошад. Сиёсати оқилонаи иқтисодӣ ва ниҳодҳои қавии демократӣ қобилияти посух додан ба ниёзҳои мардумро доранд, инфрасохтори муассир бошад, заминаи рушди иқтисодӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ мебошад, хизматрасонии иҷтимоӣ пайваста фаъолият дорад. Таъмини озодӣ, сулҳу амният, суботи дохилӣ, эҳтироми ҳуқуқи инсон, инчунин ҳуқуқ ба рушд, волоияти қонун, баробарии гендерӣ, риояи принсипҳои адолати иҷтимоӣ аз ҷумлаи уҳдадории муштараки сиёсати давлатҳо ва ҷомеаҳои адолатпешаю демократӣ буда, ҳамдигарро тақвият медиҳанд.

Ҳамин тавр, яке аз хусусиятҳои муҳимми фарқкунандаи амалишавии сиёсати иҷтимоӣ дар ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф аз он иборат аст, ки муваффақияти ин равандҳо бештар аз қабули қарорҳои дахлдори ҳокимияти сиёсӣ, татбиқ намудани принсипҳои адолати иҷтимоӣ вобаста мебошад. Дар мамлакатҳои пешрафта бошад, таъсири фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба амалишавии ҳадафҳои сиёсати иҷтимоии ҷомеа назаррас аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мамлакати рӯ ба инкишоф, барои расидан ба ин мақсад дар баробари сафарбарии захираҳои моддию молиявӣ ба соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ, ҳамчунин ба таҳаввули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аҳамият медиҳад, ки ин гувоҳи пайгирӣ аз шарту усулҳои дар боло зикршудаи ташкилу татбиқи сиёсати муътадили иҷтимоӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа ба шумор меравад. Аз ин рӯ, такмили пайвастаи онҳо ҷойгоҳи муҳимеро дар ҳаёти имрӯзаи ҷомеа ишғол менамояд. Дар маркази ин таҳлилҳо чунин андеша қарор дорад, ки зиндагии тамоми аъзоёни ҷомеа арзиши баробар дорад ва дастгирии зиндагии осудаи онҳо бо дарназардошти меъёрҳои адолати иҷтимоӣ як амри ахлоқию инсонӣ аст.

АДАБИЁТ

1. Усмонзода Х. Дигаргуншавии меъёрҳои арзишӣ дар муносибатҳо ва муошират иҷтимоии одамон дар заминаи равандҳои навзуҳури ҷаҳони муосир. // Ваҳдат, Давлат, Президент. Душанбе: «Истеъдод», 2020. – С. 171-176.

2. Бенсон Б. 7 законов благосостояния. Как выжить в новых экономических условиях: персональный план стимулирования: [перевод с английского]. – М.; СПб.: ДИЛЯ, 2015. – 444; Химанен П., Кастелс М. Ин-

формационное общество и государство благосостояния: Финская модель. Пер. с англ. – М.: «Логос», 2002. – 224 с.

3. Христенко, С. С. IQ индекс нации с экономической составляющей. Часть 1. Духовное благосостояние населения, нетто и брутто показатели. – М.: Маска, 2014. – 378с.

4. Esping-Andersen, G. The Three Worlds Welfare Capitalism. – Cambridge: Polity Press, 1990. – 248 p.

5. Дар 20 соли ахир сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон аз 83 дарсад ба 26,3 дарсад коҳиш дода шудааст [Манбаи электронӣ]. – URL: https://sputnik-tj.com/20220127/kohishi-sathi-kambizoati-tojikston-sharh-vazorat-1045239023.html (санаи мурочиат 12.01.22)

6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21.12.2021, шаҳри Душанбе [Манбаи электронӣ]. – URL: http://prezident.tj/node/27417 (санаи мурочиат 12.01.22)

7. Усмонзода Х.У. Таъсири падидаҳои навзуҳури иҷтимоӣ ба низомҳои иҷтимоӣ хатари сирояти «COVID-19» // Ваҳдат, Давлат, Президент. Ҷ.XXXII. – Душанбе: «Истеъдод», 2020. – 368 с.

СОЦИАЛЬНАЯ ПОЛИТИКА И ВОПРОСЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ СОЦИАЛЬНОЙ СПРАВЕДЛИВОСТИ В РАЗВИВАЮЩИХСЯ СТРАНАХ

УСМОНЗОДА ХАЙРИДДИН УСМОН,
доктор философских наук, профессор, директор Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рӯдаки 89;
тел.: +992-372-27-67-28; e-mail: khidiev@mail.ru

НАЗАР МУЪМИН АБДУДЖАЛОЛ,
кандидат философских наук, доцент, директор Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 33;
тел.:+992 918991271; e-mail: mumin.nazar.67@mail.ru

В статье рассматривается специфика процесса реализации целей социальной политики в развивающихся странах, к которым относится также и Таджикистан. Авторы отмечают, что, несмотря на разнообразие моделей и механизмов реализации социальной политики в развивающих-

ся странах, ее содержание охватывает обеспечение благополучия людей, реализацию принципов социальной справедливости в обществе. Авторы приходят к выводу, что в сложившейся ситуации успех реализации социальной политики в развивающихся странах зависит от рационального использования материальных и духовных ресурсов, принятия соответствующих решений политической властью, реализации принципов социальной справедливости.

Ключевые слова: *развивающиеся страны, государство, общество, социальная система, социальная политика, социальные услуги, социальные группы, уязвимые группы, социальная справедливость, ценности*.

SOCIAL POLICY AND ISSUES OF SOCIAL JUSTICE IN DEVELOPING COUNTRIES

USMONZODA HAYRIDDIN USMON,
D. Sc. in phylosophy, professor, director of the
Center for strategic research
under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushnabe city, Rudaki ave. 89;
tel.: (+99237) 227-67-28; e-mail: khidiev@mail.ru

NAZAR MUMIN ABDUJALOL,
Candidate of philosophical sciences, associate professor, Director of Institute of philosophy, political science and law named after A. Bahovaddinov of the National academy of sciences Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 33;
tel.:(+992) 918-99-12-71; e-mail: mumin.nazar.67@mail.ru

The article discusses the specifics of the process of implementing the goals of social policy in developing countries, which also includes Tajikistan, taking into account the current situation. The authors note that, despite the variety of models and mechanisms for implementing social policy in developing countries, its content covers ensuring the well-being of people, the implementation of the principles of social justice in society. The authors come to the conclusion that in the current situation, the success of the implementation of social policy in developing countries depends on the rational use of material and spiritual resources, the adoption of appropriate decisions by the political authorities, and the implementation of the principles of social justice.

Keywords: *developing countries, state, society, social system, social policy, social services, social groups, vulnerable groups, social justice, values.*

УДК: 304.44

ҲИФЗИ ИҚТИДОРИ ЗЕҲНӢ – САМТИ МУҲИММИ АФЗАЛИЯТҲОИ МИЛЛӢ

ҚУРБОНОВ АБДУРАҲМОН ШЕРОВИЧ,
доктори илми фалсафа, сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои иҷтимоии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, Рудаки 89;
тел: (+992 37) 227-59-80; (+992) 93-444-39-40

Воқеияти ҷаҳони муосир собит месозад, ки дар баробари таҳкими қобилияти мудофиавии кишварҳо тавассути артиш ва аслиҳаи ҳарбӣ, омили муҳимми дигари таъмини амнияти миллӣ ва рушди устувори кишварҳо, аслан аз тариқи баланд бардоштани фаъолияти илмиву технологии тамоми соҳаҳо, рушди сармояи зеҳнӣ ва сатҳи баланди рақобатнокӣ таъмин карда мешавад. Таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба таҳкими қобилияти мудофиавии мамлакат бояд ба мувозинати рушд ва фаъолияти бомароми самтҳои дигари ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат, аз ҷумла соҳаи илм ва маориф низ мусоидат намоянд. Зеро ки артиши қудратманд ҳамон артишест, ки сарбозону афсарони он бо дониши назариявӣ ва амалии худ доир ба техникаву технологияи наву муосир ҷавобгӯи замон бошанд. Дастрасӣ ба аслиҳаи ҳарбии муосир ва, хусусан аслиҳаи дақиқрас, бе доштани дониши назариявӣ ва амалӣ комилан ғайриимкон аст. Ҳамзамон, масъалаи ҳифзи ватан, таъмини амнияти шаҳрвандон, таҳкими иқтидори ҳарбию иқтисодии мамлакат тавассути илму маорифи рушдёфта ва тарбияи мутахассисон, ҷалби зеҳнҳо ва истеъдодҳо дар ҷаҳони муосир аҳамияти хосса дошта, дар мақола мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Калидвожаҳо: *амнияти зеҳнӣ, амнияти миллӣ, артиш, хизмати ҳарбӣ, магистратура, докторантура, мактаби олӣ, захираи кадрӣ, технологияи нав, таҳсилоти олии касбӣ.*

Авзои ҷаҳони муосир тақозо мекунад, ки ҳар як раванду падидае, ки дар ҷомеа зуҳур мекунанд, бояд мавриди таваҷҷӯҳи хоса қарор гирифта, аз мавқеи манфиатҳои миллӣ мавриди таҳлил, баррасӣ ва арзёбии амиқ ёбад дода шавад. Дар низоми манфиатҳои миллӣ дар шароити муосир, қабл аз ҳама, ҳифзи амнияти зеҳнӣ ё худ иқтидори илмии миллат дар ҷойи аввал меистад, ки он маҳз тавассути рушди маориф ва илм амалӣ хоҳад шуд.

Воқеияти ҷаҳони муосир собит месозад, ки амнияти миллии кишварҳо, аслан аз тариқи баланд бардоштани фаъолияти илмиву

технологии тамоми соҳаҳо, рушди сармояи зеҳнӣ ва сатҳи баланди рақобатнокӣ таъмин карда мешавад. Вобаста ба ин, Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониашон дар Рӯзи дониш 17-уми августи соли 2020 соҳаҳои илму маорифро пояи асосии рушд ва амнияти кишвар номида буданд. Ҳамчунин, дар моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният» таъкид шудааст, ки “хароб гардидани сифати таълим ва нерӯи зеҳнии мамлакат ҳамчун таҳдид ба амнияти давлат арзёбӣ мешавад”.

Тавре ки медонем, 29 январи соли 2021 Қонун “Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» ба тасвиб расид, ки аз қабули он як сол сипарӣ шуд. Тибқи моддаи 31, қисми 2, банди 3 қонуни мазкур ба таъхир гузоштани муҳлати даъват ба хизмати ҳарбӣ танҳо барои «онҳое, ки дар шуъбаҳои рӯзонаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои дарёфти тахассуси дараҷаи бакалавр ва мутахассис бори аввал таҳсил менамоянд-дар давраи таҳсил» муқаррар шудааст. Аз муқаррароти қонуни мазкур бармеояд, муҳассилини зинаи магистратура ва докторантура (доктор Phd) аз ҷалб намудан ба хизмати ҳарбӣ озод нестанд. Ҳамчунин, тибқи қонуни мазкур тамоми хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, сарфи назар аз хатми курсҳои омодагӣ дар кафедраҳои ҳарбӣ, онҳо ба хизмати ҳарбӣ ҷалб шуда, ҳамчун сарбози қаторӣ хизмат мекунанд. Бояд зикр намуд, ки дар қонуни мазкур нуктаҳои дигари баҳсангез низ ҷой доранд, вале мо аз баррасии онҳо ин ҷо худдорӣ менамоем.

Бояд зикр намуд, ки таҳлили раванди амалӣ гардидани қонуни мазкур дар тӯли як сол собит намуд, ки он ба манфиатҳои миллии Тоҷикистон мувофиқ набуда, балки, қабл аз ҳама, ба соҳаи илму маориф, ташаккули иқтидори илмӣ ва амнияти зеҳнии кишвар ва ниҳоят, дар оромию суботи ҷомеа метавонад нақши манфӣ гузорад. Мушоҳидаҳои яксолаи мо собит намудаанд, ки ба нигарониҳои шаҳрвандону намояндагони соҳаи илму маориф нигоҳ накарда, на аз ҷониби мақомоти расмии соҳаи илм ва маориф ва на аз ҷониби муаллифони қонун ё мақомоти дигаре доир ба оқибатҳои манфии амалӣ гардидани қонуни мазкур ишорае нашудааст.

Тибқи ҳисоботи Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ ниҳоди мазкур аллакай, барои ба муқаррароти ин қонун мувофиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” тағйиру иловаҳоро таҳия намуда, барои мувофиқа ба вазоратҳои дахлдор фиристодааст. Яъне мақомот ва масъулони соҳа, хусусан Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон доир ба масъалаи мазкур, аслан мавқеи созишкоронаро интихоб намуданд, ки чунин мавқеъгирӣ наметавонад ба ҳифзи манфиатҳои давлату миллат созгор бошад.

Саволе ба миён меояд, ки дар шароити ҷаҳони муосир, ки тамоми миллатҳои дунё тавассути маориф ба сӯи дастовардҳои навтарини илму технология ва татбиқи онҳо дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишварҳояшон талош меварзанд, зарурати ба таври оммавӣ ба хизмати ҳарбӣ ҷалб намудани донишҷӯён, аспирантон ва докторантони муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва мактабҳои олӣ дар Тоҷикистон аз чӣ иборат бошад? Дар ҳоле ки *шумораи ҷавонони синни даъватӣ барои хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ дар ҷумҳурӣ хеле зиёд аст ва ин имконият медиҳад, ки аз миёни ҷавонони ҳамаи қишрҳои аҳолии кишвар беҳтаринҳо интихоб ва ба хизмати ҳатмии ҳарбӣ даъват карда шаванд.*

Бешубҳа, барои ҳар як давлат артиши пешрафта ва замонавӣ зарур аст. Ҳадаф аз қабули қонуни мазкур низ таҳкими иқтидори ҳарбӣ ва қобилияти мудофиавии мамлакат, ҳифзи марзу буми Ватани азизамон– Тоҷикистон мебошад. Хизмат дар сафи Қуввахои мусаллаҳи ҷумҳурӣ, бе шакку шубҳа, мояи ифтихори ҳар як шаҳрванди ватандӯст маҳсуб мешавад.

Вале, бояд зикр намуд, ки таҳкими қобилияти мудофиавии мамлакат танҳо тавассути артиш ғайриимкон аст. Ҳамзамон, таҳкими артиш набояд рушд ва фаъолияти бомароми самтҳои дигари ҳаёти мамлакатро халалдор созад. Дар баробари артиш, мувозинати рушди самтҳои дигари ҳаёти иқтисодию иҷтимоии мамлакат, аз ҷумла соҳаи илм ва маориф низ бояд таъмин карда шавад. Зеро ки артиши қудратманд ҳамон артишест, ки сарбозону афсарони он бо дониши назариявӣ ва амалии худ доир ба техникаву технологияи наву муосир ҷавобгӯи замон бошанд**.** Дастрасӣ ба аслиҳаи ҳарбии муосир ва, хусусан аслиҳаи дақиқрас, бе доштани дониши назариявӣ ва амалӣ комилан ғайриимкон аст. Набояд фаромӯш кард, ки чунин донишро маориф –муассисаҳои таълимӣ медиҳанд.

Бояд зикр намуд, ки қонуни мазкур хилофи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ” мебошад. Зеро ки магистратура, ин зинаи дуюми таҳсилоти олии касбӣ маҳсуб шуда, таҳсил дар ин зинаи таҳсилот низ чун зинаҳои мутахассис ва бакалавар бояд дар шакли мунтазам то марҳилаи хатм идома дода шавад. Ҳамчунин, дар сиёсати давлатии Тоҷикистон маориф самти афзалиятнок эълон шудааст, ки он ҳамаи зинаҳои таҳсилот, шуруъ аз боғчаю муассисаҳои таълими ибтидоӣ то муассисаҳои таҳсилоти олии касбию зинаҳои дигари таҳсилот дар магистратура ва докторантураро фаро мегирад.

Тибқи таҳлилҳои мо, идома ёфтани амали қонуни мазкур имкон дорад дар ояндаи наздик дар чанд самт таъсири манфии худро гузорад:

Якум, бо қабул гардидани ин қонун сатҳи нуфузу эътибори мактаби олӣ ва муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, дар маҷмуъ соҳаи илм ва маориф

коста гардида, майлу хоҳиши ҷавонон ба соҳаи мазкур ба таври назаррас коҳиш меёбад. Таҳлили натиҷаҳои имтиҳонҳои дохилшавӣ тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон собит намуд, ки соли 2021 қабул ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ нисбат ба солҳои гузашта ба таври назаррас коҳиш ёфта, ба ҷои 86307 ҷойи дар нақшаи қабул пешбинишуда, ҳамагӣ 64937 нафар комёб гардиданд, ки он 75,2 фоизи нақшаи умумии қабулро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, аз 64937 нафари комёбгардида 53012 нафари онҳо ба муассисаҳои таълимии касбӣ ҳозир шуда, 11925 нафари он ба муассисаҳои таълимӣ ҳозир нашуда, аз таҳсил даст кашиданд. Дар маҷмуъ иҷрои нақшаи умумии қабул 61,5 фоизро ташкил намуд, ки ин аз нақшаи муайяншуда 33295 нафар кам мебошад.

Аз ҷумла, дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – бонуфузтарин мактаби олии кишвар қабули донишҷӯён тақрибан 85-90 фоизи нақшаро ташкил намуд.

Дуюм, вобаста ба қабули қонуни мазкур хоҳишмандон барои таҳсил дар зинаи дигари мактаби олӣ – магистратура нисбат ба солҳои гузашта хеле кам гардида, ягон мактаби олии ҷумҳурӣ нақшаи қабул ба магистратураро иҷро накардааст. Масалан, дар Донишгоҳи миллӣ нақшаи қабул ба магистратура ҳамагӣ 30 фоизро ташкил медиҳад, ки теъдоди асосии онро занҳо ташкил медиҳанд. Дар баъзе ихтисосҳо дар мактабҳои олии кишвар, хусусан дар самти илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқ барои таҳсил дар магистратура ягон нафар ҳуҷҷат насупоридааст.

Бояд зикр намуд, ки тибқи талаботи низоми нави таҳсилот танҳо хатмкунандагони магистратура ҳақ доранд, ки ба докторантура(Доктор Phd) дохил шуда, барои гирифтани дараҷаи илмӣ таҳсилро идома диҳанд. Дар ин замина қабул ба докторантура (Доктор Phd) низ коҳиш ёфта, дар ДМТ ба ҷои 194 нафари пешбинишуда ҳамагӣ 57 нафар қабул гардидааст. Вазъияти қабул ба докторантура дар дигар мактабҳои олии кишвар аз ин ҳам бадтар гардидааст. Вобаста ба теъдоди ниҳоят ками дохилшавандагон ба магистратура эҳтимолан соли оянда аз рӯи аксари ихтисосҳо қабул барои таҳсил дар зинаи докторантура ғайриимкон мегардад. Дар натиҷа низоми тайёр намудани кадрҳои илмӣ хароб гардида, норасоии кадрҳои илмӣ дар ҷумҳурӣ боз ҳам шадидтар хоҳад шуд.

Ҳамин тавр, аз сабаби ба хизмати ҳарбӣ ҷалб гардидани он қишри асосӣ – магистр ва докторант, ки оянда заминаи асосии ташаккули иқтидори илмии мамлакат маҳсуб мешаванд, тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар, хусусан мактабҳои олӣ ва муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба мушкилии норасоии шадиди кадрӣ рӯ ба рӯ хоҳанд шуд.

Бояд гуфт, ки кори илмӣ фаъолияти мунтазамро талаб мекунад. Баъди адои муҳлати хизмат дар сафи артиш на ҳамаи магистр ё докторант ба соҳаи илм бармегардад, агар баргардад ҳам, ин ба фаъолияти илмии ӯ таъсири ҷиддии манфӣ мерасонад. Хусусан, ин амал боиси кашолёбии ҳимояи рисолаи илмӣ мегардад, ки вобаста ба мушкилоти мавҷудаи иҷтимоӣ на ҳар як унвонҷӯй инро қабул дорад.

Сеюм, ба ташаккули захираи зеҳнӣ ё худ иқтидори илмии миллат таъсири мустақими манфӣ мерасонад.

Таҳлилҳо собит месозанд, ки сатҳи дониши мактаббачагону донишҷӯён ва инчунин, сатҳи илмии олимон ва касбияти мутахассисон рӯ ба пастравӣ дорад. Мувофиқи ҷамъбасти натиҷаҳои имтиҳонҳои қабул ба мактабҳои олӣ дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 аз субтести математика дар доираи гурӯҳҳои ихтисосҳои 1-ум (табиӣ ва техникӣ) ва 2-юм (иқтисод ва география) ҳамагӣ 3,2 %-и довталабон тавонистаанд, ки аз 24 то 40 холро (аз ҷумла, довталабони аз 24 то 31 холгирифта – 2,4 % ва довталабони аз 32 то 40 холгирифта – 0,8 %) соҳиб шаванд, ки ин хеле паст аст. Инчунин, тибқи додаҳои ин ҷадвал соли 2020-ум ҳиссаи довталабони аз 24 то 40 холро соҳибшуда 6,2 %-ро (аз ҷумла, довталабони аз 24 то 31 холро гирифта – 4,3 % ва довталабони аз 32 то 40 холро гирифта – 1,9 %) ташкил додааст, ки ин нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи соли 2021-ум баландтар аст.

Лекин бояд тазаккур дод, ки дар маҷмуъ, ҳар ду нишондод ҳам аз дараҷаи зарурӣ хеле паст будани сатҳи дониши хатмкунандагон аз фанни математикаро нишон медиҳанд.

Дар сатҳи ҷумҳурӣ дар соли 2021-ум аз субтести забони тоҷикӣ дар доираи ҳамаи гурӯҳҳои ихтисосҳо ҳамагӣ 30,6 %-и довталабон тавонистаанд, ки ба холҳои маҳдудаи сифатӣ, яъне аз 24 то 40 холро (аз ҷумла, довталабони аз 24 то 31 холгирифта – 24,9 %-и ва довталабони аз 32 то 40 холгирифта – 5,7 %) соҳиб шаванд, ки ин нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи соли 2020-ум пасттар аст. Зеро дар соли 2020-ум ҳиссаи довталабони аз 24 то 40 холро соҳибшуда 37,5 %-ро (аз ҷумла, довталабони аз 24 то 31 холро гирифта – 29,7 % ва довталабони аз 32 то 40 холро гирифта – 7,8 %) ташкил дода буд.

Тавре ки аз таҳлилҳои боло бармеояд, сатҳи дониши довталабон аз ду фанни калидӣ – математика ва забони тоҷикӣ дар сатҳи паст қарор дошта, тамоили рӯ ба пастравиро дорад.

Бояд гуфт, ки чунин тамоил дар низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ низ баръало мушоҳида мешавад. Масалан, мувофиқи ҳисоботи Вазорати маориф ва илм дар соли 2021 аз 50732 нафари хатмкунандаи мактабҳои олии ҷумҳурӣ (ба истиснои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии

қудратӣ) ҳамагӣ 344 нафар (0,67 %) имтиҳонҳои хатмро бо баҳои аъло ҷамъбаст намуда (334 нафар дар шуъбаи рӯзона, 10 нафар дар шуъбаи ғоибона, фосилавӣ), аз ин шумора 58 нафар муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро бо дипломи "Аъло" хатм намуданд. Ин рақамҳо далели онанд, ки сатҳи дониши хатмкунандагони макотиби олӣ низ нисбат ба солҳои пеш коҳиш ёфта, имрӯз наметавонад неруи илмии мамлакатро таҳким бахшида, амнияти зеҳнии кишварро таъмин намояд.

Таҳлилҳо собит намуданд, ки дар соли таҳсили 2021-2022 нақшаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ (ба истиснои муассисаҳои тиббӣ) иҷро нагардид. Махсусан, муассисаҳои таълимие, ки аз рӯи равияҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ мутахассисонро омода менамоянд, дар рӯ ба рӯи мушкилоти ҷиддӣ қарор доранд. Чунин ҳолат амалӣ гардидани 20-солаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқро мушаххасан зери суол қарор медиҳад.

Мавриди ба зикр аст, ки вазъи илм дар кишвар нигаронкунанда буда, норасоии кадрҳои баландихтисоси илмӣ дар тамоми корхонаю муассисаҳо мушоҳида мешавад. Илм ба соҳаи бесамар табдил ёфта, сатҳи илмии олимони соҳибунвон рӯ ба пастравӣ дорад. Кор то ҷое расидааст, ки баъзе олимони дорои унвонҳои баланди илмӣ аз уҳдаи навиштани тақриз ба диссертатсия намебароянд.

Тибқи ҳисоботи Вазорати маориф ва илм ба ҳолати моҳи декабри соли 2021 дар ҷумҳурӣ 4421 нафар ашхоси соҳиби унвонҳои илмӣ фаъолият менамояд, ки аз онҳо 839 нафар доктори илм ва 3582 нафар номзади илм мебошанд. Барои муқоиса, бояд зикр намуд, ки то замони истиқлолият дар ҷумҳурӣ 12 мактаби олӣ ва 3070 нафар номзадҳои илм буданд. Ҳоло бошад, 41 мактабӣ олӣ ва 3582 нафар номзади илм, яъне теъдоди номзадҳои илм ҳамагӣ 500 нафар афзудааст. Чунин тағйироти миқдорӣ дар муқоиса ба теъдоди имрӯзаи мактабҳои олӣ дар кишвар ночиз буда, аз ҷиҳати сатҳу сифат ба солҳои пеш муқоисанашаванда аст. Ҳамин тариқ, имрӯз тамоми мактабҳои олӣ ва институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ аз нарасидани кадрҳои соҳибунвони илмӣ танқисии шадидро эҳсос мекунанд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар ҷумҳурӣ норасоии на танҳо олимони соҳибунвон, балки мутахассисон дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, хусусан соҳаи омӯзгорӣ ва тандурустӣ бештар эҳсос карда мешавад. Дар маҷмуъ, низоми илму маориф аз ин амал зарари ҷуброннопазир мебинанд, ки ислоҳи он дар оянда мушкил хоҳад гашт.

Чорум, вазъи молиявии тамоми мактабҳои олии кишвар хароб гардида, хусусан буҷети он муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбие, ки пурра аз ҳисоби партохти гурӯҳҳои шартномавӣ ташаккул меёбад, бо кам гардидани теъдоди донишҷӯён ба таври назаррас коҳиш хоҳад ёфт.

Тавре ки зикр гардид, соли 2021 нисбат ба нақшаи муқарраргардидаи қабул ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ 33295 нафар довталабон камтар дохил шуданд. Илова бар ин, бинобар сабаби дилсардии донишҷӯён ба таҳсил ва ба дарсҳо иштирок накарданашон аз донишгоҳҳо хориҷ шудани онҳо низ дар як сол ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илм соли 2020 бо чунин сабабҳо 2471 нафар, вале дар 9 моҳи соли 2021 бошад, 5198 нафар донишҷӯён аз донишгоҳҳо хориҷ карда шуданд, ки нисбат ба соли гузашта 2,1 баробар зиёд аст.

Ҳамчунин, ба ҳолати 19 октябри соли 2021 аз аввали соли таҳсил (дар 9 моҳ) дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар (ба истиснои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии қудратӣ) аз 155.497 нафар донишҷӯи шуъбаи рӯзона 16.737 нафар (10,76%) бо сабабҳои гуногун аз таҳсил дур монданд, ки 88 фоизи онро писарон ташкил медиҳанд.

Ҳамин тавр, бо сабаби иҷро нагардидани нақшаи қабул ва аз таҳсил даст кашидани донишҷӯён дар соли таҳсили сипаришуда дар маҷмуъ 50.032 нафар аз донишгоҳҳои ҷумҳурӣ берун монданд, ки мутаассифона, дар Вазорати маориф ва илм ин равандро чун “динамикаи муқаррарӣ” арзёбӣ менамоянд. Ҳол он ки вазъият хеле нигаронкунанда буда, ҳолати мавҷуда ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад чун “динамикаи муқаррарӣ” арзёбӣ шавад.

Бояд ёдовар шуд, ки дар соли таҳсили 2021-2022 барои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ (ба истиснои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии қудратӣ) тибқи нақшаи қабул 55.823 ҷой ҷудо гардидааст, ки аз он ҳамагӣ 10 655 (19,09%) ҷойҳои буҷавӣ буда, 45.168-тоаш (80,91%) ҷойҳои шартномавӣ мебошанд.

Дар маҷмӯъ, барои қабули донишҷӯён ба коллеҷҳо ва донишгоҳу донишкадаҳо тибқи нақша дар соли 2021-ум 86307 ҷой ҷудо гардида буд, ки аз он 17767-тоаш (20,59 %) барои таҳсили ройгон ва 68540-тоаш (79,41 %) барои таҳсили пулакӣ пешбинӣ шудааст. Аз шумораи умумии довталабони комёбгардидае, ки ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ҳозир нашудаанд, 12,13 фоиз ба гурӯҳҳои ройгон ва 87,87 фоиз ба гурӯҳҳои пулакӣ мансуб мебошанд. Ин далели он аст, ки ташаккули буҷети ҳамаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ аз гурӯҳҳои шартномавӣ вобастагии ҷиддӣ дорад.

Дар мактабҳои олӣ бинобар кам гардидани донишҷӯён дар гурӯҳҳои шартномавӣ масъалаи пардохти маоши омӯзгорон ба мушкилии ҷиддӣ табдил ёфта истодааст. Вобаста ба коҳиш ёфтани теъдоди донишҷӯён дар баъзе мактабҳои олӣ, хусусан дар самти илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ, масъалаи ихтисори воҳидҳои корӣ омӯзгорон ва муттаҳид намудани

кафедраҳо пеш омадааст. Бо идома ёфтани чунин амал вазъият на танҳо дар он мактабҳои олии пурра дар асоси худмабалғгузорӣ фаъолияткунанда, балки дар тамоми мактабҳои олии кишвар мураккаб хоҳад шуд. Идомаи чунин ҳолат метавонад масъалаи тарки мактабҳои олӣ намудани омӯзгоронро ба миён биёрад. Зеро ки сатҳи маоши омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ аз пардохти маблағҳои гурӯҳҳои шартномавӣ вобастагии ҷиддӣ дорад.

Бояд гуфт, ки айни ҳол музди меҳнати омӯзгорони соҳибунвон дар мактабҳои олӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои номзади илм, дотсент 1569 сомонӣ ва барои доктори илм, профессор 1720 сомонӣ муқаррар шудааст, ки ин, албатта, наметавонад боиси дилгармӣ ва ҳавасмандии омӯзгорони соҳибунвони мактабҳои олӣ бошад.

Панҷум, қонуни мазкур имкон дорад дар ояндаи наздик ба омили халалдор сохтани оромию субот дар кишвар табдил ёбад. Бояд зикр намуд, ки дар шароити имрӯзаи ҷумҳурӣ масъалаи таъмини шуғли ҷавонон яке аз мушкилоти асосии ҷомеа маҳсуб мешавад. Ҳамасола аз таҳсил дар мактабҳои олӣ берун мондани чунин теъдоди (тақрибан 50 ҳазор нафар) ҷавонон боиси боз ҳам мушкилтар гардидани масъалаи шуғл хоҳад шуд.

Дар сурати идома ёфтани чунин раванд, теъдоди ҷавонони аз таҳсил дурмонда, ки бояд тӯли чор сол ба таҳсил дар мактабҳои олӣ фаро гирифта мешуданд**,** тақрибан ба 200 ҳазор нафар хоҳад расид, ки дар натиҷа имкон дорад дар ду самт мушкилӣ эҷод шавад.

Аввалан, мушкили умумӣ, ҳам барои ҷомеа ва ҳам барои сохторҳои дахлдори давлатӣ, ҷиҳати бо шуғли муайян таъмин намудани чунин теъдоди бузурги ҷавонони бекасбу кор ва бе таҷрибаи зарурии ҳаётӣ.

Сониян, дар чунин ҳолат тафаккури ҳанӯз ташаккулнаёфта ва осебпазир, сатҳи пасти ҷаҳонбинии ҷавонони аксаран 17-20-солаи бекасбу кор, имкон дорад боиси зуҳури эътирози иҷтимоии ҷавонон гардида, эҳтимолияти ба идеологияи бегона гаравидани онҳоро ба миён биёрад. Зеро ки ҷавонони беназорат ва таҳсилногирифта дар чунин ҳолат аз дарки воқеии арзишҳои миллӣ ва ахлоқию фарҳангӣ дур монда, бештар аз рӯи эҳсосот амал мекунанд, ки дар натиҷа имкон дорад боиси халалдор гардидани оромию суботи ҷомеа гардад.

Бинобар ин, ба андешаи мо, ба ҷои он ки ҷавонони ранҷидаю асабониро дар кӯчаҳои шаҳру ноҳияҳо дошта бошем, беҳтар аст, ки онҳо бо маблағҳои худашон (ба таври шартномавӣ) ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ фаро гирифта шаванд. Дар давраи таҳсил донишҷӯён зери назорат қарор дошта, ҳамзамон сатҳи тафаккур ва ҷаҳонбиниашон боло меравад ва дар натиҷа эҳтимолияти гаравидани онҳо ба фарҳангу идеологияи бегона камтар мешавад. Донишҷӯй дар раванди таҳсил чун

шахсият ба воя расида, нигоҳ ва муносибати ӯ ба дигаргуниҳои ҷомеа ба самти мусбат тағйир меёбад, дар хулқу рафтори ӯ таҳаммулпазирӣ ва ҳисси ватандӯстию худшиносӣ бештар ташаккул меёбад ва устувор мегардад.

Бояд гуфт, ки дар замони истиқлолият зиёд гардидани мактабҳои олӣ ва ҳар чи бештар ба таҳсил фаро гирифтани ҷавонон беҳтарин василаи зери назорат нигоҳ доштани онҳо маҳсуб шуда, чун ҳадафи муҳими стратегӣ арзёбӣ мешавад. Ҳамзамон, ба таҳсил фаро гирифтани ҷавонон дар ин мавриd ба як навъи шуғл табдил меёбад ва бояд ёдовар шуд, ки дар кишварҳои дигар низ чунин таҷриба вуҷуд дорад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки Қонун “Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» бе таҳлили вазъи сиёсии ҷаҳон, дурнамо ва манфиатҳои миллӣ таҳия ва қабул гардидааст. Қонунҳо бояд созанда буда, набояд ба рушди ҷомеа ва ҳаёти моддию маънавӣ мухолифат дошта бошанд. Амалияи яксолаи қонуни мазкур собит намуд, ки он хилофи манфиатҳои соҳаи илму маориф, дар маҷмуъ хилофи ҳифзи амнияти зеҳнии кишвар буда, қабл аз ҳама, боиси ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардидани муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва мактабҳои олии кишвар гардид.

Қонуни мазкур воқеан ҳам, кори кормандони комиссариатҳои ҳарбиро осон намудааст. Комиссариатҳои ҳарбӣ бо дахолати дигар мақомоти қудратӣ нақшаи даъвати ҳарбиро безаҳмат аз ҳисоби донишҷӯёну аспирантону докторантҳо пур менамоянд, вале, ҳамзамон, бо ин амал ба соҳаи маориф ва илми ҷумҳурӣ зарари ҷуброннопазир мерасонанд. Ҳол он ки ҳамасола муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳуриро тақрибан зиёда аз 160 ҳазор нафар хатм менамоянд ва нақшаи солонаи даъват ба хизмати ҳарбӣ бошад, ҳамагӣ 16 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Таҳлилҳо собит месозанд, ки вобаста ба мушкилоти шуғл, аксар ҷавонон барои ихтиёран ба хизмати ҳарбӣ рафтан изҳори омодагӣ менамоянд, вале аз шароит ва муносибат дар қисмҳои ҳарбӣ изҳори нигаронӣ мекунанд. Дар сурати мавҷуд будани шароити хуб барои хизмати ҳарбӣ нақшаи даъват бемамониат ичро мешавад ва барои “тадбирҳои иловагӣ” зарурат боқӣ намемонад. Лекин дар сурати беҳтар нагардидани шароити хизмат ва муносибат бо сарбозон дар қисмҳои ҳарбӣ тадбирҳои иловагӣ низ вазъиятро тағйир дода наметавонанд.

Бояд гуфт, ки илму маорифи ҷумҳурӣ имрӯз дар рӯ ба рӯи буҳрони шадид қарор дошта, ба ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад. Бо итминони комил метавон гуфт, ки айни ҳол иқтидори зеҳнии, на Академияи илмҳо ва на Вазорати маориф ва илм барои амалӣ намудани чунин як ислоҳот ва аз ҳолати буҳронӣ раҳо намудани соҳаи мазкур басанда нест. Барои ҳалли ин

мушкилоти миллӣ тамоми неруҳои фаъоли ҷомеаи илмӣ ва аҳли маорифи кишвар бояд ҷалб ва сафарбар карда шавад. Қабули қонуни мазкур бошад, ҳолати мавҷудаи маориф ва илмро боз ҳам мураккабтар намуда, боиси коҳиш ёфтани таъмини амнияти зеҳнии мамлакат мегардад.

Ҳифзи Ватан ва хизмат дар сафи артиш ифтихор аст, барои ҳама! Лекин ватанро танҳо бо силоҳ ҳифз намекунанд. Барои ҳифзи ватан насли рӯҳан ва ҷисман солим зарур аст, ки ҳалли ин мушкилот аслан, бар дӯши соҳаи маориф ва тандурустӣ қарор дорад. Яъне, ду соҳае, ки имрӯз дар рӯ ба рӯи мушкилоти ҷиддии кадрӣ қарор дошта, аз норасоии мутахассисони варзида танқисӣ мекашанд ва дар мади аввал ҳадафи таъсири манфии қонуни мазкур қарор гирифтанд.

Шояд муаллифони қонуни мазкур қабули онро чун воситаи таҳкими ҳифзи ватан ва таъмини бехатарии он арзёбӣ намоянд. Вале набояд фаромӯш кард, ки кафили асосии ҳифзи ватан ва марзу буми он, таъмини амнияти шаҳрвандон, дар мадди аввал, ин илму маорифи рушдёфта ва мардуми босаводи кишвар мебошад. Зеҳнҳо ва истеъдодҳо бояд ҳифз шаванд ва имтиёз дошта бошанд. Ҳатто дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ин гуна одамон имтиёз доштанд ва ба хизмати ҳарбӣ ҷалб карда намешуданд. Дар асри XX1 наҷоти инсоният маҳз аз рушди соҳаи маориф вобаста мебошад.

Вобаста ба ин, ба андешаи мо бозбинии Қонун “Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» ба зарурати воқеӣ табдил ёфта, бояд он дар таҳрири нав ва бо назардошти ислоҳи бандҳои дахлдор, ки ба соҳаи маориф ва илм таъсири бевоситаи манфӣ мерасонанд, пешниҳод карда шавад. Айни ҳол дар ҷумҳурӣ қабули довталабон ба Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва даъват ба хизмати ҳарбӣ шуруъ гардидааст, ки ин раванд бояд бо назардошти ҳифзи манфиатҳои давлат танзим ва роҳандозӣ карда шавад.

АДАБИЁТ

1.Закон Республики Таджикистан “О безопасности” (в редакции Закона РТ от 27.11.2014 г. №1137).

2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ”.

3.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ». -Душанбе, 2021.

4.Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ (маҷмӯаи оморӣ). /Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021.

5.Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш. 17.08.2020, шаҳри Душанбе.

6.Ҳисобот оид ба фаъолияти вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 ва вазифаҳо дар соли 2022. –Душанбе, 2022.

7.Ҳисобот оид ба ҷамъбасти фаъолияти Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021. -Душанбе, 2022.

ЗАЩИТА ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОГО ПОТЕНЦИАЛА – ВАЖНЫЙ АСПЕКТ НАЦИОНАЛЬНЫХ ПРИОРИТЕТОВ

КУРБОНОВ АБДУРАХМОН ШЕРОВИЧ
доктор философских наук, начальник Управления анализа социальных проблем Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, Душанбе, пр.Рудаки 89;
тел: (+992 37) 227-59-80; (+992) 93 444 39 40

Реальность современного мира доказывает, что наряду с укреплением обороноспособностью стран за счет армии и воинских вооружений важным фактором обеспечения национальной безопасности и устойчивого развития стран, в основном, является наращивание научно-технической деятельности во всех сферах, развитие интеллектуального капитала и высокая конкурентоспособность. Разработка и принятие нормативных актов по укреплению обороноспособности страны должны способствовать сбалансированности развития и бесперебойного функционирования других сфер социально-экономической жизни страны, в том числе науки и образования. Потому что сильная армия – это армия, солдаты и офицеры которой в курсе своих теоретических и практических знаний новой и современной техники и технологий. Доступ к современному боевому оружию, особенно высокоточному, невозможен без теоретических и практических знаний. При этом вопросы защиты родины, обеспечения безопасности граждан, укрепления военного и экономического потенциала страны за счет развития науки и образования и подготовки специалистов, привлечения умов и талантов в современном мире имеют особое значение, которые анализируется в данной статье.

Ключевые слова: *интеллектуальная безопасность, национальная безопасность, армия, военная служба, магистратура, докторантура, высшее образование, человеческие ресурсы, новые технологии, высшее образование.*

PROTECTION OF INTELLECTUAL POTENTIAL IS AN IMPORTANT ASPECT OF NATIONAL PRIORITIES

KURBONOV ABDURAKHMON SHEROVYCH
Doctor of philosophy science, Head of the "Department of analysis of social problems" of the Center for Strategic Researches under the President of the Republic of Tajikistan
734025,Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave 89;
tel: (+992 37) 227 59 80; (+992) 93 444 39 40

The reality of the modern world proves that, along with strengthening the defense capability of countries through the army and military weapons, an important factor in ensuring national security and sustainable development of countries is mainly the increase in scientific and technical activities in all areas, the development of intellectual capital and high competitiveness. The development and adoption of normative acts to strengthen the country's defense capability should contribute to a balanced development and uninterrupted functioning of other areas of the country's socio-economic life, including science and education. Because a strong army is an army whose soldiers and officers are aware of their theoretical and practical knowledge of new and modern equipment and technologies. Access to modern military weapons, especially high-precision ones, is impossible without theoretical and practical knowledge. At the same time, the issues of protecting the homeland, ensuring the security of citizens, strengthening the military and economic potential of the country through the development of science and education and training of specialists, attracting minds and talents in the modern world are of particular importance, which is analyzed in this article.

Keywords: *intellectual security, national security, army, military service, magistracy, doctoral studies, higher education, human resources, new technologies, higher education.*

УДК: 304.3

ТАҚВИЯТИ МАВҚЕИ ЗАНОН ДАР ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ

НАЗРИЕВА ОЙНИЁЛ ШАРИФОВНА,
номзади илмҳои фалсафа, муовини сардори Раёсати таҳлил ва ояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел: +992 37 2277061.

Муаллиф дар мақола мавқеи занонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли умум аз ҷанбаҳои сиёсӣ-идеологӣ, меъёрии ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-гендерӣ, таърихӣ-динӣ мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Дар мақола муваффақият, мушкилот ва дурнамои ин масъала аз диди илмию таърихӣ баррасӣ гардидааст.

Калидвожаҳо: *ҷомеа, истиқлолият, хушунат, ҳаёти иҷтимоӣ, ҷинсият, маориф, тиб, баробарҳуқуқӣ, занони кудратманд, мавқеи занон.*

Вобаста ба мушоҳидаҳо ва таҳлилҳо ҷанбаҳои асосии иштироки занон дар равандҳои идеологию иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, муайян гардид, ки таҳти роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дигар чораҳои андешидашудаи ҳокимиятҳои иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои мусоиди рушд фароҳам оварда шудааст. Арзёбии баъзе масъала ва мушкилоти дар ин самт вуҷуддошта марҳала ба марҳала барои боз ҳам ташаккул додани дониш, малака ва зеҳнияти занон роҳҳои ҳалли худро ёфта истодаанд.

Воқеияти таърихӣ ин аст, ки тайи 30 соли соҳибистиқлолӣ таҳти роҳбарии Пешвои миллат дар ҷомеаи имрӯзаи кишвари тоҷикон барои баланд бардоштани эътибору иззат ва беҳбудии вазъи занон таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардид. Дар ин муддат роҳбарон, ваколатдорон ва масъулони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари шаклгирии давлат тавонистанд, ки барои беҳтар гардидани ҳаёти иҷтимоии занону бонувон дар арсаи равандҳои сиёсӣ-идеологӣ, меъёрии ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-гендерӣ, таърихӣ-динӣ ва ғайра дар кишвар ба муваффақиятҳои намоён ноил гарданд.

Бо мақсади таъмини иштироки васеи занон дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ масъулони Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул намуданд, ки онҳо ҷиҳати баланд бардоштани мақоми зан дар бунёди ҷомеаи демократӣ нақши муҳим

мебозанд. Вобаста ба ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи шаклгирӣ ва ташаккулёбии фаъолияти бештари занон бо дар назар гирифтани таъсири оилаҳои анъанавии тоҷик, таҳкими ҷалби занон дар равиш барои иштироки онҳо дар равандҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ, дастгирии давлат ва ҳукумат аҳаммияти ҳалкунанда дорад.

Моҳият ва муайян намудани хусусиятҳои масъалаи иҷтимоикунонии занон, мавҷудияти қолабҳои анъанавӣ ва дурнамои тағйиру таҳкими он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун муайянкунандаи нишондиҳандаи татбиқи меъёрҳои рушди демократия дарҷ мегардад.

Таъмини ҳуқуқ ва имкониятҳои баробарии мардону занон чун тамоюли хоси ташаккулдиҳанда, таъсири иҷтимоӣ, сиёсию идеологӣ, аҳамияти технологияи ворид намудани унсури иҷтимоикунонии занон ба сиёсати давлатии кишвар бо дарназардошти тамоми хусусиятҳои қишрҳои ҷомеа яке аз масъалаҳои мубрами сиёсати давлатӣ арзёбӣ мегардад.

Дигар ин ки яке аз умумиятҳои таърихие, ки дар доираи он ҳамзистӣ, ташаккули тарзи рафтор, мафкура, зиндагӣ, фарҳанг ва анъанаву урфу одат ба миён омадааст, ин миллат аст, ки марду зан баробар дар рушду мавҷудияти имрӯзаи он нақши асосӣ доранд.

Бояд қайд кард, ки нисбат ба даврони Шӯравӣ дар ҷомеаи имрӯза иштирок ва фаъолияти занони тоҷик дар ҳаёти фарҳангӣ ва ҷамъиятӣ моҳияти нав ва рушдкарда гирифта, ҷойгоҳи онҳо дар равандҳои идеологию сиёсӣ ба таври чашмрас бештар гардидааст.

Асосҳои таҳлили амалии иштироки занон дар равандҳои сиёсӣ-идеологӣ нишон медиҳад, ки он дар ҳаёти сиёсии ҷомеа чун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ замина ва хусусияти махсус дорад. Ҳамчунин, паёмадҳои ҳуқуқии иштироки занон дар раванди иҷтимоӣ-иқтисодӣ низ нақши бориз гузоштааст.

Кор ва фаъолияти онҳо дар мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, илм ва маориф, фаъолияти бонкӣ, тандурустӣ ва ғайра, аз як тараф, барои пешрафти кори иҷтимоию иқтисодӣ амалӣ карда шавад, аз тарафи дигар, ҷиҳати интихоб кардан аз байни занҳои таҷрибадор барои корҳои роҳбарикунанда замина ва шароити мусоид фароҳам овардааст. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022 омадааст: “Бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷиҳати то 30 фоиз расонидани хизматчиёни давлатӣ ва то 25 фоиз расонидани кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувони лаёқатманд дар муҳлати се моҳ «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувони

болаёқат барои солҳои 2023–2030» таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод карда шавад.”[1.]

Эътибору манзалати зани тоҷик ҷиҳати баланд бардоштани мақоми зан дар бунёди ҷомеаи демократӣ бо иқдоми Пешвои миллат ҳанӯз дар декабри соли 1999, таҳти фармони №5 "Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсиб расида буд, ки аз хирадмандии роҳбарият ва мардуми сарбаланди мо дарак медод. Дар баробари ин, таҳия ва қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар дар самти беҳдошти вазъи занон, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои миёнамуҳлату дарозмуддати давлатӣ, ки масъалаҳои мубрами таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон, барои пешгирии зӯроварӣ дар хонавода, тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд, стратегияҳои миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра кафолати он мебошанд. Амалигардонии онҳо барои беҳтар сохтани вазъи фарҳангӣ, пешгирии хушунат дар оила нисбати занон ва барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии занон, иштироки фаъолонаи онҳо дар идоракунии ниҳодҳои давлатӣ, албатта, аз ҳисоби кадрҳои болаёқату донишманд имкони хуб ба миён овард.

Дар ҷомеаи муосир масъалаҳои зиёде дар фазои иҷтимоии занҳо вуҷуд доранд, ки онҳоро метавон чунин баррасӣ намуд: шароит ва ташаккули фаъолияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодии занон; мавқеи занон дар ҷомеаи муосир ва хусусиятҳои хоси танзими фаъолияти занон; баробарии гендерӣ ва дурнамои ҳалли онҳо; зӯроварии шифоҳӣ ва ҷисмонӣ нисбати занон дар оила ва ҷомеа; заминаҳои ҳуқуқӣ барои рафъи табъиз нисбати занон ва ғайра.

Ташаккул ва рушди масъалаи иҷтимоикунонии занон ҳамчун равияи илмӣ ва зуҳуроти таърихию иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, хусусиятҳои шаклгирии баробарии ҷинсӣ ва нақши он дар бештар гардонидани фаъолгардонии занон дар ҷаҳон ва минтақа дониста мешавад.

Мақомотҳои давлатӣ пеш аз интихоби занон ба мақоми зан-роҳбар ҷиҳатҳои идеологӣ (зиракии сиёсӣ), илмӣ, забондонӣ (авлавият ба забони давлатӣ), махсусан, фаъолияти таҷрибавии онҳоро заминаи асосӣ донистаанд, ки боиси аз як тараф, аз байн рафтани фаҳмиши тафаккури ғалат (стереотип) нисбати занон мусоидат карда, аз тарафи дигар, маҳз бо дастгирии мардҳо дар корҳои вазнини хоҷагӣ барои сабук гардонидани фаъолияти роҳбарикунандаи онҳо имкони вақтӣ пайдо мешавад. Масъала ин аст, ки дар ҳақиқати ҳол иштироки занон дар баъзе корҳо душвор

мегардад, бо сабабе, ки онҳо имконият ва қудрати инсонияшон барои иҷрои масъулияти модарӣ ва ҳамсариашон сарф мешавад.

Дуруст ва ҳикматомезона аст, ки дар баъзе самтҳо нисбати фаъолияти занон вобаста ба ҷинси латиф буданашон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои махсус сабуккунанда қабул кардааст, ки аз дастгирӣ ва ғамхории роҳбарият гувоҳӣ медиҳад. Яке аз онҳо аз 4 апрели соли 2017, таҳти №179 қабул шуда буд, ки дар баъзе соҳаҳои корҳои вазнин ва ба занҳо номувофиқ, ба монанди корҳои зеризаминӣ, коркарди филиз, баъзе корҳои сохтмонӣ, васлгарӣ ва таъмир, корҳои кӯҳӣ ва ғайраро манъ кардааст.

Маълум аст, ки барои боз ҳам тақвият ва зиёдтар намудани захираҳои кадрӣ аз ҳисоби занон консепсия ва барномаҳои кӯтоҳмуддат низ амалӣ мегардад, ки ҷиҳати тақвияти донишу малакаҳои онҳо ёрирасон аст. Дигар ин ки нашри зиёдтари китобҳо ва дастурамалҳо дар бораи зан-роҳбар аз манфиат холӣ нест.

Дар ҳақиқат, тайёр намудани занони роҳбарикунанда ва фаъолияту иштироки онҳо дар равандҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон умедбахш аст ва баланд бардоштани фаъолияти занон дар ин равандҳо, иштироки содиқонаи онҳо дар иҷтимоикунонии занҳо беш аз беш таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб менамояд. Иҷтимоикунонӣ барои аксари кишварҳои рушдёбанда, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи муҳим гардидааст, ки он аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, ҳалли илмӣ, айниҳолӣ, мутобиқшавӣ ва канораҷӯӣ ба масоили глобалии ҷаҳонро тақозо дорад. Чунки дар ҳамаи давру замон рушди давлатдорӣ ба омилҳои объективӣ ва субективӣ вобастагӣ дорад ва дар ин раванд, ҷойгаҳ, таъсир ва нуфузи ниҳодҳои роҳбарӣ мартабаи махсус мегирад.

Бартарӣ додан ба тафаккури идеологӣ (ё зиракии сиёсӣ) – масалан, бо донишҳои сиёсатшиносӣ ва фалсафаи иҷтимоӣ, равияи геополитикидошта ва дигар донишҳои умумӣ сафарбар гардидан, аз як тараф, ин ҷиҳати арзёбии иштироки занон дар вазифаҳои роҳбарикунанда ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ба мавқеъ бошад, аз тарафи дигар, масъалаи бо кори арзанда таъмин намудани занони донишманд рӯҳияи онҳоро баланд бардошта, аз масъалаи «фирори мағзҳо» эмин медорад. Бояд зикр намуд, ки «фирори мағзҳо» аз Ҷумҳурии Тоҷикистон аксаран аз ҳисоби мутахассисони тиб вуҷуд дорад, ки тақрибан русзабон будаанд. Ҳамкории бештар бо ин гуна занон дар хориҷи кишвар боис мегардад, ки шароити нигаҳдории анъанаву одат ва эътибори забони модарӣ таъмин гардад.

Ҳамин гуна, дуруст аст, ки Кумитаи занон ба вазъи пешрафти амалии ҳаёти иҷтимоӣ ва фаъолияти занон ошно гардида, дар ин раванд бо омода намудани барномаву лоиҳаҳое, ки кору фаъолияти онҳоро мустақиман осон мегардонанд ва барои онҳо вобаста ба қобилияти кориашон ва касби

доштаашон шароит ва заминаи мусоид фароҳам меоварад. Дар раванди мафкуравӣ маълум аст, ки суҳбат гузаронидан бо заноне, ки либосҳои бегона бар тан кардаанд, кори саҳл нест. Солҳое буданд, ки дар ҳақиқат, баъзан бо заноне вомехӯрдем, ки дар онҳо ҳолатҳои на танҳо хурофотӣ, балки фанатикӣ низ вуҷуд доштанд.

Ҳоло ҳам баъзан дар деҳот муҳити иҷтимоӣ хусусиятҳои куҳнапарастии худро вобаста ба мавқеи занон нигоҳ дошта, ба сатҳи умумии фаъолнокии онҳо таъсири бевоситаи худро мерасонад.

Ба назар мерасад, ки дар ҳизбҳои сиёсӣ низ занҳо иштироки фаъол доранд. Акнун, аз як тараф, агар занон чун субъекти фаъолияти сиёсӣ, ки дар худ қобилияти бевосита таъсир расонидан ба қарорҳои қабулшудаи давлатӣ дошта бошад, аз тарафи дигар, ӯ чун объекти сиёсат вобаста ба иродаи мардум, яъне интихобкунандагон ҷойгоҳашон дар сиёсат муайян мегардад. Арзёбии иштироки занонро дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ба чунин нишондодҳо метавон тақсимбандӣ намуд: мутаносибии занон ва мардон дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, мутаносибии занон ва мардон дар мақомотҳои роҳбарикунандаи ҳизбҳои сиёсӣ, дастрасии масъалаҳои гендерӣ дар барномаҳои пешазинтихоботии ҳизбҳои сиёсӣ ва ғайра.

Маълум аст, ки дар тӯли тайнамудаи форматсияҳои ҷамъиятӣ вобаста ба он ки занҳоро мардҳо зери тасарруфияташон нигоҳ медоштанд, батадриҷ ҷисман тавонотар гардидаанд. Мавридҳое буд, ки онҳо барои ҳуқуқи худ мубориза мебурданд. “Дар Мисри Қадим “таърих 7 номи занҳои қудратманди онвақтаро дар ёд дорад: Мернейт, Хенткаус (I), Нитокрис, Себекнеферу, Хатшепсут, Таусерт ва Клеопатра (VII).”[2.]

Занони қудратманди тоҷику форс инҳо мебошанд: Турондӯхт, Гурдофарид, Мандана, Озармидӯхт, Отусо, Ютоб, Ортимус, Кассандан, Фаррухрӯйи Порсо, Ортодӯхт.[3.] ва ғайра, ки ба зиракӣ, донишмандию мардумсолор буданашон таърих гувоҳ аст.

Ба кор бурдани сиёсати гендерӣ ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятӣ ва биологию иҷтимоӣ мубрамияти худро аз даст надода, мафҳуми ҷинс ё гендер аз назари фалсафӣ, сиёсӣ, биологӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ тавсиф гардида, дар заминаи дастовардҳои илм дақиқтар мегардад.

Таҳлили равандҳои гендерӣ нишон медиҳад, ки заминаи фарҳангӣ дар шакли меъёру анъана ва суннатҳои ташаккулёфта, ки аз насл ба насл мегузаранд, борҳо рӯбарӯ шуда, онҳоро чун чаҳорчӯбаи рафтор ба худ қабул менамояд.

Дар муайян намудани мавқеи иҷтимоии зан ҳамчун нигаҳдорандаи манзил душвории бевосита мавҷуд аст, ки зеро муҳити иҷтимоие, ки дар оила ва барои рушду камолоти шахсият муайян мешавад, маълум аст, шароит барои мусоидат маҳдудтар мегардад.

Таҳлили хусусиятҳои таҳқиқотии масъалаи иҷтимоикунонии занон дар кишварҳо нишон медиҳад, ки дар ин самт мушкилиҳо ҷой доранд: аз ҷумла: зӯроварӣ ва табъизи гендерӣ дар заминаи таъсири омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ, таърихӣ ва иқтисодӣ; мавҷудияти қолабҳои анъанавӣ ҳамчун шакли тафаккур, ақида, ҷаҳонбинӣ ва ғояи таассубӣ ва ё хуруфот; ҷой додани иштироки бомуваффақияти занон дар раванди идоракунии ҳокимият ва қабули қарор дар иқтисод, иҷтимоиёт ва дигар соҳаҳо ва ғайра.

Баррасии ҷанбаҳои сиёсию ҳуқуқии масъалаи занон дар кишварҳо маълум менамояд, ки зӯроварӣ ва ё табъизи гендерӣ дар шаклҳои гуногун ҷой дошта, зӯроварии иқтисодӣ, психологӣ, шаҳвонӣ ва монанди инро дар бар мегирад, ки он мушкилот ба омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва надонистани ҳуқуқҳои худ вобастагӣ дорад. Бояд қайд кард, ки дар баъзе кишварҳои ҷаҳон мушкилоти эътирофи баробарҳуқуқии мардону занон дар доираи хонавода маҳдуд нашуда, баръакс, он ба ҷомеа паҳн мегардад.

Баҳри беҳтар намудани вазъи гендерӣ баробарҳуқуқии мардону занонро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ кафолат медиҳад, ки раванди амалишавии онҳо ба пешрафти иҷтимоии занон, устуворшавии мавқеъ ва мақоми онҳо дар ҷомеа мусоидат менамояд. Таҳлилҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҳкими мавқеи занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳама самтҳо ва сатҳҳои роҳбарикунандаи давлатию ҷамъиятӣ ҷавҳари сиёсати иҷтимоикунониро ташкил дода, баҳри самаранок татбиқ гардидани мақсадҳои давлат дар ин самт мусоидат мекунанд.

Зимни мушоҳидаҳо муайян гардид, ки якчанд соҳаҳое вуҷуд доранд, ки ба андешаи мо барои муайян намудани нақши фаъолияти муҳимтар ва беҳтари зан дар даврaҳои мушкили охир дар сохторҳои гуногун назаррас гардид.

Дар айни замон маорифро шакли олии ташаккули маърифати зеҳнии занон донистан бамаврид аст. Маълум аст, ки саҳми занон дар рушду тараққиёти соҳаҳои гуногуни сохторҳои ҷамъиятӣ назаррас аст. Дар мақомотҳои давлатӣ кор намудани занон аз маънои тафаккури баланд доштани онҳо дарак медиҳад. Аммо муайян гардид, ки руҷӯи занон ба соҳаи маориф бештар аст, ки дар навбати худ манбаи асосии тайёр намудани кадрҳои дар боло номбаркардашуда ба шумор мераванд. Яъне барои занони дар соҳаи маориф фаъолиятдошта, ки дар соли 2020 –70 дарсад ва аллакай дар соли 2021 –73 дарсадро ташкил медоданд ва ба таълиму тарбияи фарзандони мардуми Ватан масъуланд, кам нестанд. Аз ин рӯ, соҳаи маориф дар тақвият бахшидани неруи кории занон, барои тачрибаи корӣ гирифтан ва ҳамин гуна, муҳим аз ҳама, ба ҷойи корӣ таъмин намудани занони заҳматкаш, махсусан занони танҳо, бағоят калон аст.

Фаъолияти занон дар соҳаи тандурустӣ низ назаррас аст. Бояд зикр намуд, ки аз соли 2019 дар асоси паёмади нохуши пандемияи COVID-19 хатари ба ге-

нофонди (зоти) инсоният таъсир расонидани он кори табибиро хавфнок гардонид. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2020 дар соҳаи тандурустӣ занҳо аксаран, яъне –68 дарсади қувваи кориро ташкил медиҳанд. Онҳо чун табиби мушфиқу ғамхор аз аввали омадани ин вабои аср бомуваффақона ба он истодагарӣ намуданд. Махсусан, занон–ҳамшираҳои шафқат бо вуҷуди мушкилоти бехатарӣ даст аз вазифаҳои худ накашиданд. Санои таърихӣ бар чунин занон–қаҳрамонони миллат арзанда аст.

Омилҳои динӣ хосатан, мавқеи занонро аз диди офариниш баҳо дода, мавқеи онҳоро дар муносибат бо мардон абадӣ, тағйирнопазир ва муайяншуда ҳисоб мекунад.

«Мо бояд як нуктаи муҳимро ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки зан–модар мавҷуди муқаддас мебошад ва ҳамаи сиёсатмадорону донишмандон ва бузургони олам, аз ҷумла Пайғамбари ислом аз домани поки модар ба дунё омадаанд ва бо шири ҷонбахши ӯ бузург шудаанд.»[1.]

Аслан рамзҳои ҷаҳониро занҳо дар ҷаҳон пос медоранд. Ба гуфтаи машҳур бо як даст гаҳвора ва бо дасти дигар ҷаҳонро меҷумбонад, дар сари гаҳвора бо нақлу ривоятҳо аввалин шиносоиро ба олами воқеӣ ба фарзанд меомӯзанд.

Аз даврaҳои қадим сар карда, аз рӯйи ҷаҳонбинии дини бисёрхудоӣ (мифология) ҳам гӯиё баъзе аз худоҳо ҷинсияти зан доштанд, ба монанди Паллада (Pallada)–олиҳаи ҳикмат (муҷизаофар), Деметра (Demeter)–олиҳаи кишоварзӣ ва ҳосил, Гайя (Gaia)–олиҳаи табиат ва ё олиҳаи замин, Шакти (Shakti)–олиҳаи неру, Юнона (Juno)–олиҳаи издивоҷу модар ва ғайра.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои соли 2022 омадааст: «Воқеан, мақоми зан–модар дар ислом бисёр баланд мебошад ва беҳуда нест, ки дар Қуръони карим сураи чаҳорум бо номи «Нисо» (занон) нозил шудааст.» [1.]

Аммо дар умум, дар тӯли ҷомеаи таърихӣ зан чун як фарди заиф ва нотавон дониста мешуд ва ба ӯ хислатҳои мутеъ будан ба мардҳо, дур будан аз доираи фаъолияти иҷтимоӣ, ҳассоснокӣ вобаста дониста мешуд. Ҳатто файласуфони бузург, ки олами воқеиро нисбати дигарон возеҳтар медиданд ва баробарии инсонии зан ва мардро қоил буданд, гуфтаҳое доранд, ки дар он барои эътирофи бартарии ҷинсии зан нисбати мардро қоил набуданд. Афлотун, ки худ ба иҷтимоикунонии зан боварӣ дошт ва шогирдаш Аксиотея Флиус (Axiothea of Phlius)-ро таълим дода буд, дар диалогҳои худ менависад: «Хусусиятҳои ягона ва яксони табиӣ дар мавҷудоти зинда дар ҳар ду ҷинс дучор мешавад ва табиатан ҳам зан ва ҳам мард метавонанд дар тамоми корҳо ширкат намоянд, аммо зан аз мард тавонотар нест.»[4.] ва баъди баҳси бардавом ҷойи дигар меоварад: «Ин чунин маъно дорад, ки барои ҳифзи давлат ҳам

марду ҳам зан майлҳои табиӣ доранд, аммо он дар занҳо заифтар ва дар мардон пурзӯртаранд.»[4.]

Аз ин рӯ, бисёр бамаврид мебуд, ки аз нуқтаи назари фалсафӣ моҳияти аслии решаҳои биологӣ ва иҷтимоии ҷинс, ҳувият ва худшиносии он дар давраи муосир ба таври васеъ омӯхта шавад. Айни ҳол асосноккунии воқеияти илмӣ бар он аст, ки инсон ҳамчун мавҷудоти ҷамъиятӣ ва биологӣ, новобаста ба тафовутҳои ҷисмонӣ, қонуни ягонаи офариниш дорад, нобаробарӣ танҳо дар доираи қонунҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд.

Ҳудуди гормонии ҷинсият, ки Худованд онро барои марду зан гуногун арзи ҳастӣ кард, камузиёд гардидани он, аслан, бевосита ба заминаи равонӣ ва меҳнати ҷисмонии марду зан вобастагӣ дорад. Ҷинси муқобил, ки вобаста ба идеологияҳое, ки занро бештар замонҳои тӯлонӣ дар зери тасарруфи худ нигоҳ медоштанд ва акнун оҳиста-оҳиста, ба тарзи тадриҷӣ зан ба корҳои вазнини ҷисмонӣ одат кунонида шуд ва ин бавосита ба инкишофи қудрати дохилии занҳо аз ҷиҳати биологӣ-анотомию физиологӣ таъсири худро расонида истодааст.

Сухани ҳикматомези гуфтаи мардум аст, ки бо марди заиф зан тавоно мегардад. Таърих гувоҳи он гардид, ки қудратмандии занҳо дар баробари мардҳо чашмрас гардидааст. Аммо маълум аст, ки зан дар батни худ фарзандро нуҳ моҳ аз хуну рӯҳу ҷонаш тарбия менамояд. Фарзанд баъд аз ба дунё омадан танҳо дар канори модар метавонад ба дурустӣ ба воя расад.

«Бинобар ин, ба ҷо овардани иззату эҳтироми модарону занон ва бонувону духтарон, саъю талош ба хотири ҳалли мушкилоти онҳо ва фароҳам овардани шароит барои илму донишомӯзӣ ва соҳиби касбу ҳунар гардидани духтарон вазифаи ҷонии мо мебошад.»[1.]

Дигар ин ки мушкилоти равонии занҳо дар ҷомеаи муосир авҷи махсус пайдо кардааст. Чунки мувофиқ ба зеҳнияти шарқӣ акнун бо шакли нави иҷтимоикунонӣ ба дӯши зан на танҳо кори хонаводагӣ, тарбияи фарзанд ва эҳтироми хос ба шавҳар, балки дар қатори мардон кору фаъолияте дохил мегардад, ки барои ба даст овардани маблағ ба буҷети хона зам гардидааст. Ба ғайр аз ин, чуноне қайд гардид, зан-модар боз мушкилоти хосаи ҷинсиро дорад, ки ӯро ба дастгирии ҷинси муқобил муҳтоҷ мегардонад. Ин ҳолати мавҷуда ба ҳолати равонии занон бевосита таъсир расонида метавонад. Дигар ин ки баъзе мушкилоти оилавӣ низ вуҷуд дорад, ки ба рӯҳияи зан таъсир мерасонанд: дар муносибат бо мард, дар тарбияи фарзандон, дар муҳаббат, дар занҳои танҳо, дар муносибат ба волидайн, ё хусуру хушдоман ва ғайра.

Худованд занонро аз ҳама махлуқи зеботарин офаридааст. Онҳо бо нозуктабиӣ ва хушахлоқиашон дар олами ҳастӣ эътироф гардидаанд. Аз ин лиҳоз, арзанда аст, шароитҳое фароҳам оварда шавад, ки ин хислатҳое неку ва зебоиашонро аз даст надиҳанд.

Ҳамин тариқ, дар ҷомеаи муосир занон на танҳо ободии хонадонанд, балки ободии ҷомеа низ ҳастанд. Дурнамои таҳкими омили иҷтимоикунонии занон дар сиёсати давлатии кишвар дар риояи усулҳои демократӣ барои таъмини баробарҳуқуқии мардону занон як қатор афзалиятҳо баррасӣ мегардад, аз ҷумла, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои занон новобаста ба мавҷудияти анъана ва қолабҳои фарҳангӣ, шароит фароҳам овардан барои аз байн бурдани нобаробарии иҷтимоӣ, дастрасӣ ба таҳсил ва таҳким бахшидани захираҳои меҳнатӣ, роҳ надодан ба табъиз ва таъмини солимии зан, ба ин восита наслдиҳии солим, решакан намудани ақидаҳои хуруфотӣ ва фанатикӣ дар байни занон, ташаккули тафаккури озоди ҷамъиятӣ вобаста ба мавқеи занону мардон дар ҷомеаву оила мебошад.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». шаҳри Душанбе, 21.12.2021, 13:10. [манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/27417, (санаи мурочиат: 25.02.2022)

2. Древний Египет: Лучше самой стать фараоном. [Электронный ресурс] URL: https://volshebnayakofeinya.blogspot.com/2021/07/drevnij-egipet-luchshe-samoj-stat-faraonom.html?m=1 (дата обращения: 17.02.2022.)

3. [манбаи электронӣ] URL: https://www.aparat.com/v/rjxlc/ (санаи мурочиат: 25.02.2022.)

4. Диалоги Платона. Государство. Книга V. Роль женщин в идеальном государстве. [Электронный ресурс] URL: http://psylib.org.ua/books/plato01/26gos05.htm (дата обращения: 01.03.2022.)

УКРЕПЛЕНИЕ ПОЛОЖЕНИЯ ЖЕНЩИН В СОЦИАЛЬНОЙ ЖИЗНИ

НАЗРИЕВА ОЙНИЁЛ ШАРИФОВНА,
кандидат философских наук, заместитель начальника Управления анализа и прогнозирования внутренней политики Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел: (+992) 37-227-70-61

В данной статье автор исследует положение женщин в Республике Таджикистан в целом с политико-идеологических, нормативно-правовых, социально-гендерных и историко-религиозных сторон. В статье рассмат-

риваются успехи, проблемы и перспективы данного вопроса с научной и исторической точки зрения.

Ключевые слова: *общество, независимость, насилие, общественая жизнь, гендер, образование, медицина, равенство, влиятельные женщины, позиция женщин.*

STRENGTHENING OF THE WOMEN'S POSITION IN SOCIAL LIFE

NAZRIEVA OYNIYOL SHARIFOVNA
candidate of philosophical sciences, Deputy head of the Department of domestic policy analysis and forecasting, Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe, Ave., Rudaki 89;
tel: (+992) 37-227-70-61

In the article, the author examines the place of women in the Republic of Tajikistan as a whole from the political, ideological, legal, social, gender, historical and religious aspects. The article discusses the successes, problems and prospects of these issues from a scientific and historical point of views.

Keywords: *society, independence, violence, powerful women, gender, education, medicine, equality, sociol life, position of women.*

УДК: 373(575.3)

ТАҲСИЛОТИ ИНКЛЮЗИВӢ ВА АМАЛӢ НАМУДАНИ ОН ДАР ҶАРАЁНИ КОРИ МАРКАЗҲОИ РУШДИ БАРВАҚТИИ КӮДАКОНИ СИННИ ТО МАКТАБӢ

АҲМАДБЕКОВА АЪЛОБОНУ ДОВУТШОЕВНА,
номзади илмҳои педагогӣ, ходими илмии Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33;
тел: + 992 93 930-10-17; e-mail: ahlobonu@mail.ru

Дар мақола нақши таҳсилоти инклюзивӣ (фарогир) барои тавсифи раванди таълими кӯдакони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баррасӣ шуда, барои муҳайё намудани шароити мусоид ҷиҳати гирифтани таҳсилот барои онҳо новобаста аз ҷинс, забон, миллат, эътиқоди динӣ, иллати ҷисмонӣ ё равонӣ, қобилият, вазъи фарҳангӣ ва иҷтимоӣ нишон дода шудаст. Ҳамзамон, дар мақола қайд гардидааст, ки таҳсилоти якҷоя бо ҳамсолони солим ба кӯдакони имконияташон маҳдуд ва дорои талаботи махсуси таҳсилот имконият медиҳад, ки бо ҳамсолони солими худ дар якҷоягӣ тарбия гиранд, таҷрибаи иҷтимоиро аз худ намоянд, монеаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодиро бартараф намуда, аз заминаҳои инкишофи равонию ҷисмонии худ истифода баранд, ба қувваю имкониятҳои худ боварӣ ҳосил намоянд, барои кор кардан ва зиндагии сазовор омода гарданд ва дар ҷомеа мавқеи худро чун шаҳрванди баробарҳуқуқи ҷомеа ишғол намоянд. Аз ин лиҳоз, мураббиёнро бояд тайёр кард, ки чи тавр кӯдакони бо маҳдудиятҳои биноӣ, шунавоӣ, нутқӣ, ҷисмонӣ ва кӯдакҳои бо маҳдудиятҳои ақлонӣ дар муҳити барвақтӣ таълим дода мешаванд, чи тавр барои кӯдакони чунин маҳдудиятҳо дошта муҳити омӯзишӣ ташил карда мешавад, кадом стратегияҳои таълимӣ ва омӯзишӣ мавҷуданд, ки ба хонандагон ёрӣ медиҳанд, то ки барномаи омӯзиширо аз худ намоянд ва маҳоратҳои асосиро соҳиб мешаванд.

Аз ҷумла, таҳти таҳсилоти инклюзивӣ (фарогир) на танҳо имконияти баробар барои ҳама, инчунин стратегия ва чорабиниҳои кафолатноки таҳсили ҳамаи хонандагон дар назар дошта мешавад. Барномаи давлатии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 зарурияти татбиқи принсипҳои таҳсилоти фарогир дар таҳсилоти ибтидоӣ ва коркарди методика ва барномаи мувофиқро дар назар дорад.

Ҳамчунин муаллиф тарзи муносибат ба таълиму тарбия ва фаро гирифтани кӯдакони имконияташон маҳдуд ва дорои талаботи махсус дошта ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо кӯдакони солим намунаҳои мушаххас пешниҳод намудааст. Ҳамзамон то имрӯз маълумоти омории махсус оид ба теъдоди бачагони маъюб вобаста ба нуқсониҳои ҷисмонӣ, равонӣ, бозмонии инкишофи рӯҳӣ ва намуди бемориҳои марбут ба имкониятҳои маҳдуд мунтазам пешкаш карда намешавад. Зарур аст, ки барномаҳои махсуси таълимӣ барои кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд таҳия шуда, дар баробари он табобат гиранд. Аз рафти дигар ҷамъ кардан ва таълим додани кӯдакон дар муасссиаҳои махсус боиси ҷудо намудани кӯдакон ва ҷомеа мегардад.

Калидожаҳо: *таҳсилоти инклюзивӣ, кӯдакони имконияташон маҳдуд, таҳсилоти якҷоя, кӯдакони солим, монеаҳои иҷтимоӣ, Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак.*

Таҳсилоти инклюзивӣ ё фарогир мафҳумест, ки барои тавсифи раванди таълими кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсус барои таълим, таҳсилот, маълумотгирӣ ва соҳиби касбу ҳунар гардиданро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар бар мегирад. Асоси таҳсилоти инклюзивиро мафкураи муҳайё намудани шароити мусоид ҷиҳати гирифтани таҳсилот барои кӯдакон новобаста аз ҷинс, забон, миллат, эътиқоди динӣ, иллати ҷимонӣ ё равонӣ, қобилият, вазъи фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дар бар мегирад. Таҷрибаҳо собит месозанд, ки ҳатто дар беҳтарин системаҳои маориф қисме аз кӯдакон ба таҳсил фаро гирифта намешаванд, зеро система ба қонеъ кардани талаботи инфиродии чунин кӯдакон ба таҳсил омода нест. Ин тақрибан 15%–и умумии кӯдаконро дар бар мегирад, ки аз системаи таҳсилот берун мемонанд.

Таҳсилоти якҷоя бо ҳамсолони солим ба кӯдакони имконияташон маҳдуд ва дорои талаботи махсуси таҳсилот имконият медиҳад, ки бо ҳамсолони солими худ дар якҷоягӣ тарбия гиранд, таҷрибаи иҷтимоиро аз худ намоянд, монеаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодиро дар якҷоягӣ бартараф намуда, аз заминаҳои инкишофи равонию ҷисмонии худ истифода баранд, ба қувваю имкониятҳои худ боварӣ ҳосил намоянд, барои кор кардан ва зиндагии сазовор омода гарданд ва дар ҷомеа мавқеи худро чун шаҳрванди баробарҳуқуқи ҷомеа ишғол намоянд.Таҳсилоти фарогир кӯшиш мекунад методологияеро ташакул диҳад, ки ба таълими фардиятҳои ба талаботи гуногун ниёздошта равона шуда бошад ва таълиму тарбияеро барои қобили қабул ва чандири қонеъ гардонидани талаботи гуногун ба омӯзиш коркард кунад. Агар таълиму тарбияи таҳсилоти фарогир амалӣ

намуда самаранок гардад, аз он ҳамаи кӯдакон (на танҳо кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсусдошта) баҳра мегиранд.

Мусаллам аст, ки меъёри ҳуқуқии масъалаи мазкур қабл аз ҳама аз ҳуҷҷатҳои байналмиллалии «Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак» (1989), «Созишнома оид ба ҳуқуқи маъюбон» ва дигир санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бармеояд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон майлу хоҳиши худро ба ҷонибдории таълими инклюзивӣ дар Стратегияи миллии рушди соҳаи маориф дар солҳои 2006-2015 (ВМ, 2005) қисман иброз дошт. Тоҷикистон ҷамъи шаш созишномаро дар бораи ҳуқуқҳои инсон, ки бевосита ба сиёсат нисбати кӯдакони имконияташон маҳдуд дахл доранд, ба тавсиб расонидааст.

Ҳуқуқҳои кӯдак ба таҳсил ва маълумотгирӣ, аз он ҷумла кӯдакони имконияташон маҳдуд ва дорои талаботи махсус чун шаҳрванди кишвар дар моддаи 41Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1], моддаи 22, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [2], Кодекси оила, моддаи 18, Қонун дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон ва қонунҳои дигар кафолат дода мешаванд. Қонун, ташкил намудани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, мактаб–интернатҳо ва синфҳои махсусро пешбинӣ менамояд, ки дар онҳо хизмати тиббии дахлдор дастрас мебошанд. Кӯдаконе, ки гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ мебошанд, бо ризоияти падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) метавонанд якҷоя бо кӯдакони солим дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил намоянд, ё барои онҳо машғулиятҳои инфиродӣ ташкил карда мешавад[3№309]. Тоҷикистон, инчунин, қоидаҳои стандартии Созмони Милали Муттаҳид (СММ) дар бораи баробар кардани имкониятҳо ва изҳороти Саламон (Испания аз 7 то 10–уми июни соли 1994) дар бораи принсипҳо, чораҳои сиёсӣ ва миллии таҳсилот барои кӯдакони имкониятҳои махсусдошта ва декларатсияи «Ҷаҳорчӯбаи амалиёт оид ба таҳсилоти шахсони имконияти маҳдуд дошта»-ро (UNESCO, 1994) қабул намудааст.

Дар ин росто бояд зикр кард, ки тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи миллию байналмилалӣ ҳамеша аҳли ҷомеаро бар он далолат менамояд, ки аз ҷомеа ва давлат беҳбуди таҳсилоти кӯдакони имконияташон маҳдуд ва ҷорӣ намудани сиёсати таҳсилоти фарогирро тақозо намоянд ва ҳамчунин ҳар як узви ҷомеа барои татбиқи ин ҳадафҳо талош варзад. Аз ин лиҳоз таҳти таҳсилоти инклюзивӣ ва ё худ фарогир на танҳо имконияти баробар барои ҳама, инчунин, стратегия ва чораҳои кафолатноки таҳсили ҳамаи хонандагон дар назар дошта мешавад. Барномаи давлатии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 зарурияти татбиқи принсипҳои таҳсилоти фарогир дар таҳсилоти ибтидоӣ ва коркарди методика ва барномаи мувофиқро дар назар дорад. Ба замми

ин, дар ҷумҳурӣ механизми амалӣ намудани қонунҳои кафолатдиҳандаи ҳуқуқи кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуди саломатӣ дошта барои дастрасии хизматрасонии босифат, дастгирии махсус (ташхиси барвақтӣ, кумаки тиббӣ, равонӣ, педагогӣ ва мутобиқгардонии иҷтимоӣ) дар зинаи таҳсилоти томактабӣ ва мактабӣ пурра коркард нашудаанд. Дар мамлакат барномаи реабилитатсияи кӯдакони дорои ташхисҳои гуногун таҳия нашудааст.

Бо сабаби набудани шароит, вазъи иқтисодӣ, нарасидани мутахассисон, барномаҳои махсуси таълимӣ, китобҳои дарсӣ, маводҳои таълимию методӣ, таҷҳизоти махсус (мизу курсиҳо ва ғайра) на ҳамаи кӯдакони имконияташон маҳдуд ва дорои талаботи махсуси таълимӣ ба муассисаҳои таҳсилоти махсуси томактабӣ, мактабҳои махсус, синфҳои махсуси фарогир (инклюзивӣ) фаро гирифта мешаванд.

Ҳамчунин, то имрӯз маълумоти омории махсус оид ба теъдоди бачагони маъюб вобаста ба нуқсонҳои ҷисмонӣ, равонӣ, бозмонии инкишофи рӯҳӣ ва намуди бемориҳои марбут ба имкониятҳои маҳдуд мунтазам таҳия ва дастраси ҳамагон карда намешавад. Зарур аст, ки барномаҳои махсуси таълимӣ барои кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд таҳия шуда, дар баробари он табобат гиранд. Аз рафти дигар ҷамъ кардан ва таълим додани кӯдакон дар муасссиаҳои махсус боиси ҷудо намудани кӯдакон ва ҷомеа ва маъмулан ҷудо кардани кӯдакон аз муҳити созгори иҷтимоӣ ба шумор меравад.

Барои ривоҷ додани таҳсилоти инклюзивӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ бояд андеша, фикр, муҳокимаронӣ ва хуруфотпарастии мардумро нисбати маъюбон чун ҳодисаи нангин, мушкилоти зиёдатӣ барои оилаву ҷомеа, шахсони нодаркор ва ғайраҳоро то андозае бартараф кардан зарур аст, то ки сатҳи маърифатии ҳуқуқии онҳо нисбати ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худ баланд гардад. Барои амалӣ гардонидани таҳсилоти инклюзивӣ ташвиқоту тарғиб аз тарафи омӯзгорон, мутахассисон, роҳбарони муассисаҳои таҳсилотӣ, мададу дастгирии волидон, ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ зарур аст. Мушкилотҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ба он водор мекунанд, ки барои таҳсили кӯдакони имконияташон маҳдуд ва дорои талаботҳои махсуси таълимгирӣ дар баробари кӯдакони солим дар муассисаҳои таҳсилотӣ шароити мувофиқ барои таҳсил карда шавад. Бо назардошти дар ҷомеа худро нороҳат ҳис накардани кӯдакони қобилияташон маҳдуд онҳоро бо кӯдакони солим дар якҷо тарбият кардан дуруст аст.

Принсипҳои асосии таълими инклюзивӣ

- Кӯдак дар мактаб ва кӯдакистони маҳаллӣ, яъне муассисаи назди хона таълим мегирад;
- Ҳар як кӯдаки қобилияташон маҳдуд дар мактаб ва кӯдакистон барои ҷойи нишаст ҳуқуқ дорад;
- Чунин усул на танҳо дастгирӣ барои кӯдакони қобилияташон маҳдуд, вале фаъолиятнокии ҳамаи кӯдакони синфхонаро муайян мекунад;
- Чунин кӯдакон дар ҳама намуди чорабиниҳо иштирок мекунад;
- Таълими инфиродии кӯдакон бо ёрии омӯзгор, волидайн ва шахсони дигаре, ки ба ёрӣ расонидан омода ҳастанд;
- Таълими инклюзивӣ дар асоси принсипҳои қонунӣ ва бартараф намудани маҳдудияти ҳуқуқи кӯдакони қобилияташон маҳдуд, зеро онҳо ҳуқуқи баробари шаҳрвандӣ доранд.

Хусусан, волидони кӯдакони имконияташон маҳдуд кӯшиш кардаанд, ки кӯдаконашон дар ҷомеа ҳамроҳи кӯдакони солим зиндагӣ ва фаъолият баранд. Пеш аз ҳама, ин ба он вобаста дорад, ки бояд як нақшаи ислоҳотӣ оид ба ҷонноккунии таълими махсус ба методи каибеҳтарин барои кӯдаконе, ки инкишофи нуқси мутобиқшавӣ дар ҷомеа доранд. Зеро чунин кӯдакон дар байни кӯдакони комилан солим тезтар ва беҳтар, ҳам дар кӯдакистону мактаб ва ҳам дар донишкадаҳою корхонаҳо мутобиқ мешаванд. Ҳамчунин, онҳо худро аз ҷомеа дур ва алоҳида ҳис намекунанд, нисбат ба он ки онҳо дар мактабҳои махсус таҳсил намоянд[12].

Омӯзиш дар муассисаҳои инклюзивӣ имконият медиҳад, ки кӯдакон оид ба ҳуқуқи инсон (гарчанде онро махсус ҳам наомӯзанд) дониши ҷуқуртар гирифта, бо ин восита пеши роҳи дискриминатсия гирифта шавад. Чунки дар рафти чунин омӯзиш кӯдакон бо ҳамдигар муошират намуда, фарқияти байни ҳамдигарро дарк мекунанд.

Такмили ихтисоси омӯзгорони таҳсилоти инклюзивӣ бо ривоҷёфтани таҳсилоти фарогир ҳамчунин иноватсияи педагогӣ ба шумор меравад. Ин амал ба таҳияи стандартҳои аниқ ниёз дорад, то ки омӯзгорон роҳҳои самтмуайянкунандаро барои фаъолияти педагогӣ, ҷустуҷӯйи эҷодӣ дар ин самт, интихоби қарорҳои алтернативӣ дар вазъиятҳои гуногун ва системаи алоқамандиҳои байниҳамдигарӣ амал карда тавонанд. Вале ба ҳамагон маълум аст, ки зиёдтари омӯзгорон ба амалӣ намудани таълиму тарбияи кӯдакони имконияташон маҳдуд маълумоти кофӣ надоранд ва дар ягон муассисаи таълимии олӣ ва касбӣ-педагогӣ он таълим дода нашудааст.

Агар сухан дар бораи зарурияти амалӣ намудани он дар марказҳои рушди барвақтии кӯдакони синни томактабӣ равад, масъала дучанд мушкил ба назар мерасад, зеро аксарияти мураббиёни ин муассисаҳо маълумоти тахас-

сусии кор бо кӯдакони синни томактабиро надоранд. Зарур мешуморем, ки дар курсу семинарҳое, ки ба ин гурӯҳи кормандони маориф дар баробари таълиму тадриси нозукиҳои таъсис ва раванди пешбурди кор дар ин марказҳо ташкили кор дар маълумот дар бораи синфхонаи таҳсилоти фарогир, ба эҳтиёҷоти ба кӯдакони имконияташон маҳдуд гурӯҳҳои фарогир аз мадди назар дур наистад. Чунин пешниҳод мекунем, ки пеш аз ҳама, чӣ тавр ҷавоб додани онро мавриди баҳс қарор додан даркор аст. Мавзуъҳоеро ба нақша гирифтан даркор аст, ки барои дастгирӣ ва осонии кори омӯзгорон пешбинӣ мешаванд, то ки онҳо мафҳумҳо, ақидаҳои омӯзишӣ, дурнамои назариявӣ ва татбиқи таҷрибавии таълимоти фарогирро дар муҳити инкишофи барвақтӣ дарк намоянд.

Ба омӯзгорон бо тавзеҳу шарҳи мухтасари мафҳумҳои муносиби маъюбият, фарогирӣ ва фарогирии кӯдакони синни томактабӣ шинос намудан лозим аст. Доир ба намудҳои гуногуни мъюбӣ маълумот пешкаш намудан ҷоиз аст. Илова ба ин, ба омӯзгорон омилҳою сабабҳои ба ягон иллат гирифтор шудани кӯдакон нишон дода шаванд, то ки онҳо асосҳои илмии ягон иллат ва намудҳои маъюбиро фаҳманд. Инъикосҳои муносиб барои принсипҳои инкишофи кӯдакони синни томактабӣ ва истифодаи онҳо бо кӯдакони иллатнок ва бо ақидаҳои фарогирии онҳо бо талаботи муосир дида баромада шаванд.

Мураббиёнро бояд бар он омода кард, ки чӣ тавр кӯдакони бо маҳдудиятҳои биноӣ, шунавоӣ, нутқӣ, ҷисмонӣ ва кӯдакҳои бо маҳдудиятҳои ақлонӣ дар муҳити барвақтӣ таълим дода мешаванд, чӣ тавр барои кӯдакони дорои чунин маҳдудиятҳо муҳити омӯзишӣ ташкил карда мешавад, кадом стратегияҳои таълимӣ ва омӯзишӣ мавҷуданд, ки ба хонандагон ёрӣ медиҳанд, то ки барномаи омӯзиширо ба таври самаранок аз худ намоянд ва маҳоратҳои асосиро соҳиб мешаванд[11]. Ҳамчунин, чӣ тавр стратегияҳоро барои дастгирии ҳамаҷониба ва корҳои гурӯҳӣ тарғиб намоянд, то ки кӯдакони иллатнок низ бо гурӯҳи ҳамсолони худ кор ва бозӣ кунанд. Дар курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ мураббиёнро таълим додан лозим аст, ки чӣ гуна мувофиқи эҳтиёҷоти хонандагони хурдсол ва аз рӯйи пешниҳодҳои зикршуда фаъолияти стратегӣ ва ҳаррӯзаи худро нақшабандӣ кунад. Татбиқи навгонӣ дар аксари муассисаҳо, ки таҷрибаи ҷорӣ намудани тағйиротро надоранд ва боиси норозигии кормандон ба қабули навоварӣ мегарданд. Одатан одамон, ки ба қоида ва рафторҳои доимӣ одат кардаанд, нисбати чунин тағйирот метавонанд муқобилият нишон диҳанд.

Дар илми идоракунӣ ин бо номи «муқовимати тағйирот» ном дошта, кайҳост, ки ин масъала мавриди таҳқиқот қарор дорад. Барои бомуваффақият татбиқ намудани таҳсилоти фарогир, яъне таҳсилоти инклюзивӣ дар омӯзгорон ҳавасмандӣ ва малакаҳову қобилияти паси сар намудани вазъи «муқовимати тағйирот»-ро инкишоф дода, салоҳиятҳои навро барои татбиқи

таҳсилоти инклюзивӣ ва амалӣ намудани ин мақсад шаклҳои гуногуни таҳсилотро ташаккул диҳем ва пайваста онро рушд бахшем.

А.Н. Граборов дар бораи зарурати таъсиси мактаби махсус барои кӯдакони ақлан сустинкишофёфта чунин ақидаро пешниҳод менамояд. Системаи тарбияи кӯдаки аз ҷиҳати ақл ақибмонда, бояд боғчаю яслӣ, мактаб ва омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникиро дар байни одамони солим дарбар гирад. Ӯқайд менамояд: «Ҳамаи он кӯдаконе, ки пеш аз ҳама, албатта, хондан ва навиштанро ёд гирифта метавонанд ва дар оянда маълумоти гирифташударо дар ҳаёт татбиқкарда метавонанд, вале барои онҳо суръати кори мӯътадил, мактаб тоқатфарсо мегардад ва талаботҳое, ки дар он ҷо пешниҳод карда мешавад, маҳдуд будани истеъдодҳо, амалан ғайриимкон аст. Граборов дар тарбияи кӯдакони аз ҷиҳати ақли ақибмонда инкишофи умумии равониро чизи асосӣ медонист. Вай дар таълими одамони ақлан суст инкишофёфта ба принсипи фаъолият асоси инкишоф аҳамияти калон дод. Аз ҷумла, ӯ аҳамияти калидиро ба бозӣ ва фаъолиятҳои корӣ рабт дод ва зарур донист, ки барои кӯдакони аз ҷиҳати ақл суст системаи корҳои ислоҳӣ ва тарбиявӣ таъсис дода шавад[8].

Омӯзгороне, ки барномаи таҳсилоти фарогирро амалӣ мекунанд, на танҳо барномаи таълимиро самарнок истифода мебаранд, ҳамчунин онҳо хуб медонанд, ки чӣ гуна кӯдакони синни томактабӣ меомӯзанд ва инкишоф меёбанд. Онҳо мефаҳманд, ки ҳамаи соҳаҳои инкишоф аҳамияти калон дорад ва кӯдакон аз пайваста омӯхтан инкишоф ёфта, суръати ташаккулёбии фарди онҳо мустаҳкам мегардад. Омӯзгорон аҳамияти муҳими пайдарпай рушд ва тағрибаро дарк мекунанд.

Яке аз хусусиятҳои асосии дигаргуниҳои давомдор мавқеи падару модарон аст. Тафаккури мустақилонаи волидон таълимии кӯдакони имконияташ маҳдуд ва дорои хусусияти махсусро муайян мекунад. Талаботи таълим мавқеи ҳамкории падару модарон бо мактаб ва масъулияти онҳо барои ноил шудан ба натиҷаҳои таълим хеле нақши асосӣ мебошад. Зарур аст, ки волидон алоқаи мустаҳкам ва зич бо мактаб дошта бошанд, аммо на ҳама вақт ин масъулият мушоҳида карда мешавад. Дар ҷараёни инкишофёбии таҳсилоти инклюзивӣ волидон барои мустақилона фаъолият намудани кӯдакон нақши муҳимро иҷро мекунанд. Қобилияти ташкили муколамаи пурсамар бо волидон, ҷалби онҳо ба иштирок ва ҳамкорӣ, ба муҳокимаи якҷояи талаботи таълими кӯдак вазифаи муҳимми аҳли мактаб мебошад. Гурӯҳҳои якҷояи барвақтӣ бояд дар системаи томактабӣ мавқеи мантиқии худро пайдо кунанд. [5].Системаи таҳсилоти томактабӣ барои татбиқи рушди таҳсилоти фарогир бештар мувофиқ аст, зеро:

• дар бештари кӯдакистонҳо муҳити инкишофёбӣ хеле хуб ба роҳ монда шудааст;

• тафовут дар инкишофи маърифатии кӯдакони синни томактабӣ бо инкишофи меъёрӣ ва ғайримуқаррарии рушд муҳим аст;

• равишҳои бозӣ дар таълиму тарбия ба рушди кӯдакони дорои қобилиятҳои гуногуни мусоидат мекунанд;

• кӯдакони синни томактабӣ бомуваффақият муносибати таҳаммулпазирро нисбат ба кӯдакони дорои нуқсони инкишофи калонсолон (мураббиён ва волидон) нусхабардорӣ мекунанд;

• гузаронидани чорабиниҳои зиёди фароғатӣ ба кӯдакони қобилиятҳои гуногун дошта ва оилаҳои онҳо имкон медиҳад, ки чӣ тавр бо онҳо муошират кардан лозим аст.

Бо ҳамин тартиб, масъалаи густаришу рушд бахшидани раванди таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди тамоми кишварҳои дигари пешрафтаи олам аз масъалаҳои мубрами рӯз ба шумор рафта, дар ин росто дастовардҳои назаррас мавҷуд аст, ки дар баробари ин самтҳои муайянеро боз ҷомеа, мактаб, мутахассисон ва ҳайати омӯзгорону волидайн бояд тақвият бахшанд ва корҳои дигари назаррасро бояд анҷом диҳанд.

АДАБИЁТ

1. Конституция Республики Таджикистан, ст. 41.

2. Закон Республики Таджикистан «Об образовании», ст. 17.

3. Национальный план действий по защите прав и интересов ребенка на 2003-2010 годы, утвержден Постановлением Правительства РТ от 4 июля 2003 года, № 309.

4. Положение об общеобразовательной школе Республики Таджикистан, п.12.

5. Архипова Е.Ф. Коррекционная и инклюзивная практика в ДОО в программе “От рождения до школы” / Современое дошкольного образование. 2016 № 1. –с.56 -61.

6. Асмолов А.Г. Культурно-историческая психология и конструирование миров. – М. – Воронеж. – 1996. -768 с.

7. Выготский Л.С. Психология. М.: Апрель Пресс ЭКСМО-Пресс. 2000. – 1004 с.

8. Граборов А.Н. Очерки по олигофренопедагогике. М., 1961. – 341с.

9. Граборов А.Н., Кузьмина Н.Ф. Новик Ф.М. Олигофренопедагогика. М., 1941. –

157 с.

10. Дубровина И.В. Психическое развитие воспитанников детского дома. - М.,

Просвещение, 1990. - 183 с.

11. Ермаков В. П., Якунин Г.А. Развитие, обучение и воспитание детей с нарушением зрения. - М.: Просвещение, 1990. - 223 с.

12. Если ваш ребенок не такой как другие. Книга для родителей детей с ограниченными возможностями здоровья. Под ред. О.И. Волжиной. - М.: «НИИ семьи», 1997. - 284 с.

13. Запорожец А.В. Развитие произвольных движений у детей дошкольного возраста. АПН РСФСР. 1960. – 340 с.

14. Коноваленко Н.А. Предупреждение отклонений в развитии личности ребенка при психолого-педагогическом сопровождении. - Москва, 2000. - 68 с.

ИНКЛЮЗИВНОЕ ОБРАЗОВАНИЕ И РЕАЛИЗАЦИЯ ЕГО ОСНОВ В ПРОЦЕССРАБОТЫ ЦЕНТРОВ РАЗВИТИЯ ДЕТЕЙ ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА

АХМАДБЕКОВА АЪЛОБОНУ ДОВУТШОЕВНА,
кандидат педагогических наук, научный сотрудник
Научно-исследовательского Института государственного управления и государственной службы Академии государственного управления при Президенте республики Таджикистан
734003, Таджикистан, г. Душанбе, ул., Саид Носир 33;
тел: (+ 992) 93 930-10-17; e-mail: ahlobonu@mail.ru

В статье рассматривается роль инклюзивного образования в процессе обучения детей с ограниченными возможностями в общеобразовательных учреждениях, а также вопросы создания благоприятных условий для их обучения независимо от пола, языка, национальности, вероисповедания, физических или умственных недостатков. В то же время в статье отмечается, что совместное обучение в обычном классе с другими учениками позволяет детям с ограниченными возможностями и особыми образовательными потребностями обучаться вместе и приобретать социальные навыки, преодолевать определенные психологические, социальные, культурные и экономические барьеры. При этом все это помогает детям с ограниченными возможностями использовать основы своего умственного и физического развития, чтобы быть уверенными в своих силах и

потенциале, быть готовыми работать и жить достойной жизнью и занять свое место в обществе в качестве равноправных граждан.

Педагоги должны знать и быть готовыми к тому, что дети с нарушениями зрения, слуха, речи, физических и умственных способностей обучаются в ранней среде, где создаются условия обучения для детей с такими нарушениями и какие существуют стратегии преподавания и обучения, которые помогают учащимся освоить учебную программу и приобрести базовые навыки.

В статье также отмечается, что инклюзивное образование включает в себя не только равные возможности для всех, но также стратегии и меры, обеспечивающие образование для всех учащихся. Государственная программа развития образования Республики Таджикистан до 2020 года предусматривает необходимость внедрения принципов инклюзивного образования в начальном образовании и пра разработке соответствующих методов и программ. Вместе с тем, на сегодняшний день специальная статистика о количестве детей-инвалидов вследствие физической, умственной, психологической отсталости и видов заболеваний, связанных с инвалидностью, не ведется регулярно и не представляется вниманию общества.

Ключевые слова: *инклюзивное образование, дети с ограниченными возможностями, совместное обучение, здоровые дети, общественный препятствие, Конвенция о правах ребенка.*

INCLUSIVE EDUCATION AND ITS IMPLEMENTATION IN THE PROCESS OF WORK OF EARLY PRESCHOOL CHILDREN'S DEVELOPMENT CENTERS

AHMADBEKOVA ALOBONU DOVUTSHOEVNA
candidate of pedagogical science, Specialist at the Research Institute of Public Administration and Civil Server of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Tajikistan, Dushanbe city, st.,Said Nosirst.,33;
tell.: (+ 992) 93-930-10-17; e-mail: ahlobonu@mail.ru

The article discusses the role of inclusive education in describing the process of educating children with disabilities in general education institutions, and in order to create favorable conditions for their education, regardless of gender, language, nationality, religion, physical or mental disability, ability, the cultural and social situation is shown. At the same time, the article notes that co-education with healthy peers allows children with disabilities and special

educational needs to be educated together with their healthy peers, to learn social skills, to overcome social, cultural and economic barriers. To use the bases of their mental and physical development, to be confident in their abilities and potential, to be ready to work and live a decent life, and to take their place in society as equal citizens of the society.

Educators need to be trained on how children with visual, hearing, speech, physical and intellectual disabilities are taught in an early environment, how a learning environment is created for children with such disabilities, and what teaching and learning strategies are available. which help students to master the curriculum and acquire basic skills.

In particular, inclusive education includes not only equal opportunities for all, but also strategies and measures to ensure the education of all students. The State Program for the Development of Education of the Republic of Tajikistan until 2020 provides for the need to implement the principles of inclusive education in primary education and the development of appropriate methods and programs. At the same time, to date, special statistics on the number of children with disabilities due to physical, mental, mental retardation and types of diseases related to disabilities are not regularly provided.

Keywords*: inclusive education, children with disabilities, coeducation, healthy children, public obstacles, Convention on the Rights of the Child.*

УДК: 37+316.653: 329.78

НАҚШИ ТАҲСИЛОТ ДАР СТРАТЕГИЯИ ҲАЁТИИ ҶАВОНОН

(*таҳлили сотсиологӣ*)

НАЗИРОВА МАРҲАМАТ НАЗАРОВНА,
сармутахассиси Раёсати таҳлили масъалаҳои иҷтимоии
Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел.: (+992) 918-42-91-84; e-mail: nmarxamat@mail.ru

Дар ҷаҳони муосир доштани ин ё он таҳсилот барои ҳар шахс хеле зарур мебошад, зеро дар ин вақт қариб дар ҳамаи соҳаҳо нафароне бо кор таъмин мегарданд, ки соҳиби ягон касб бо доштани таҳсилоти миёна ё олии касбӣ ҳастанд. Доштани таҳсилот имконият медиҳад, ки ҳар шахс дар зиндагӣ мавқеи худро пайдо намуда, барои рушди ояндаи худ заминагузор бошад. Имрӯз бар байни ҷомеа нақши таҳсилоти олӣ хеле назаррас буда, талабот ба он хеле афзудааст. Дар мақолаи мазкур муаллиф нақши таҳсилот дар стратегияи ҳаётии ҷавононро мавриди омӯзиш қарор дода, кӯшиш намудааст, ки бо истифода аз натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ масъалаи гузошташударо таҳлил ва арзёбӣ намояд.

Калидвожаҳо: *ҷавонон, таҳсилот, таҳсилоти олӣ, тадқиқоти сотсиологӣ, ақидаи мусоҳибон ва ғайра.*

Дар замони муосир доштани таҳсилот яке аз шартҳои асосии рақобатпазирии шахс дар бозори меҳнат мебошад, зеро дар ҷомеаи муосир таҳсилот яке аз унсурҳои муҳим ва асосии тадбиқи нақшаҳои касбии ҷавонон ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи Ш.Шоисматуллоев, таҳсилот қобилияти инсонро барои амалисозии ҳадафҳои худ афзун намуда, ҷаҳонбинӣ ва доираи иҷтимоии онҳоро васеъ мекунад ва мутобиқшавии шахсро ба талаботи ҷаҳони атроф таъмин мекунад. Вай таъкид менамояд, ки таҳсилот имрӯз яке аз арзишҳои асосӣ ба ҳисоб меравад, ки бе он рушди минбаъдаи ҷомеа имконнопазир аст. Дар муассисаҳои томактабӣ ва мактабҳои таҳсилоти умумӣ раванди ташаккули шахс, тафаккури фардӣ ва ҷамъиятии одамон оғоз ёфта, дар низоми таълими касбӣ идома меёбад. Нақши низоми маориф чун ниҳоди такмили маънавии шахс меафзояд, сифати он ба ҳайси субъекти робитаҳои ҷамъиятӣ баланд мешавад [3].

Ин аст, ки имрӯз дар байни ҷавонон арзиши таҳсилот боло рафта, муносибати онҳо ба самтҳои афзалиятноки он, пеш аз ҳама, интихоби касби мувофиқ, ки дар оянда барои бо кор ва маоши хуб таъмин гардидан имкон медиҳад, равона мегардад. Дар ин самт ҷавонон бояд бо талаботи бозори меҳнат ҳамқадам гардида, барои рушди касбияти худ сатҳи маълумотнокиашонро пайваста боло бардоранд.

Доир ба ин мавзӯъ дар байни наврасону ҷавонон тадқиқоти сотсиологӣ гузаронида шуд, ки ҳадафи асосии он омӯзиши афкори ҷавонон доир ба таҳсилот мебошад. Мақсади асосии пурсиш муайян намудани аҳамиятнокии соҳаи маориф ё таҳсилот дар муҳити ҷавонони муосир; таҳлил намудани афкори ҷавонон оид ба мушкилоти худмуайянкунии касбии онҳо дар фаъолияти касбӣ; муайян намудани омилҳои зудҳаракатии иҷтимоӣ ва меҳнатии ҷавонон ва омӯхтани сатҳи омодагии ҷавонони синну соли гуногун дар фаъолияти касбӣ мебошад.

Тадқиқоти мазкур ба таври пурсишнома, яъне тариқи анкета дар байни 245 нафар, аз онҳо 57,55% писарон ва 42,45% духтарон, ки хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёна ва донишҷӯёни коллеҷу донишгоҳҳои шаҳри Душанбе мебошанд, гузаронида шуд. Синну соли наврасону ҷавононе, ки дар пурсиш фаро гирифта шудаанд, аз 14 сола то 30 соларо ташкил медиҳад.

Дар вақти тадқиқот бо мақсади муайян намудани назари мусоҳибон ба зинаҳои таҳсилот аз онҳо пурсида шуд, ки кадом сатҳи таҳсилотро барои худ кофӣ медонанд, аксарият, яъне 80,74% қайд намуданд, ки барояшон доштани таҳсилоти олӣ кофӣ мебошад. Ҳамин тавр, 9,43% маълумоти миёнаи касбӣ, 6,15% маълумоти миёна ва 3,69% фикру ақидаҳои гуногун доштанд. Аз ҷумла қайд карданд, ки баъди гирифтани маълумоти олӣ идомаи таҳсил менамоянд *(ниг. диаг. 1)*.

Диаграммаи 1



Дар шароити кунунӣ таҳсилоти олӣ соҳаи афзалиятнок ба ҳисоб рафта, вазифадор аст омода намудани мутахассисони баландихтисосро барои фаъолият дар ҷаҳони нави “техникагаро”-и пур аз иттилооти илмӣ таъмин намуда, омодагии мутахассисонро ба фаъолияти касбӣ бевосита ва ё бавосита аз тариқи гузоришҳои гуногуни амалии ба илм алоқаманд равона созад [1].

Ҳамзамон афзоиши нақши мактабҳои олӣ дар рушди ҷомеа ҳамчун тамоили умумиҷаҳонӣ ба он алоқаманд аст, ки онҳо, на танҳо тавлид ва андӯхтани донишҳои нав, балки пайваст намудани онҳоро бо захираҳои меҳнатӣ амалӣ менамоянд. Мактаби олӣ, бешубҳа, чун зернизоми истеҳсолӣ, на танҳо таҷдиди захираҳои меҳнатии зеҳнӣ ва донишҳои нави илмӣ, балки пайванд ва ҳамгироии доимии таркибии онҳоро низ таъмин менамояд [1].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз соҳиби таҳсилоти олӣ гардидан барои аксарияти ҷавонони кишвар муҳим мебошад, зеро дар замони муосир бидуни маълумоти олӣ пайдо намудани кори мувофиқ ғайримкон аст. Ба мусоҳибон доир ба ин мавзӯъ саволгузорӣ гардид, ки оё доштани таҳсилоти олӣ муҳим аст? Аз шумораи умуми мусоҳибон 70,8 фоиз қайд намуданд, ки «Ҳа», чунки бидуни маълумоти олӣ ҳеҷ кас кори хубе пайдо карда наметавонад ва мутахассиси баландихтисос намегардад. 15,3 фоиз низ «Ҳа», лекин на ҳамаи хатмкунандагон ба сатҳи баланди таҳсилоту маълумотнокӣ ҷавобгӯ мебошанд. Зиёда аз 10 фоизи мусоҳибон доштани маълумоти олиро муҳим намешуморанд. Ба ақидаи қисме аз онҳо аксар кордиҳандагон, пеш аз ҳама, ба хислатҳои инсонӣ ва малакаи кордонии шахс нигоҳ мекунанд, на ба маълумот. Ба фикри қисми дигари онҳо таҳсилот дар замони муосир дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст, аз ин рӯ бояд худомӯзӣ намудан беҳтар аст. 3,6 фоиз бар он ақида буданд, ки таҳсилот танҳо барои ба даст овардани диплом лозим аст *(ниг. диаг.)*.

Диаграммаи 2



Мақсади маълумоти олӣ гирифтани худи мусоҳибон низ гуногун буд. Аз ҷумла, 30,2 фоиз қайд намуданд, ки дар баробари гирифтани таҳсилоти олӣ мутахассиси ягон соҳа мегарданд, 24,2 фоиз бо умеде, ки бо маълумоти олӣ соҳиби кори хуб ва маоши баланд мегарданд, 19,9 фоиз барои донишу малакаи нав пайдо кардан ва боқимонда фикру ақидаҳои гуногун доштанд. Аз ҷумла, қисме аз онҳо қайд намуданд, ки мақсади гирифтани таҳсилоти олӣ хоҳиши волидонашон мебошад, қисми дигар бо мақсади дар шаҳр зиндагӣ намудан. Албатта, дар байни онҳо нафароне низ буданд, ки барои аз хизмати ҳарбӣ даст кашидан ба ин ё он донишгоҳ дохил шудаанд.

Ҷавонон доир ба макони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар он маълумоти олии хубу босифатро гирифтан мумкин аст, чунин ақида доштанд: 55,5 фоиз зикр намуданд, ки маълумоти олии босифатро дар ҳамаи донишгоҳҳои шаҳру минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ гирифтан мумкин аст, зеро омӯхтан аз худи шахс вобаста мебошад. Ба ақидаи 29,3 фоиз дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбие, ки дар пойтахти кишвар ҷойгиранд, 14,2 фоиз дар хориҷа ва ҳамагӣ 0,8 фикру андешаҳои гуногун доштанд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки ба андешаи аксарияти ҷавонони мо муҳим он аст, ки шахс майлу хоҳиши хондан дошта бошад, новобаста аз он, ки муассисаҳои таълимӣ дар кучо ҷойгиранд, маълумоти босифат гирифтан мумкин аст.

Ба ақидаи онҳо муҳим он аст, ки ҳар шахс соҳиби маълумоти олӣ гардад, зеро аксарият (64,7 фоиз) қайд менамоянд, дар замони муосир бе таҳсилоти олӣ кори хуб ёфтан ғайриимкон мебошад *(ниг. диаг. 3)*.

Диаграммаи 3

Имрӯз дар интихоби касб омилҳои гуногуне мавҷуданд, ки бевосита ба рушди минбаъдаи ҷавонон хеле муҳим мебошанд. Аз ҷумла, маоши баланд, касби ҷолибу шавқовар, маъруфияти касбу ихтисос, манфиатнокии он барои ҷомеа, омилҳое, ки кафолати иҷтимоиро таъмин менамоянд ва як қатор дигар омилҳо, ки фаъолияти минбаъдаи ҷавононро нишон медиҳанд. Дар ин маврид, наврасону ҷавонони мо, пеш аз ҳама, ба манфиати ҷомеа будани касбҳои гуногунро дар ҷойи аввал гузошта, 23,1 фоиз қайд менамоянд, ки, пеш аз ҳама, ҳар касбу ихтисос бояд ба ҷомеа манфиатовар бошад. Бо вуҷуди ин, ба андешаи 20,5 фоиз маоши баланд, 20,0 фоиз шароити хуби корӣ, 16,5 фоиз кори ҷолибу шавқовар ва 6,0 фоиз маъруфияти касбу ихтисосро омилҳои муҳим меҳисобанд, ки имрӯз ҷавонон муҳиммияти онҳоро эҳсос намуда, аз рӯи имконият ягон касбро интихоб менамоянд *(ниг. диаг. 4)*.

Диаграммаи 4

Дар баробари муҳимияти касбу ихтисос имрӯз омилҳои гуногуне мавҷуданд, ки ба наврасону ҷавонони кишвар дар интихоби касб бевосита таъсири худро мерасонанд. Дар шароити муосири Тоҷикистон ба ҷавонони

мо дар интихоби касб, пеш аз ҳама, падару модарон таъсир мерасонанд, ки тибқи пурсиш миқдори онҳо 33,2 фоизро ташкил медиҳанд. Пурсише, ки дар байни наврасону ҷавонон гузаронида шуд, нишон дод, ки аксарияти онҳо бо хоҳиши волидони худ ба ин ё он муассисаҳои таълимӣ дохил гардидаанд. Қисми дигар, яъне 16,8 фоиз нуфузи муассисаҳои таълимиро ба назар гирифта, касби худро интихоб намудаанд. Ҳамин тариқ, 11,8 фоиз тибқи маҳалли ҷойгиршавии муассисаи таълимӣ, 9,9 фоиз бо машварати дӯстонашон, 9,1 фоиз бо таъсири низоми маориф, яъне бо роҳандозии омӯзгорон, 5,6 фоиз тариқи рекламаҳои васоити ахбори омма касби худро интихоб намудаанд *(нигр. диаг. 5)*.

Диаграммаи 5

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар шароити муосир бо ҷойи кор таъмин гардидани мутахассисон масъалаи муҳим ва актуалӣ ба ҳисоб меравад. Ба фикру ақидаи мусоҳибони мо баъди хатми муассисаҳои таълимии миёна ва олии касбӣ, барои бо кор таъмин гардидан, пеш аз ҳама, шинос лозим аст. Яъне, аз шумораи умумии пурсидашудагон 35,9 фоиз қайд намуданд, ки барои кор ёфтан шинос доштан лозим меояд. 33,6 фоиз бар он ақидаанд, ки имрӯз корфармо коргари ботаҷрибаро ба кор қабул мекунад. Ба ақидаи 23,0 фоиз аксарияти корфармоён омодаанд мутахассисони ҷавонро бо мақсади рушди тарафайн барои гирифтани донишҳои мувофиқ ва методҳои муосири кор ҷалб намоянд. Ҳамагӣ 7,4 фоиз бар он бовар доранд, ки хатмкунандагони касбу кори гуногун метавонанд ба осонӣ ҳар коре, ки барояшон писанд аст, пайдо кунанд *(нигр. диаг. 6, ҷадвали 1)*.

Диаграммаи 6

Ҷадвали 1

Ба фикри Шумо, зимни бо кор таъмин гардидани хатмкардагони муассисаҳои таълимии миёна ва олии касбӣ чигуна мушкилиҳо пеш меоянд?	
Хатмкунандагон метавонанд ба осонӣ ҳар коре, ки барояшон писанд аст, пайдо кунанд	7,41%
Бисёр корфармоён омодаанд, ки мутахассисони ҷавонро бо мақсади рушди тарафайн барои гирифтани донишҳои мувофиқ ва методҳои муосири кор ҷалб кунанд	23,02%
Корфармоён коргари ботаҷрибаро меҷӯянд	33,60%
Барои кор ёфтан шинос лозим аст	35,98%
Ҳамагӣ:	100%

Ҳамзамон, омилҳои муҳимме ҳастанд, ки барои бо ҷойи кор таъмин гардидани мутахассисони ҷавон мусоидат мекунанд. Аз ҷумла, сатҳи баланди маълумотнокӣ, таҷрибаи корӣ, доштани ихтисоси мувофиқ, восита ё шиносоӣ, интизом ва меҳнатдӯстӣ аз қабили чунин омилҳо мебошанд *(ниг. диаг. 7)*.

Диаграммаи 7

Имрӯз дар бозори меҳнат ихтисосҳои гуногун хело зиёданд, ки дар рушди соҳаҳои гуногун нақши муҳим доранд. Ба ақидаи ҷавонони мо имрӯз дар бозори меҳнати ҳам дохил ва ҳам хориҷи кишвар талабот ба технологияҳои иттилоотӣ босуръат боло рафта истодааст. 35,9 фоизи мусоҳибон доир ба ин мавзӯъ қайд намуданд, ки дар бозори меҳнати кишвар ба ихтисосҳо ё мутахассисоне, ки аз технологияҳои иттилоотӣ бархӯрдор ҳастанд, бартарӣ дода мешавад. Ҳамзамон, ба андешаи наврасону ҷавонони кишвар ихтисосҳои соҳаи тиб, иқтисод, менеҷмент, ҳуқуқшиносӣ ва сохтмон дар бозори меҳнат бештар талаб карда мешаванд.

Вазъияти ҷавонон дар минтақаҳои мухталиф ба таври ҷиддӣ фарқ мекунад. Дар навбати аввал, ин бо сатҳи гуногуни рушди иҷтимоӣ – иқтисодии кишвар алоқаманд аст. Аз ин ҷо дастрасии нобаробар ба таълими босифат ва чун натиҷа, коҳиши рақобатпазирии минтақа бармеояд, ки ин боиси ба муҳоҷират рӯ овардани аксарияти ҷавонон мегардад. Илова бар ин, тафовути анъанавӣ байни тарзи зиндагии шаҳрӣ ва деҳот вучуд дошта, воқеияти имрӯзаи бозори меҳнат ҷавононро ҳарчи бештар ба таълим дар шаҳрҷойҳо ҷалб мекунад. Дар айни замон, ҳар андоза минтақа бесубот ва нобаробар рушдёфта бошад, ҳар андоза он ба кӯмаки молиявӣ эҳтиёҷ дошта бошад, эҳтимоли ин бештар аст, ки ҷавонон маълумоти касбӣ ва фаъолияти ояндаи касбиро чун восита барои гузаштан аз як шароити номуносиб ба шароити бештар муносиби ҳаётӣ қабул мекунанд.

Дар шароити ислоҳоти иқтисодӣ дар асоси муносибатҳои бозорӣ, ба сабаби зарурати инкишофи ташаббуси соҳибкорӣ дар одамон ва мустақил будан ҳангоми қабули қарор ва амалисозии онҳо, ҷавонон бояд нақшаҳои худро бо таҳсилот

алоқаманд созанд ва аз нигоҳи субъективӣ саъю талош баҳри расидан ба сатҳи баландтари таълиму омӯзиш бояд хусусияти ҷудонопазири ҷавонон гардад. Умуман, ҷавонон дурнамои воқеиро, ки низоми маориф барои онҳо вогузор менамояд, оқилона арзёбӣ менамоянд ва онро ба назар мегиранд. Ҳар қадар дар ҷумҳурӣ имкониятҳо барои идомаи таҳсил дар муассисаҳои таълимии махсус ва дар навбати аввал, дар муассисаҳои таълими олӣ бештар бошад, ҳамон қадар ҷавонон дар онҳо таҳсил карданро ба нақша мегиранд. Дар айни замон, баъзан нақшаҳои ҷавонон ба ҳаёт ва ба талаботи ҷомеа, нисбат ба низоми таълим наздиктар мебошад.

Ҳамин тавр, маълум гардид, ки дар ҳаёти стратегии насли ҷавон афзалияти таҳсилот нисбат ба дигар омилҳо баландтар аст ва онҳо аҳамияти онро дар ҷаҳони муосир дарк мекунанд. Дастрасӣ ба таълим фазои маърифатиро тавсеа мебахшад ва, на танҳо таҳсилоти умумӣ, балки таҳсилоти олиро оммавӣ мегардонад. Вале бояд дарк кард, ки оммавӣ будани таълим ба ҳеҷ ваҷҳ аз босифат будани он шаҳодат намедиҳад. Айни замон, оммавӣ будани таълим амалан дар ҳама ҷо нишон медиҳад, ки он талабгор дорад ва барои одамон зарур аст. Ҳамаи ин гувоҳи он аст, ки таҳсилот имрӯз барои аксарият арзиши устувор ва раҳнамуди бузурги маънавӣ мебошад.

Дар шароити кунунии гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, на танҳо талабот ба дарёфти таҳсилоти олиро афзун намудааст, балки аз тамоми ҷиҳатҳо фаҳмиши нақши таҳсилот ва арзишҳои онро дар муҳити ҷавонон дигаргун сохтааст. Мавқеи таҳсилоти олӣ дар стратегияи ҳаётии ҷавонон ба муваффақияти ҳаёт равона мегардад, ки он аз таҳсилоти олии бонуфуз вобаста мебошад. Ҳамин тавр, насли ҷавон хоҳони дарёфти мустақилият аз ҷомеа тавассути ба даст овардани таҳсилоти боэътибор мебошад. Пештар таҳсилоти олӣ барои ҳамгироии муваффақонаи шахсият ба ҷомеа зарур буд. Имрӯз нақши таҳсилот хеле тағйир ёфтааст, он ба имкониятҳои шахс таъсир расонида, ӯро бо касби бонуфуз таъмин мекунад.

АДАБИЁТ

1. Қурбонов А.Ш. Таҳаввули низоми маориф дар Тоҷикистон (таҳлили иҷтимоӣ–фалсафӣ). / [Матн] / – Душанбе: Ирфон, –2019, – 220 с.

2. Қурбонов А.Ш. Илм ва маориф: тамоюлот, мушкилот, дурнамо. / [Матн] / – Душанбе: Ирфон. – 2019. – 406 с.

3. Шоисматуллоев Ш. Таджикистан в зеркале преемственности и смены поколений. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 320 с.

4. Шоисматуллоев Ш. Поколение в системе образования. / [Текст] / – Д.: – 1999. – 144 с.

РОЛЬ ОБРАЗОВАНИЯ В ЖИЗНЕННЫХ СТРАТЕГИЯХ МОЛОДЕЖИ

(*социологический анализ*)

НАЗИРОВА МАРХАМАТ НАЗАРОВНА,
главный специалист Управления анализа социальных проблем Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел (+992) 918-42-91-84, e-mail: nmarxamat@mail.ru

В современном мире каждому очень важно иметь образование, ведь одновременно почти во всех сферах работают люди, имеющие профессию со средним или высшим образованием. Наличие образования позволяет каждому найти свое место в жизни и заложить фундамент для своего будущего развития. Сегодня роль высшего образования в жизни общества очень значительна и спрос на него возрастает все больше В данной статье автор рассматривает роль образования в жизненных стратегиях молодежи и пытается проанализировать и оценить проблему с использованием социологических исследований.

Ключевые слова: *молодежь, образование, высшее образование, социологическое исследование, мнение респондентов и др.*

THE ROLE OF EDUCATION IN LIVING YOUTH STRATEGIES

(*sociological analysis*)

NAZIROVA MARHAMAT NAZAROVNA,
Chief specialist of the "Department of analysis of social problems"
of the Center for Strategic Researches under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave., 89;
tel.: (+992) 918-42-91-84; e-mail: nmarxamat@mail.ru

In today's world, it is very important for everyone to have an education, because at the same time in almost all areas are employed people who have a profession with secondary or higher education. Having an education allows everyone to find their place in life and lay the foundation for their future development. Today, the role of higher education in society is very significant and the demand for it has increased significantly. In this article, the author examines the role of education in the life strategies of young people and tries to analyze and evaluate the problem using sociological research.

Keywords: *youth, education, higher education, sociological research, opinion of respondents, etc.*

УДК: 331.5.024.5

ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ РЫНКА ТРУДА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ПЕРИОД ПАНДЕМИИ COVID-19

НАСРИДДИНОВ ФИРДАВС ИНОЯТОВИЧ,
начальник управления отраслевого развития Центра
стратегических исследования при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 40;
тел. 992 (372) 227-15-83; e-mail: firdavsi.tj@mail.ru

МАХМАДБЕКЗОДА МОЁНШО ШОДМОН
кандидат политических наук,
Директор научно-исследовательского
института труда, миграции и занятости населения
734026, Таджикистан, г.Душанбе;
тел: (+992) 907-83-96-45; e-mail: sorbon4@inbox.ru

ВАСИЕВ ФАРИДУН МАХМАДОВИЧ
кандидат экономических наук,
доцент кафедры управления человеческими
ресурсами Таджикского национального университетапр.
734025, Таджикистан, г.Душанбе,проспект Рудаки 17,
тел: (+992) 905-40-40-15; e-mail: faridun.75@bk.ru

В статье исследуются теоретические основы рынка труда. Выявлены характерные особенности рынка труда Республики Таджикистан. Определены социально-экономические проблемы, влияющие на устойчивое развитие национального рынка труда Республики Таджикистан. На основе точек зрения отечественных и зарубежных ученых формируется авторское определение понятия рынок труда. Предложены результаты социологического опроса, который был проведен среди работников организаций и предприятий всех форм собственности в шести городах и районах Республики Таджикистан. Приводятся выводы и предложения.

Ключевые слова: *рынок труда, занятость населения, трудовые ресурсы, рабочая сила, работодатели, наемные работники, заработная плата, дистанционная занятость, социальные гарантии, эффективность труда.*

С учетом особенностей социально-экономического развития Республики Таджикистан, проблемы регулирования рынка труда и обеспечение занятости населения являются особо актуальными. Стратегической за-

дачей правительства республики является создание новых, продуктивных рабочих мест, рациональное использование имеющийся трудовой потенциал республики. Конкурентоспособность национальной экономики, в том числе определяется с учетом высококвалифицированной рабочей силы обеспеченной устойчивой занятостью, также её эффективностью и производительностью труда. В экономической литературе приводятся множество определений понятия рынок труда.

По мнению российского ученного-экономиста А.И. Рофе, «рынок труда является системой экономических отношений, связанных с наймом и предложением труда, т.е. с его куплей и продажей».[1] Мы согласны с данным определением. Действительно, на рынке труда происходят экономические взаимоотношения между работодателем и рабочей силой. Таджикский ученый-экономист Н.Р. Муминова отмечает следующее: «рынок труда охватывает весь комплекс социально-экономических отношений, механизмов, норм и институтов по поводу купли – продажи и воспроизводства рабочей силы».[2] Рынок труда способствует воспроизводству и профессиональному развитию рабочей силы. На рынке труда происходит процесс купли и продажи рабочей силы, оцениваются их профессиональные знания, способности, опыт работы и другие индивидуальные показатели.

По мнению Е.И. Золина, «рынок труда выполняет важную роль в системе воспроизводства. Именно на рынке труда происходит купля-продажа рабочей силы, оценивается ее полезность и общественная значимость».[3] Действительно, рынок труда выполняет важную социальную, экономическую и культурную роль в экономике каждой страны. Именно на рынке труда, отражаются экономические, демографические и социальные процессы, протекающие в национальной экономике.С.Г. Ермолаева отмечает: «рынок труда представляет собой систему общественных отношений в согласовании интересов работодателей и наемной рабочей силы.[4] Другой российский ученый-экономист Л.Д. Костыков утверждает, что «рынок труда, важный и наиболее сложный элемент рыночной экономики. Через механизм рынка труда устанавливаются уровни занятости и оплаты труда».[5] Исходя из выше изложенного, мы сформулировали собственное определение понятия «рынок труда». Рынок труда, это сложная социально-экономическая система, в которой происходят отношения между наемными работниками, работодателями и государством по поводу сбалансирования их интересов при определении цены труда и его условий, а также отражает совокупность социально-экономических и правовых отношений, обеспечивающих воспроизводство рабочей силы.

В Республике Таджикистан рынок труда находится в процессе формирования и развития со всеми присущими этому периоду характерными особенностями. С учетом специфики экономики республики, требуются принципиально новые подходы при решении социально-трудовых отношений, возникающих между работодателями и наемными работниками в процессе трудовой деятельности. При разработке приоритетных направлений регулирования рынка труда Республики Таджикистан, необходимо учиты-

вать характерные особенности занятости населения в отраслях экономики республики, уровень занятости населения в неформальном секторе национальной экономики, трудовую миграцию рабочей силы, низкий уровень мобильности населения и т.д. При этом, важно учитывать как количественные, так и качественные характеристики выше перечисленных показателей. Важное значение имеет рассмотрение государственной стратегии обеспечения продуктивной занятости населения Республики Таджикистан.

Таблица – 1

Численность занятого населения Республики Таджикистан по формам собственности

№	Показатели	2012	2013	2014	2015	2016	2017	2018
1	***Всего занято в экономике***	***2291,5***	***2307,3***	***2325,4***	***2379,7***	***2384,2***	***2407,0***	***2425,5***
2	в том числе по формам собственности: государственная	443,8	433,0	444,6	441,5	456,1	470,3	484,5
3	частная	1478,8	1461,0	1486,6	1588,6	1577,8	1594,1	1728,9
4	коллективная	347,7	387,2	368,4	323,8	325,8	317,4	207,8
5	смешанная с иностранным участием	19,5	20,6	20,6	18,5	18,4	19,0	4,3
6	Смешанная без иностранного участия	1,7	5,5	5,3	7,3	6,1	6,2	0,02

Анализ показателей численности занятых в экономике показывает динамику устойчивого роста. Если сравнить показатели 2018 с 2012 годом, то в данном случае рост составил 134 тысяч человек, или более чем 5,8 %. Таким образом, среднегодовой рост числа занятых в экономике за анализируемый период составляет около 0,9 %. С учетом темпов роста численности населения, данный показатель роста занятости населения существенно ниже. Это можно объяснить, тем, что существенная часть вновь вливающейся молодежи на рынок труда не может найти достойную работу в формальном секторе, исходя из этого, они готовы устроится на неформальную работу в неформальный сектор экономики. В том числе, определенная часть рабочей силы, в поисках достойного заработка выезжают в качестве трудовых мигрантов за рубеж, в основном отечественные трудовые мигранты трудятся в странах ближнего зарубежья.

Рассматривая занятых по формам собственности, то в 2012 году в государственных организациях и предприятиях было занято 19,36 %, в частных 64,53 %, в коллективных 15,17 %, в смешанных с иностранным участием 0,85 %, в смешанных без иностранного участия 0,07 %.

Показатели 2018 года в государственных организациях и предприятиях 19,97 %, в частных 71,28 %, в коллективных 8,56 %, в смешанных с иностранным участием 0,17 %, в смешанных без иностранного участия 0,0008%.

Таким образом, мы получили следующие сравнительные показатели 2012 с 2018 годами, государственных организациях и предприятиях, 19,36 % – 19,97 % соответственно, здесь рост уровня составил 0,61 %. То есть, в государственных предприятиях все еще наблюдается какой то рост занятости населения. В частных организациях и предприятиях – 64,53 % – 71,28 % соответственно. Действительно, с развитием рыночной экономики тенденция роста занятости в частном секторе неизбежна. Численность частных предприятий растет, которые привлекают больше рабочей силы, что приводит к увеличению числа занятых в данном секторе экономики республики. Относительно занятости в коллективных организациях и предприятиях 15,17 % - 8,56 %. Здесь наблюдается тенденция сокращения занятости. в компаниях смешанных с иностранным участием, 0,85 % и 0,17 % соответственно, то в данных организациях число занятых значительно сократилось (более чем в пять раз). А компании без иностранного участия сократились более чем в 8 раз. Таким образом, в национальной экономике наблюдается сокращение численности компаний смешанных с иностранным участием.

Рынок труда Республики Таджикистан нуждается в разработке инновационных направлений, способствующих созданию новых продуктивных рабочих мест и обеспечению занятости населения. Тенденции складывающиеся на рынке труда республики, свидетельствуют о достаточно высоком уровне безработицы.

Основные факторы, безработицы в Республике Таджикистан следующие: высокие уровня роста трудоспособного населения; недостаточно высокий уровень численности создания новых продуктивных рабочих мест; подготовка специалистов в средних-специальных и высших учебных заведений не соответствует современным требованиям как внутреннего, так и международного рынка труда; одновременно с избытком рабочей силы, наблюдается нехватка высококвалифицированных специалистов технического и обслуживающего труда; низкий уровень заработной платы и стимулирования трудовой деятельности и т.д.

Вышеизложенное оказывает отрицательное влияние на развитие рынка труда республики. Следовательно, перечисленные факторы приводят к социально-экономической дифференциации регионов Республики Таджикистан.

С начала 2020 года практически во всех станах мира, в том числе и в Республике Таджикистан распространилась пандемия COVID-19. Пандемия COVID-19 отрицательно повлияло на социально-экономическое развитие населения республики. С целью исследования состояния рынка труда в Республике Таджикистан в период пандемии COVID-19, нами был проведен социологический опрос.

В Республике Таджикистан после распространения пандемии COVID-19 во второй половине апреля 2020 года планы работодателей и наемных работников практически всех сфер национальной экономики существенно изменились. Особо пострадали сферы услуг и промышленности республики.

Результаты исследования показали в период пика пандемии (май-сентябрь) некоторое сокращение уровеня заработной платы наемных работников, или выход работников на отпуск без содержания. В период пандемии COVID-19 часть работодателей из-за снижения уровня спроса на продукцию или на предлагаемые услуги были вынуждены сократить число работников. На основе результатов проведенного исследования в период с мая по август месяцы на рынке труда республики наблюдается снижение уровня спроса на рабочцю силу. На основе этого, важно отметить, что пандемия COVID-19 как и в других странах мира повлияло на динамику развития рынка труда Республики Таджикистан.

Исследование проводилось в виде социологического опроса. Каждая анкета включала в себя 15 вопросов. Социологический опрос проводился в шести регионах Республики Таджикистан, в том числе: г.Душанбе, г.Бохтар, г.Худжанд, г.Куляб, г.Хорог также район Рашт. Исследование было проведено на 34 организациях и предприятиях республики.

От общего числа, 46 % организации с ограниченной ответственностью, 36 % акционерные общества открытого типа, 8 % государственные организации, 4,5% коммерческие банки, 3,5 % закрытые акционерные общества, 2 % акционерные общества. В соответствии с полученными показателями, до возникновения пандемии COVID-19, у 97,7 % респондентов рабочий режим был полный. То есть, у них, была полная рабочая неделя и полный рабочий день. Всего 2,3 % респондентов в течении недели или дня были частично заняты, т.е., имели неполную рабочую неделю или неполный рабочий день.

Всего 20 предприятий или 58 % от общего числа опрошенных предприятий относятся к промышленности, 5 организаций или 14,7 % сфера услуг, 2,9 % сельскохозяйственное предприятие, 5,8 % организаций торговли и 18,6% образование. Результаты анализа данных показали изменение продолжительности рабочей недели и рабочего дня. Таким образом, если до пандемии 97,7 % респондентов был полный рабочий день и полная рабочая неделя, то в период пандемии COVID-19 этот показатель снизился на 43,3 % и составил 54,4 %.

Диаграмма 1.

Изменение графика рабочего дня и рабочей недели в период пандемии COVID-19



Одним из важных показателей регулирования рынка труда является наличие коллективных договоров между работодателями и наемными работниками. От общего числа опрошенных, всего 79 % подписали коллективные договора сос своими работодателями. Соотвтстетственно, 21 % опрошенных официально не зарегистрированы, не имеют трудовой книжки и трудового договора, т.е., считаются неформально занятыми.

Относительно социальных гарантий, всего 41 % респондентов имеют все социальные гарантии в соответствии с трудовым договором. Из всех видов социальных гарантий, 33% имеют только оплачиваемые отпуска. А 22 % работникам во время болезни выплачивается заработная плата.

Диаргамма 2.

Изменение уровня заработной платы в период пандемии COVID-19



По поводу динамики уровня заработной платы. До распростратения пандемии COVID-19, заработная плата 53,3 % респондентов составляло от

450 до 1000 сомони, 24,4 % 1000-1500 сомони, и 8,9 % респондентов заработная плата составляла более 1500 сомони.

Более 61% респондентов отметили, что в период пандемии COVID-19, уровень заработной платы не изменился. Такая тенденция в основном уработников сферы промышленности. У остальных 39 % заработная плата сократилась от10 до 50%. Здесь важно отметить, что в основном сокращение уровня заработной платы наблюдается в органрзациях сферы услуг. Например, у работников ресторанов, гостиниц, торговых точек (кроме торговли продуктов питания) занимающихся торговлей одежды, бытовых товаров и т.д.

В результаты опроса показали, 44,4 % работников ответили, что в период пандемииCOVID-19 на предприятии где они работают, были сокращены работники.

В период пандемии COVID-19 на рынке труда республики наблюдалось активизация перехода некоторых профессий на дистанционную форму занятости

Диаграмма 3.

В период пандемии COVID-19 работники Вашего предприятия перешли на дистанционную занятость



Всего 6% ответили, что они перешли на дистанционную занятость, а 5 % частично перешли. Большинство около 70 % в период пандемии COVID-19 все таки не переходили в режим дистанционной занятости.

На основе проведения исследования состояния рынка труда Республики Таджикистан в период пандемииCOVID-19, мы пришли в следующим выводам:

1. В результате распространения пандемии COVID-19, существенно пострадал рынок труда Республики Таджикистан. Особо существенным ударом было для сферы услуг. В частности сильно пострадали сферы общественного питания, розничной торговли (кроме торговли продуктами питания), общественного транспорта и туризма. В г.Душанбе и в других городах республики в период с апраля по август текущего года большая

часть ресторанов, баров, кафе и т.д., были полностью или частично закрыты. В том числе, ГБАО куда до пандемии ежегодно приезжало несколько десятков туристов из ближнего и дальнего зарубежья, в 2020 году туристов почти небыло.

2. Промышленные предприятия в том числе существенно пострадали от распространения пандамии COVID-19. В результате проведенного исследования было выяснено, что на промышленных предприятиях г.Душанбе, г.Худжанд и г.Бохтар в основном из-за временного прекращения железнодорожных перевозок, были перебои с поставками ресурсов и материалов для производства продукции. Что стало основной причиной сокращения персонала, сокращения уровня заработной платы или отправления части работников в неоплачиваемые отпуска.

3. В период пандемии COVID-19 (с 10 мая 17 августа) работники сферы образования вышли на каникулы и практически в полной мере получили отпускные выплаты. Также сотрудники финансовой сферы, коммерческих банков, в период пандемии COVID-19 продолжали свою деятельность в штатном режиме.

При возникновении пандемии COVID-19, с целью снижения её влияния на рынок труда Республики Таджикистан, мы предлагаем использование опыта развитых стран, которые достигли особых успехов в данном направлении:

1. Пример Японских предприятий. Если в большинстве странах мира при возникновении пандемии COVID-19, менеджмент предприятий сократили численность перснала, в Японские менеджеры использовали другой метод. Таким образом, в Японии временно, до выхода из данного кризиса, сократили продолжительность рабочей недели с шести рабочих дней до трех-четырех рабочих дней. А продолжительность рабочего дня сократили с восьми часов, до четырех-пяти часов. Таким образом, работники не были отпущены в отпуск. Главной целью Японских менеджеров было недопустить отлучения персонала от профессиональной деятельности. Так как на основе проведения исследования Японскими учеными, если сотрудник не работает по специальности более шести месяцев, он теряет каждые шесть месяцев 10% профессиональных способностей.

2. Пример предприятий Южной Кореи и Китая. В период распространения пандемии COVID-19, на продукцию промышленных предприятий Южной Кореи и Китая сократился уровень спроса от 25 до 50 %. В большинстве странах при таком состоянии сократили численность работников до 50 %. На предприятиях Южной Кореи ни одного работника не сократили и даже не отправили на неоплачиваемый отпуск. Наоборот, руководство Южно Корейских предприятий сократили уровень заработной платы менеджмента и руководящего состава от 50 до 70 процентов, а заработная плата рядовых работников не было снижено ни на один процент. В соотвтетсвии со стратегией менеджмента Южно Корейских и Китайских производственных предприятий, главным производственным

ресурсом являются рядовые работники и необходимо защищать их интересы.

3. По причине возникновения пандемии COVID-19, возникла необходимость того, что внести изменения и дополнения в Трудовом Кодексе Республики Таджикистан относительно формирования и развития дистанционной занятости. В частности, условия приёма на работу и подписания трудового контракта, условия оплаты труда дистанционно занятых, условия контроля за эффективностью деятельности дистанционно занятых и т.д.

ЛИТЕРАТУРА

1. Рофе А.И. Рынок труда. Управление персоналом. Издательство «Кнорус». Москва 2018г. –С.10 260 с.

2. Муминова Н.Р. Обеспечение сбалансированности национального рынка труда. 08.00.05. Худжанд 2019г. –С. 8.

3. Золин Е.И. Рынок труда и занятость населения в современной экономике. Дисс. Конд. Эк. наук. 08.00.01. Москва 2001г. –С. 7.

4. Ермолаева С.Г. Рынок труда. Институт гуманитарных наук и искусств. Учебное пособие. Екатеринбург 2015г. 110с. –С. 15.

5. Костьков Л.Д. Рынок труда. Институт экономики и финансов. Учебное пособие. Москва 2013г. –С.4. 162 с.

6. Ермолаева С.Г. Рынок труда. Институт гуманитарных наук и искусств. Учебное пособие. Екатеринбург 2015г. 110с. –С. 15.

7.Золин Е.И. Рынок труда и занятость населения в современной экономике. Дисс. Конд. Эк. наук. 08.00.01. Москва 2001г. –С. 7.

8.Костьков Л.Д. Рынок труда. Институт экономики и финансов. Учебное пособие. Москва 2013г. –С.4. 162 с.

9.Муминова Н.Р. Обеспечение сбалансированности национального рынка труда. 08.00.05. Худжанд 2019г. –С. 8.

10.Рофе А.И. Рынок труда. Управление персоналом. Издательство «Кнорус». Москва 2018г. –С.10 260 с.

МАСОИЛИ РУШДИ БОЗОРИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ ПАНДЕМИЯИ COVID-19

НАСРИДДИНОВ ФИРДАВС ИНОЯТОВИЧ,
сардори Раёсати тадқиқоти масъалаҳои соҳавии
Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел. (+992) 372 227-15-83; e-mail:firdavsi.tj@mail.ru

МАҲМАДБЕКЗОДА МОЁНШО ШОДМОН,
номзади илмҳои сиёсӣ, директори Муассисаи давлатии
«Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»
734026, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Ҳувайдуллоев 270[a] ;
тел. (+992) 372-250-16-73; e-mail: sorbon4@inbox.ru

ВОСИЕВ ФАРИДУН МАХМАДОВИЧ,
номзади илми иқтисод, досенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кӯчаи Рӯдакӣ 17
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе;
тел: (+992) 905-40-40-15, e-mail:faridun.75@bk.ru

Дар мақола назарияи асосии бозори меҳнат мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, муҳимияти хусусияти бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор шудаст. Вазъи мушкилии иқтисодиву иҷтимоие, ки ба рушди устувории бозори меҳнати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Дар заминаи нуқтаи назари олимони ватаниву хориҷӣ мафҳуми бозори меҳнат тавлид гардидааст. Натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологие, ки бо кормандони ташкилоту муасисаҳои новобаста аз шакли моликият дар шаш шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, оварда шудааст.

Калидвожаҳо: *бозори меҳнат, шуғли аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ, кувваи корӣ, корфармо, корманди кироя, музди меҳнат, шуғли фосилавӣ, кафолати иҷтимоӣ, меҳнати самаранок.*

PROBLEMS OF LABOR MARKET DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN DURING THE COVID-19 PANDEMIC

NASRIDDINOV FIRDAVS INOYTOVICH,
Chief Department of sector development
Center for strategic research under the President of the Republic of Tajikistan
734026, Tajikistan, city Dushanbe, city Rudaki ave. 40;
tel. (+992) 372 227-15-83; e-mail:firdavsi.tj@mail.ru

MAHMADBEKZODA MOYONSHO SHODMON,
Ph.D. director of the State Institution “Scientific Research
institute of labor, migration and employment of the population”
734026, Tajikistan, city Dushanbe, address N.Huvaidulloev - 270[a] ;
tel. 992 (372) 250-16-73; e-mail: sorbon4@inbox.ru

VASIEV FARIDUN MAKHMADOVICH
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the
Department of Management
human resources of the Tajik National University
734025, Tajikistan; Dushanbe, Rudaki Ave. 17;
Tel: (+992) 905 40 40 15, E-mail: faridun.75@bk.ru

The article examines the theoretical foundations of the labor market. The characteristic features of the labor market of the Republic of Tajikistan are revealed. The socio-economic problems affecting the sustainable development of the national labor market of the Republic of Tajikistan have been identified. Based on the points of view of domestic and foreign scientists, the author's definition of the concept of the labor market is formed. The results of a sociological survey, which was conducted among employees of organizations and enterprises of all forms of ownership in six cities and regions of the Republic of Tajikistan, are proposed. Conclusions and suggestions are given.

Key words: *labor market, employment of the population, labor resources, labor force, employers, employees, wages, distance employment, social guarantees, labor efficiency.*

УДК: 304.5

БАРОБАРҲУҚУҚИИ АҚАЛЛИЯТҲОИ МИЛЛӢ ҲАМЧУН МЕЪЁРИ АДОЛАТИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДИИ ТОҶИКИСТОН

НАЗАР МУЪМИН АБДУҶАЛОЛ,
нозади илмҳои фалсафа, дотсент, директор Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
тел.: 918991271; e-mail: mumin.nazar.67@mail.ru

Дар мақола мақоми ақаллиятҳои миллӣ ва шароити ҳаёту фаъолияти онҳо дар ҷомеаи тоҷикистонӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлили муқаррароти қонуну асноди амалкунанда ва далелҳои мушаххаси воқеияти ҳаёти ҷамъиятӣ нишон медиҳад, ки риояи баробарҳуқуқии намояндагони халқияту миллатҳои муқими Тоҷикистон ба таъмини адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа мусоидат намудааст ва барои ба ҳаёти ҷамъиятӣ ҳамгиро шудани ақаллиятҳои миллӣ шароити мусоид фароҳам месозад. Қайд карда мешавад, ки дар раванди ҳамгирошавии ақаллиятҳои миллӣ ба ҳаёти ҷамъиятӣ давлат нақши муассир дорад.

***Калидвожаҳо**: ҷомеа, ақаллиятҳои миллӣ, ҷамъиятҳои миллӣ-этникӣ, ҳамгирошавӣ, ҳаёти ҷамъиятӣ, адолати иҷтимоӣ, қонун, ҳуқуқ, озодӣ, давлат, Тоҷикистон.*

Дар шароити муосир дар сиёсати ҷаҳонӣ муносибат бо ақаллиятҳои миллӣ асосан дар доираи ду аснод муайян карда мешавад: «Эъломия дар бораи ҳуқуқҳои шахсоне, ки ба ақаллиятҳои миллӣ ё этникӣ, динӣ ва забонӣ тааллуқ доранд», ки Комиссия оид ба ҳуқуқи инсони СММ соли 1992 қабул кардааст ва «Конвенсияи ҳудудӣ дар бораи ҳимояи ақаллиятҳои миллӣ», ки Шӯрои Аврупо соли 1994 қабул кардааст.

Дар «Эъломия дар бораи ҳуқуқҳои шахсоне, ки ба ақаллиятҳои миллӣ ё этникӣ, динӣ ва забонӣ тааллуқ доранд», ки бо қарори Ассамблеяи Генералии СММ соли 1992 тасдиқ шудааст, омадааст: «Давлатҳо дар мавридҳои зарурӣ барои таъмини ашхоси ба ақаллиятҳо мансуббуда ҷиҳати дар назди қонун пурра ва самаранок амалӣ намудани тамоми ҳуқуқҳои инсонӣ ва озодиҳои асосиашон бидуни ягон табъиз ва дар асоси баробарии комил чораҳо меандешанд»[1].

Аз таҷрибаи мамлакатҳои ҷаҳон бармеояд, ки иштироки давлат дар ҳамгирошавии ақаллиятҳои этникӣ ба ҷомеа тавассути эътирофи расмиёти махсус, ки боиси таъсиси ниҳодҳои дахлдор ва андешидани тадбирҳо оид ба қабули қарорҳо, амалӣ намудани ваколатҳои қонунгузорӣ ва маъмурӣ, рушди фарҳанги онҳо мегардад, беҳтарин роҳи таъмини адолати иҷтимоӣ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ намояндагони миллатҳои (этносҳои) гуногун зиндагӣ мекунанд ва аз ин рӯ, эътироф ва ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо яке аз муҳимтарин шартҳои рушди демократия, таъмини суботи сиёсӣ ва адолати иҷтимоӣ дар мамлакат ба ҳисоб меравад. Бояд зикр намоем, ки дар мамлакати мо барои ҷалб кардани ақаллиятҳои этникӣ ба ҳаёти ҷамъиятӣ ба онҳо дар баробари риояи ҳуқуқҳои сиёсӣ, инчунин ҳуқуқҳои якхелаи ҳифзи иҷтимоӣ дода шудааст. Ин ҳуқуқ ва озодиҳоро моддаҳои дахлдори Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари қонунгузорӣ кафолат медиҳанд, то ки шаҳрвандон бе ягон маҳдудият дар ҳаёту фаъолияти ҷомеа иштирок намоянд.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[2] нақши хосса ва ё махсуси миллати тоҷик дар бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ алоҳида таъкид нашудааст. Дар ягон моддаи Конститутсия дар бораи бологузорӣ кардани миллати тоҷик нисбати миллату халқиятҳои дигари мамлакат ҳарфе зикр нашудааст, баръакс, эҳтироми баробарӣ ва дӯстии ҳамаи миллату халқиятҳо (гурӯҳҳои этникӣ) эълом карда шудааст. Сокини Тоҷикистон, новобаста аз он, ки намояндаи кадом миллат аст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамаи шаҳрвандони ҷумҳурӣ, новобаста аз нажоду миллат ва баромади иҷтимоии худ, дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлати Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои ҳар як сокини мамлакатро, новобаста аз миллат, нажод, забон ва мазҳабашон кафолат медиҳад. Намояндагони ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳуқуқ доранд, ки аз забони модариашон озодона истифода кунанд. Тибқи Конститутсия, таъсис додан ва фаъолият кардани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ, ки хусумати нажодӣ, миллӣ, иҷтимоӣ ва диниро меангезанд ё барои бо роҳи зӯроварӣ сарнагун намудани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват мекунанд, манъ аст. Ҳар шаҳрванди аз 35 то 65 сола, ки забони давлатиро медонад ва дар қаламрави Тоҷикистон на камтар аз 10 соли охир зиндагӣ дорад, метавонад ба мансаби Президенти ҷумҳурӣ номзад пешбарӣ карда шавад. Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ рушд мекунад. Ҳеҷ як мафкура, аз ҷумла динӣ, наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад. Ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ дахолат карда наметавонанд. Ҳар як инсон

ҳуқуқ дорад мустақилона муносибати худро ба дин муайян намояд, алоҳида ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок кунад. Зикр кардани ин меъёрҳои Конститутсия аз он ҷиҳат муҳим аст, ки онҳо барои танзими одилонаи муносибатҳои байниэтникӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ нақши муассир доранд.

Дар ҳамин асос мақомоти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои гуногуни муколамаи байнифарҳангиро дастгирӣ намуда, барои пойдории эътимоди байни миллатҳо талош меварзад. Давлат муносибати байни умумиятҳои иҷтимоӣ, миллӣ ва дигарҳоро дар асоси принсипҳои баробарӣ дар назди қонун, эҳтироми ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо ба танзим медарорад. Давлат худро барои ҳифзи мероси таърихӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ, рушди озоди фарҳангҳои тамоми умумиятҳои этникии муқими мамлакат масъул мешуморад. Ҳамаи қавму миллатҳои ҷумҳурии мо дар назди қонун баробаранд ва бидуни ҳеҷ гуна маҳдудият ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худ ҳаққи баробар доранд. Ҳар як инсон ҳуқуқ дорад, ки озодона ба созмону иттиҳодияҳо муттаҳид шавад, ҳувияти миллии хешро ҳифз намояд ва дар баробари ин, ҳеҷ кас барои муайян намудану нишон додани ҳувияти миллиаш маҷбур карда намешавад. Барои таҳқири шаъну шарафи миллӣ тибқи қонун ҷазо дода мешавад.

Бояд тазаккур диҳем, ки ҳанӯз дар солҳои 1989-1993 дар асоси қонунҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ дар қаламрави мамлакат якчанд ҷамъиятҳои миллӣ созмон ёфта буданд. Чунончи, дар он марҳала 12 адад ҷамоаҳои миллӣ-этникӣ аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд, инчунин 4 ҷамоаи сабтиномнашуда низ фаъолият мекарданд [3]

Дар марҳалаи ҳозира бошад, намояндагони ақаллиятҳои миллӣ дар Тоҷикистон бо такя ба қонун «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ»[4] ҷамъиятҳои худро дар шакли иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таъсис додаанд, ки ниёзҳои фарҳангии намояндагони ақаллиятҳои миллиро қонеъ мегардонанд. Дар як ҳисоботи Тоҷикистон ба Комиссияи САҲА оид ба ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ, ки чанд сол пештар муаррифӣ шуда буд, омадааст: «Муҳити нави сиёсии даврони истиқлолият имкон дод, ки барои ҳифзи забон, фарҳанг ва анъанаҳои ақаллиятҳои миллӣ, барои рушди ҳувияти миллию этникии онҳо тамоми шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад. Ақаллиятҳои миллӣ дар Тоҷикистон бо такя ба Қонун «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» ҷамъиятҳои худро дар шакли иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ташкил кардаанд, ки ниёзҳои фарҳангии намояндагони ақаллиятҳои миллиро қонеъ мекунанд. Ҳоло шумораи онҳо ба 21 нафар

расидааст ва онҳо ҳамчун аъзои фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва иқтисодии кишвар босамар ширкат меварзанд»[5].

Алҳол ҷамъиятҳои миллӣ-этникӣ ҳамчун аъзои фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакат самаранок иштирок доранд. Инҳо – ҷамъияти гурҷиҳои Тоҷикистон «Сатвистомо Иберия», Маркази миллӣ-фарҳангии тотору бошқирдҳо «Дуслык», Ҷамъияти туркманҳои Тоҷикистон, Ҷамъияти осетинҳои Тоҷикистон «Иристон», Ҷамъияти осетинҳои Тоҷикистон «Алания», Ҷамъияти қирғизҳои Тоҷикистон, Ташкилоти ҷамъиятии «Ҷамъияти ӯзбекони Ҷумҳурии Тоҷикистон», Ҷамоаи олмониҳо дар ш. Бохтар, Ташкилоти ҷамъиятии «Шӯрои ҳамватанони руси Тоҷикистон», Ҷамъияти доғистониҳо «Анжи», Ассотсиатсияи кореягиҳои шӯравии Тоҷикистон, Ташкилоти ҷамъиятии тоторҳои Тоҷикистон «Умет», Ҷамъияти арманиҳо ба номи Месроп Маштотс, Ассотсиатсияи уйғурҳои Тоҷикистон, Ҷамъияти қазоқҳо «Байтерек», Ташкилоти ҷамъиятии «Иттифоқи ҷавонони ҳамватанони руси Ҷумҳурии Тоҷикистон», Ташкилоти ҷамъиятии ҳамватанони Русия дар ДСРТ «Светоч», Ташкилоти ҷамъиятии «Фонди русиягии рушди ахлоқӣ, зеҳнӣ ва миллӣ» ва дигарҳо мебошанд.

Ин марказҳои миллӣ-фарҳангии ташкилшудаи ҷомеаҳои ақаллиятҳои этникӣ ба ҳайси ниҳодҳои фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши назар доранд. Аз рӯи таъиноти функсионалии худ, чунин иттиҳодияҳои миллӣ-фарҳангӣ бояд вазифаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ ва иҷтимоӣ-гуманистиро иҷро карда, гурӯҳи одамоне, ки ҳамтабориашонро дар таърих, дар фарҳанг, расму ойин ва забон эҳсос мекунанд, пайванд намоянд. Ин шароит, дар навбати худ, ба онҳо имконият медиҳад, ки арзишҳои этникӣ-фарҳангӣ, тамоюли анъанавии ҳаёти хоҷагидорӣ, забони модарӣ ва таълиму тадрис бо забони модариашонро ҳифз кунанд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» омадааст: «Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, ба истифодаи озоди забони модариашон ҳуқуқ доранд»[6]. Инчунин дар қонуни дигар муқаррар карда шудааст, ки давлат ба шаҳрвандони мамлакат «новобаста ба миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ, ҳуқуқ ба таҳсилро кафолат медиҳад»[7].

Риоя шудани қонунҳои мазкурро, аз ҷумла, ҳамин далел собит месозад, ки дар Тоҷикистон 89% мактаббачагон бо забони тоҷикӣ таҳсил мекунанд, 4,4% хонандагони мактабҳои миёна бо забони русӣ, 6%-и дигар бо забони ӯзбекӣ, 0,4% ба забони қирғизӣ, 0,1% бо забони туркманӣ ва 0,1% бо забони англисӣ таҳсил мекунанд. Ғайр аз мактабҳое, ки бо

забонҳои русӣ, ӯзбекӣ, қирғизӣ ва туркманӣ таҳсил мекунанд, инчунин як мактаб бо забони дарӣ барои фарзандони гурезаҳои афғон дар Тоҷикистон фаъолият мекунад[4].

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар моддаи 6-и қонун «Дар бораи фарҳанг» ҳуқуқҳои ақаллиятҳои миллӣ махсус таъкид карда шудааст: «Намояндагони ҳама гуна ақаллиятҳои миллӣ ва этникӣ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагонӣ мекунанд, ба нигоҳдорӣ, густариш ва ҳифзи фарҳанги миллии хеш, ташкили корхона ва муассиса, иттиҳодия, марказ ва ҷамъиятҳои миллии фарҳангӣ ҳуқуқ доранд»[8].

Дар ин заминаи ҳуқуқӣ алҳол дар Тоҷикистон 16 театри давлатӣ фаъолият дорад. Аз ин теъдод, намоишномаҳои худро 11 театр бо забони тоҷикӣ, 3 театр ба забони русӣ (ба номи В. В. Маяковский дар шаҳри Душанбе, Театри драмавии ба номи Пушкин дар шаҳри Хуҷанд ва театри лӯхтак дар шаҳри Бӯстон), 1 театр бо забони ӯзбекӣ (дар ноҳияи Спитамен) пешкаши мухлисони худ менамоянд. Дар Душанбе, Конибодом, Турсунзода, Бӯстон, Дӯстӣ, Лахш, Спитамен, Ҷаббор Расулов ансамблҳои бадеии эҷодии халқҳои ӯзбек, рус, қирғиз, туркман, корея ва озарбойҷон фаъолият доранд, ки ҳангоми чорабиниҳои фарҳангӣ бо шуъбаҳои фарҳанги вилоятҳо ва ноҳияҳо ҳамкорӣ мекунанд.

То 1 январи соли 2011 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 412 рӯзнома, маҷалла ва оҷонсиҳои иттилоотӣ сабти ном шуда буданд, ки аз он 268 рӯзнома, 136 маҷалла мебошанд. Аз ин нашрияҳо 34-тоаш бо забони русӣ, 10-тоаш бо забони ӯзбекӣ, 1-тоаш бо забони қирғизӣ, 260-тоаш омехта бо забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, русӣ ва ғайра нашр мешуданд. Бар замми ин, дар ҷумҳурӣ 8 оҷонсии иттилоотӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мавҷуданд. Дар васоити ахбори электронӣ низ барои пахши барномаҳои гуногун вақт ҷудо карда шудааст[5].

Дар баробари ин, мусаллам аст, ки барои таъмини адолати иҷтимоӣ таваҷҷуҳ кардан ба омилҳои таъсирбахши иқтисодӣ низ муҳим аст. Бидуни шубҳа, маҳз он яке аз омилҳои муҳим дар тавсеаи сиёсатгузориҳои иҷтимоӣ ба шумор меравад. Дар системаи амалкунандаи иҷтимоии мамлакатамон ҳукумат ва корфармоён ба хубӣ дарёфтаанд, ки маблағгузориҳо дар бахшҳои иҷтимоӣ боиси афзоиши сифату самаранокии нерӯи корӣ, коҳиш додани заминаи нобасомониҳо ва ғайра мегардад.

Яке аз омилҳои мусоидаткунанда ба некӯаҳволии мардум ин инкишоф додани соҳибкории хурду миёна дар мамлакат мебошад. Дар ин самт эълони шудани соли 2018 ҳамчун «Солҳои рушди туризм ва ҳунарҳои мардумӣ» ва солҳои 2019-2021 ҳамчун солҳои «Рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» муаррифии ҳунарҳои анъанавии халқҳои муқими мамлакатамонро таъмин намуда, барои дар бозор ҷой ёфтанашон замина

фароҳам овард. Ба шарофати ин чорабинӣ, аксари занон-намояндагони ақаллиятҳои этникӣ соҳиби шуғл ва даромад гардиданд. Агар пеш аз ин як қисми аҳолӣ қариб, ки аз мубодилоти иқтисодӣ берун монда буданд, пас акнун фаъолона дар он ширкат меварзанд ва аз самараҳои иқтисодии чунин тарзи хоҷагидорӣ низ зиндагии худро то андозае таъмин менамоянд. Чунин ҳолат дар маҷмуъ, дараҷаи некӯаҳволии мардуми кишварро боло мебарад.

Аз ин рӯ, имрӯз ҳамгирошавии иқтисодӣ дар ҳаёти мамлакат барои татбиқи адолати иҷтимоӣ нисбати намояндагони ақаллиятҳои этникӣ низ нақши муҳим дорад, зеро он ба риояи якхелаи ҳуқуқҳои онҳо мусоидат намуда, дар нисбати гурӯҳҳои дигари этникӣ (ва ё ақаллиятҳои миллӣ) воқеан вайрон карда намешавад. Табиист, ки чунин имкониятҳоро намояндагони ақаллиятҳои гуногуни этникӣ фаъолона истифода мебаранд. Масалан, баъди татбиқи чорабиниҳои зиёди ислоҳоти иқтисодӣ, намояндагони зиёди ақаллиятҳои миллӣ хоҷагидории худро таъсис дода, маҳсулоти худро ба бозори дохилию берунӣ пешниҳод карданд. Яъне онҳо бе маҳдудият, ба таври инфиродӣ шуғлҳои гуногунро пеша намуда, сатҳи зиндагии оилаи худро беҳтар гардондаанд.

Аз мушоҳидаҳо, инчунин аз мусоҳиба бо намояндагони ақаллиятҳои этникӣ бармеояд, ки онҳо дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолона иштирок менамоянд, дар рушди ҷомеа манфиатдор ҳастанд, аз сиёсати адолатпарваронаи давлат қаноатманд мебошанд.

Дар ҷамъбаст бояд зикр кунем, ки ҳоло низ, дар пасманзари тағйироти дар ҳаёти ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйдиҳанда, масъалаи ҷустуҷӯи роҳҳои тақвият бахшидани муносибатҳои одилонаи байни гурӯҳҳои этникӣ муҳим боқӣ мемонад. Вобаста ба ин, хусусияти тадбирҳои аз тарафи худи мардуми мамлакат ҷустуҷӯ ва интихоб намудани қолаби нави амалу рафтори муносиб дар шароити тағйирёбандаи ҳаёти ҷамъиятӣ бараъло ошкор мегардад.

АДАБИЁТ

1. Декларация о правах лиц, принадлежащих к национальным или этническим, религиозным и языковым меньшинствам. Принята резолюцией 47/135 Генеральной Ассамблеи от 18 декабря 1992 года. – Ст. 4, п. 1. [Электронный ресурс]. – URL: https://www.un.org/ru/documents/decl-_conv/declarations/minority_rights.shtml (дата обращения 02.12.2021)

2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, «Нашриёти Ганҷ», 2016. – 136 с.

3. Мадаминджанова З. Этносы Таджикистана: реальность перспективы развития 2008 [Электронный ресурс]. – URL:

http://www.naison.tj/ ISTORIA/etnos/ etnos.shtml (дата обращения 02.12.2021)

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» [Манбаи электронӣ]. – URL: https://majmilli.tj/қонуни-ҷт-дар-бораи-иттиҳодияҳои-ҷамъ/ (санаи мурочиат 06.12.2021)

5. Положение национальных меньшинств в Таджикистане [Электронный ресурс]. – URL: https://www.osce.org/files/f/documents-/f/b/83431.pdf (дата обращения 06.12.2021)

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Манбаи электронӣ]. – URL: http://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-забони-давлатии-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи мурочиат 20.12.2021)

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [Манбаи электронӣ]. – URL: https://majmilli.tj/қонуни-ҷт-дар-бораи-маориф/ (санаи мурочиат 20.12.2021)

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» [Манбаи электронӣ]. – URL: http://komron.info/crp/Farhangi-Cumhurii-Tocikiston_crp/ (санаи мурочиат 24.12.2021)

РАВНОПРАВИЕ НАЦИОНАЛЬНЫХ МЕНЬШИНСТВ КАК НОРМА СОЦИАЛЬНОЙ СПРАВЕДЛИВОСТИ В ГРАЖДАНСКОМ ОБЩЕСТВЕ ТАДЖИКИСТАНА

НАЗАР МУЪМИН АБДУДЖАЛОЛ,
кандидат философских наук, доцент, директор Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова
Национальной академии наук Таджикистана
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 33;
тел.:(+992) 918-99-12-71; e-mail: mumin.nazar.67@mail.ru

В статье рассматривается статус национальных меньшинств и условия их жизнедеятельности в таджикистанском обществе. На основе анализа положений действующих законов, документов и конкретных фактов из реалий общественной жизни автор показывает, что соблюдение равноправия представителей национальных меньшинств, проживающих в Таджикистане, способствует обеспечению социальной справедливости в обществе и создаёт условия по интегрированию национальных меньшинств в общественную жизнь. Отмечается, что государство играет важную роль в процессе интеграции национальных меньшинств в общественную жизнь.

Ключевые слова: *социум, национальные меньшинства, национально-этнические общества, интеграция, общественная жизнь, социальная справедливость, закон, право, свобода, государство, Таджикистан.*

EQUALITY OF NATIONAL MINORITIES AS A NORM OF SOCIAL JUSTICE IN CIVIL SOCIETY OF TAJIKISTAN

NAZAR MUMIN ABDUJALOL,
Candidate of philosophical sciences, associate professor, Director of Institute of philosophy, political science and law named after A.Bahovaddinov of the National academy of sciences Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 33;
tel.:(+992) 918-99-12-71; e-mail: mumin.nazar.67@mail.ru

The article examines the status of national minorities and the conditions of their life in the Tajik society. Based on the analysis of the provisions of existing laws, documents and specific facts from the realities of public life, the author shows that the observance of equality of representatives of national minorities living in Tajikistan contributes to ensuring social justice in society and creates conditions for the integration of national minorities into public life. It is noted that the state plays an important role in the process of integration of national minorities into public life.

Keywords: *society, national minorities, national-ethnic societies, integration, public life, social justice, law, law, freedom, state, Tajikistan.*

УДК: 004.942

МАВҚЕИ ИНТЕРНЕТ ВА МАРҲИЛАҲОИ РУШДИ ОН:МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО (ДАР МИСОЛИ ТОҶИКИСТОН)

ШАРИПОВА МАНЗУРА САИДЧОЕВНА,
магистри курси дуюми Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носиров 33;
тел.:(+992) 900-08-41-62; e-mail:saidshozoda97@gmail.com

Дар мақола сухан дар бораи интернет ва марҳилаҳои рушди он дар Тоҷикистон меравад. Дар сососи маълумотҳои омории сарчашмаҳо, амсилаи математикӣ ва регресиони таҳия гардид, ки барои пешгӯии ояндаи рушди Интернети Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода кардан мумкин аст. Амсилаи хатии регресионӣ таҳиягардида нишон медиҳанд, ки Интернет дар Тоҷикистон рушд ёфта истодаст, аммо дар баробари он мушкилот дар самти , дастрасӣ ва суръати пасти он ҷой дорад, ки дар раванди пайвастшави ба интернет ва хизматрасониҳои электронӣ, ки тавассути интернет ба роҳ монда мешавад мушкили эҷод менамоянд.

Калидвожаҳо: *Интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, амсилаи хатии регресионӣ, ҳукумати электронӣ, хизматрасонии электронӣ.*

Дар масири ҳастии хеш инсоният ҳамчун мавҷудоти соҳибтафаккур ва офарандаи тамаддун, ҳамеша дар пайи офариниш ва рушди ақлҳо буда, ба воситаи омӯзиш, таҳқиқ ва татбиқи илм дар истеҳсолот тавонист дар баробари олами воқеъи олами дигаре бо ном фазои маҷозӣ “virtual environment” [1] офарад.

Кашфи интернет падидаи ҷолибу ғайричашмдоштест, ки тавонист тамоми оламро фаро гирифта, дар ҳама самти ҳаёти инсоният таъсиррасон гардад. Аз ҷумла дар пайдо гардидани ҳукумати электронӣ, ки ба пайдошавии хизматрасониҳои электронӣ, мусоидат намуда дар дастрасии одамон ба иттилоот имкониятҳои беназиреро фароҳам овард.

Дар ҳоли ҳозир одамон тавассути дилхоҳ воситаи техникӣ, ба осони вориди Интернет гардида, метавонад муносибату муоширатро ба роҳ монда, дар бораи ҳар гуна раванду ҳодисаҳои олам иттилоъ дарёфт ва изҳори андеша менамоянд. Дар раванди босуръати технологияи муосир Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи олам наметавонад, аз таъсири торҳои печ дар печи “анкабути ҷаҳонӣ” [2] бетаъсир монад.

Пайдоиши интернет натиҷаи тадқиқоти илмии олимони амрикоӣ мебошад. “Соли 1957 олимон аввалин мушаки Заминро ба кайҳон сар доданд, ки он барои пайдоиши Интернет замина гузошт.” [3]

“Мақсади асосии таъсиси интернет дастгирии татқиқотҳои илмии соҳаи саноати ҳарбӣ аз ҷумла тадқиқи усулҳои сохтани шабакаҳои

осебнопазири дар шароити ҳассос тобовар ва ба таври мураттаб фаолияткунанда иборат буд.”[4]

Тадқиқоти бардавоми олимон, дар раҳи рушди техника ва технология омили пайдошавии наслҳои нави интернет гардид. Имруз дар харитаи ҷаҳон қариб давлате, вуҷуд надорад, ки сокинонаш аз интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ истифода набаранд. Бинобар гузориши, Маркази тадқиқоти ҷаҳонӣ оид ба вазъи технологияи рақамӣ We Are ва Hootsuite Digital 2022[5], ки охири моҳи январи соли 2022 интишор гардид “ Дар аввали моҳи январи соли 2022 аз 7, 91 миллиард аҳолии ҷаҳон 5,31 миллиард нафар, ё 67, 1 фоизи аҳолии курраи замин аз телефони мобилӣ истифода мебаранд ва шумораи истифодабарандагони интернет дар саайёра ба 4,95 миллиард, яъне 62,5% аҳолии ҷаҳон расида, шумораи корбарон дар соли 2021 192 миллион нафар (4%) афзудааст. Дар ин баробар теъдоди корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ беш аз 10% афзоиш ёфта, ба 4,62 миллиард нафар расидааст, ки 58,4% шумораи умумии аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳад.

Рушди босуботи интернет ва дар заминаи он пайдо гаштани шабакаҳои иҷтимоӣ мушкилоти сарҳаду ҳудуд ва масофаро аз байн бардошт. Барқарорнамоии муоширати бе монеаи одамон байни хешовандону наздикон аз як давлат бо давлати дигар ба воситаи ҳар гуна шабакаҳои иҷтимоӣ нишондиҳандаи авҷи аълои равнақи интернет ва технологияи муосир маҳсуб меёбад ва дар ин раванди бошитобӣ технологияи комуникатсионӣ Тоҷикистони соҳибистиқлол чун қисми ҷудонопазири ҷомеъаи ҷаҳонӣ канор будан наметавонад. Марҳилаи пайвастшавии Тоҷикистон ба интернет аз соли 1995 оғоз мегардад. Пайдоиши интернет дар Тоҷикистон ба раванди инкишофи технологияҳои иртиботию иттилоотӣ алоқаманд мебошад. Соли 1995 «CADA» (Агентии оид ба рушди ОМ) хизматрасонии почтаи электрониро шурӯъ намуд. 11 декабри соли 1997 дар фазои маҷозӣ домени расмии Тоҷикистон “TJ”[6] ба қайд гирифта шуда соли 1998 аввалин провайдери интернетрасон дар кишвар «Телеком технолоҷӣ» расонидании оммавии интернетро сар кард, ки аввалин провайдери интернетрасон ба ҳисоб меравад.[7] Зери ин домен то имрӯз бештар аз 6700 сомона ба қайд гирифта шудааст. Ҳамчунин 12 оператори провайдерҳои хизматрасониҳои интернетӣ фаъолият доранд, ки хизматрасониҳо гуногунро пешниҳод мекунанд. Тоҷнет сегменти миллии доменҳо сиёсати давлатиро дар самти бақайдгирии сомонаҳои интернетӣ мушаххас мекунад.”

Давоми чанд соли аввал, бинобар набудани инфрасохтори комуникатсионӣ интернет тариқи маҳворагӣ пайваст мешуд ва хело нархи гарон дошт з-ин сабаб дастраси ҳама сокинони кишвар набуд. «Дар даврaҳои аввал муштариёни хизматрасонии интернетӣ сафоратҳои кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ, бонкҳо ва ғайраҳо буданд. Ин гуна маҳдудият ба нархи баланди хизматрасонӣ бо сабаби пайвасткунии шабака аз роҳи алоқаи моҳворагӣ ва ҳамчунин набудани инфрасохтори муосири коммуникатсионӣ марбут буд»[8].

Марҳилаи рушди босуръати интернет дар Тоҷикистон соли 2005 ҳангоме, ки нахустин бор дар ҷаҳон, намуди хизматрасонии олитари интернет стандарти 3G (UMTS, CDMA 2000) ба роҳ монда шуда, муаррифӣ ва муваффақона озмоиш гардида буд ба ҳисоб меравад.

Солҳои охир, дар Тоҷикистон ширкатҳои гуногун—ҶСП «Индиго Тоҷикистон»(«Tcell»), ҶСП«ТТ-Мобайл» («МегаФон Тоҷикистон»), ҶСП «Вавилон Мобайл» ва ҶДММ «Таком» («Zet Mobile», собиқ Beeline»), «Тоҷиктелеком», «Телеком-технолоджи», хизматрасониро дар бозори алоқаи мобилии телефонӣ ба ӯҳда доранд.[9]

Соли 2016 бо сарпарастии Бонки ҷаҳонӣ лоиҳаи “Digital CASA”[10], таҳия гардид, ки мақсадаш муҳийёсозии инфрасохтори технологияи комуникатсиони ва барқарорнамоии робитаҳои судманди давлатҳои Осиёи миёна бо кишварҳои Аврупо тариқи итернет буд,ки дар марҳилаи муайяне бояд, Тоҷикистон, Афғонистон, Узбекистон, Қирғизистон ва Қазоқистонро бо хати нахи оптикӣ пайваст намуда таъминкунандаи интернети босифат ва арзон гардад.

Дар таҳқиқоти сотсиологие, ки соли 2019 аз тарафи Ташкилоти ҷамъиятии «Медиа консалтинг» дар ҳамкорӣ бо Вазорати фарҳанг ва Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази тадқиқоти сотсиологии «Зеркало» сурат гирифта шуда буд, омадааст, ки аз 100 фоиз пурсидашудагон 47,6 фоиз корбари интернет мебошанд. Аз миёни пурсидашудаҳои корбарони интернет 55,9 фоизро мардон ва 39,3 дарсадро занон ташкил медодааст. Дар шаҳрҳо 58,6 ва дар деҳот 43,4 фоиз худро истифодабарандаи шабака номиданд. Аз назари синну сол бошад, бештарин шумораро ҷавонони синни 18-24(69,3%) ташкил додааст.”[14].

Бо мақсади мушаххаснамоии вазъи интернет дар кишвар моҳи марти соли 2022 назарсанҷии сариҳоҳи ташкил намуда, ибрози андешаи зиёда аз сӣ нафарро вобаста ба интернет ва хизматрасониҳои электронӣ пурсидем, аз 100% пурсидашудагон, 70% аз суръати паст ва гаронарзишии интернет, шикоят намуда, 10% фоиз гуфтанд аз интернет танҳо шабакаҳои иҷтимоиро истифода мебаранд (вобаста ба дигар хизматрасониҳои интернети маълумот надоранд), 17%-и пурсидашудагон худро истифодабарандаи фаъоли интернет ва хизматрасониҳои электронӣ муаррифӣ карданд, 3% -и дигар гуфтанд аз интернет истифода намебаранд. Бояд қайд намуд, ки воситаи пайвастшавӣ ба интернети 91% -и пурсидашудагон телефонҳои мобилӣ буда 9%-и дигар тариқи компютер бо интернет пайваст мешаванд.

Тибқи гузориши солонаи Digital 2022 дар аввали моҳи январи соли 2021 3,36 миллион шаҳрванди Тоҷикистон корбари интернет мебошад. Теъдоди корбарони интернет дар Тоҷикистон дар давоми як сол аз моҳи январи соли 2020 то моҳи январи 2021 948 ҳазор (+39%) афзоиш ёфтааст.[15] Яъне шаҳрвандони Тоҷикистон дар марҳилаи пайвастшавӣ ба шабакаи ҷаҳонии интернет қарор доранд.

Ҷадвали 1.

Гузориши солонаи Digital 2022 оиди истифодабарандагони Интернет

	Шумораи муштариёни интернет	Фоиз (%) нисбат ба соли гузашта	Шумораи муштариёни алоқаи мобилӣ	Фоиз (%) нисбат ба соли гузашта	Шумораи муштариёни фаъол	Фоиз (%) нисбат ба соли гузашта
2013	3800453	100,0	10912080	100,0	6458200	100,0
2014	3362272	88,5	11535711	105,7	6826700	105,7
2015	2851871	84,8	9911354	85,9	5000010	73,2
2016	2377477	83,4	8681092	87,6	4416600	88,3
2017	2514763	105,8	6287119	72,4	3967000	89,8
2018	3045720	121,1	6798512	108,1	4585000	115,6
2019	3219255	105,7	6115693	90,0	4838920	105,5
2020	3346420	104,0	6072126	99,3	5434000	112,3
9-моҳи соли 2021	3307750	98,8	6199930	102,1	5164520	95,0

Дар асоси сарчашмаҳои бадастомада ва оморҳои расмӣ бо истифода аз амсилаи регресионӣ мебинем, ки дар даҳ соли охир рушди интернети кишвар чи гуна аст ва дурнамои он чи гуна хоҳад буд. Аз рӯи маълумотҳои пешакӣ ҷадвали зеринро дида мебароем.

Ҷадвали 2.

Маълумотҳои омории истифодабарандагони интернет

№	Солҳо	Шумораи муштариёни интернет
1	2013	3800453
2	2014	3362272
3	2015	2851871
4	2016	2377477
5	2017	2514763
6	2018	3045720
7	2019	3219255
8	2020	3346420
9	9-мохи соли 2021	3307750

Дар асоси додашудаҳои экспременталӣ: солҳо (X_i, i =1,…,9) ва шумораи муштариёни интернет (Y_i, i =1,…,9) амсилаии хатии регресионо муайян мекунем. Намуди умумии амсила хатии регресионӣ чунин аст: $Y^p = A_0 + A_1X$ (1), ки дар ин ҷо Y^p қимати пешгӯии амсилаи регресионӣ мебошад(расми 1).



Расми 1. Амсилаи хаттии регресионӣ

Дар асоси формулаҳои (2) ва (3) A_0 ва A_1 – ро ҳисоб мекунем.

$$A_0 = \frac{\sum_{i=1}^{n} Y_i \sum_{i=1}^{n} X_i^2 - \sum_{i=1}^{n} X_i \sum_{i=1}^{n} Y_i X_i}{n\sum_{i=1}^{n} X_i^2 - \left(\sum_{i=1}^{n} X_i\right)^2},$$

$$A_1 = \frac{n\sum_{i=1}^{n} Y_i X_i - \sum_{i=1}^{n} X_i \sum_{i=1}^{n} Y_i}{n\sum_{i=1}^{n} X_i^2 - \left(\sum_{i=1}^{n} X_i\right)^2},$$

Барои ҳисоби қимати A_0 ва A_1 аз ҷадвали 3 истифода мекунем.

Ҷадвали 3.

Ҳисоби суммаҳо

I	Солҳо ($\sum X_i$)	Шумораи муштариёни интернет($\sum Y_i$)	$\sum X_i^2$	$\sum X_i * Y_i$
1	2013	3800453	4052169	7650311889
2	2014	3362272	4056196	6771615808
3	2015	2851871	4060225	5746520065
4	2016	2377477	4064256	4792993632
5	2017	2514763	4068289	5072276971
6	2018	3045720	4072324	6146262960
7	2019	3219255	4076361	6499675845

8	2020	3346420	4080400	6759768400
9	2021	4410333	4084441	8913283667
∑	18153	28928564.33	36614661	58352709237

Қиматҳои A0 ва A1-ро дар формулаи (1) гузошта муодилаи хатиро ҳосил мекунем, ки чунин намудро дорад.

Y=-124360169 + 63250*X

Дар асоси муодилаи хаттӣ шумораи истифодабарнадагони интернетро дар 9 соли оянда пешгӯи мекунем, ҷадвали 4.

Ҷадвали 4.

Пешгуии истифодабарнадагони интернет дар солҳои 2022 -2030

2022	3530533
2023	3593783
2024	3657032
2025	3720282
2026	3783531
2027	3846781
2028	3910031
2029	3973280
2030	4036530

Бо назардошти рушди босуръати технологияи муосир нақши интернет дар ҳаёти инсони асри техника руз аз руз беш аз пеш афзунтар мегардад. Дар ин марҳилаи ҳассоси пайвастшави ба хати ягонаи ҷаҳони маҷозӣ, ки ҳамарӯза навъҳои гуногуни хизматрасониҳои беназирро пешниҳод менамояд мардуми тоҷик наметавонанд канор бимонанд. Дар асоси назарсанҷиҳо ва сарчашмаҳои муътамади пешниҳодгардида, қазават метавон намуд, ки бо вуҷуди пешравиҳои назаррас дар самти техникаю технологияи муосир то ҳол дар самти дастрасии интернет мушкилиҳо ба назар мерасанд. Дар самти рушди босуботи хизматрасониҳои электронӣ, ки имкониятҳои беназиреро фароҳам меоранд дар “Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ”[17] нуқтаҳои муҳиму созандае, оварда шудаанд. Агар бахши давлатӣ ва сохторҳои уҳдадор дар асоси муқаррароти пазируфташуда, рисолати хешро дар муҳлати муайян иҷро кунад, пас дар наздиктарин фурсат, бо ҷорӣ гардидани низоми нави идоракунӣ Ҳукумати электронӣ мушкилотҳои мавҷудаи самти хизматрасониҳои интернетӣ, аз байн хоҳанд рафт.

АДАБИЁТ

1. https://harvest.usask.ca/handle/10388/etd-09102009-012757 (санаи мурочиат 4.01.22)
2. https://allinweb.ru/informatika/44208/(санаи мурочиат 4.01.22)
3. https://tg.wikipedia.org/wiki/Интернет (санаи мурочиат 6.01.22)
4. https://durahshon.tj/fan/view_post.php?id=162(санаимурочиат 6.01.22)

5. https://www.sostav.ru/publication/we-are-social-i-hootsuite-52472.html (санаи мурочиат 6.01.22)
6. https://ru.wikipedia.org/wiki/.tj#%D0%98%D1%81%D1%82%D0%BE%D1%80%D0%B8%D1%8F(санаи мурочиат 7.01.22)
7. Пажӯҳиши омодагии электронии Тоҷикистон. – Душанбе, 2010, – С.11
8. Пажӯҳиши омодагии электронии Тоҷикистон. – Душанбе, 2010, – С.16
9. https://khovar.tj/2017/08/il-om-on-atoev-tedodi-istifodabarandagoni-intnrnet-dar-to-ikiston-ba-2-3-mln-nafar-rasid/(санаи мурочиат 14.01.22)
10. https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/economic/20200806/digital-casa-i-tadzhikistan-kogda-zhdat-skorostnogo-i-deshyovogo-interneta
11. https://www.internetlivestats.com/internet-users-by-country/(санаи мурочиат 18.01.22)
12. https://sputnik-tj.com/20210227/tojikiston-internet-surat-1032900621.html(санаи мурочиат 29.01.22)
13. https://repost.uz/bistro-i-deshevo?utm_source=yxnews&utm_medium=desktop&utm_referrer=https%3A%2F%2Fyandex.ru%2Fnews%2Fsearch%3Ftext%3D(санаи мурочиат 1.02.22)
14. https://tnu/tj/index.abdu-alilovfirdavs-nizomovich/саҳ: 42 (санаи мурочиат 1.02.22)
15. https://datareportal.com/reports/digital-2021-tajikistan(санаи мурочиат 1.02.22)
16. https://maorif.tj/storage/Dokument's/Barnomaho/6675e4fc7e70b56b2ad8e190dfa75259.pdf(санаи мурочиат 14.03.22)

ПОЛОЖЕНИЕ ИНТЕРНЕТА И ЭТАПЫ ЕГО РАЗВИТИЕ ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ (НА ПРИМЕРЕ ТАДЖИКИСТАНА)

ШАРИПОВА МАНЗУРА САИДЧОЕВНА,
магистрант 2 курса магистратуры Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Таджикистан, г. Душанбе, ул.Саида Носира 33;
тел.:(+992) 900-08-41-62; e-mail:saidshozoda97@gmail.com

Статья посвящена Интернету и этапам его развития в Таджикистане. На основе статистических данных других источников была разработаны математическая регрессионная модель, которые можно использовать для прогнозирования будущего развития Интернета в Республике Таджикистан. Разработанная линейная регрессионная мо-

дель показывает, что Интернет в Таджикистане развивается, но в то же время есть проблемы с направлением, доступом и низкой скоростью, которые создают проблемы в процессе подключения к Интернету и оказанию электронных услуг через Интернет.

Ключевые слова: *Интернет, социальные сети, регрессионная линейная модель, электронное правительство, электронные услуги.*

THE POSITION OF THE INTERNET AND THE STAGES OF ITS DEVELOPMENT. CHALLENGES AND PROSPECTS, (ON THE EXAMPLE OF TAJIKISTAN)

SHARIPOVA MANZURA SAIDCHOEVNA,
second-year master's student of the Master's
Department of the Academy of Public Administration
under the President of theRepublic of Tajikistan,
734003, Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir street 33,
tel .:(+992)900-08-41-62; e-mail:saidshozoda97@gmail.com

The article discusses the Internet and the stages of its development in Tajikistan. Based on the statistical data of the sources, a mathematical model and regression were developed that can be used to predict the future development of the Internet in the Republic of Tajikistan. The linear regression model shows that the Internet in Tajikistan is developing, but at the same time there are problems with direction, access and low speed, which create problems in the process of connecting to the Internet and providing electronic services through the Internet.

Keywords: *Internet, social networks, linear regression model, e-government, e-services*.

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В Вестнике Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан «Таджикистан и современный мир» печатаются статьи в области политологии, экономики и социологии, которые являются результатами научно-исследовательских работ Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан и других организаций. Редколлегия журнала обращает внимание авторов на необходимость при направлении статьи в редколлегию строго соблюдать следующие правила:

1. Статьи принимаются по рекомендации главного редактора Вестника или его заместителей.

2. Текст статьи представляется редакционной коллегии в виде файла на съемном диске и бумажном носителе и должен быть подготовлен в текстовом редакторе MS Word, шрифтTimes New Roman 12 пт для статей на русском и таджикском языках. Для компьютеров с Windows XP и любой версией МС Офис необходимо использовать клавиатурный редактор Keyman. Интервал между строками– 1,15. Все листы рукописи должны быть пронумерованы.

3. Размер статьи не должен превышать10 стр. компьютерного текста, включая текст, таблицы, список литературы(не более 15 источников), рисунки, число которых не должно превышать 6. ,

4. Рисунки, диаграммы и фотографии прилагаются отдельно в формате той программы, в которой они выполнены. Диаграммы в форматеExcel, ри сунки и фотографии в форматеJPEG.

Оформление статьи:

1. Титульная страница статьи должна содержать: УДК, Ф.И.О. автора(ов) (полностью), ученая степень и(или) звание, должность, название учреждения(ий), в котором выполнена представленная статья, адреса(почтовый и электронный), номера телефонов, полное название специальности.

2. Сокращение слов, имен, названий не допускается, за исключением общепринятых сокращений мер, физических, химических и математических величин, терминов и т.д.

3. Ссылки на цитируемую литературу даются в тексте статьи в квадратных скобках, например: [1], [1, 3–5]. Список литературы приводится общим списком (под заголовком «Литература») в порядке упоминания в тексте и оформляется следующим образом:

Для книг: фамилия и инициалы автора, полное название книги, том или выпуск, место издания, издательство, год издания, номер страницы или общее количество страниц. Для периодических изданий: фамилия и

инициалы автора, название статьи, название издания, год и номер издания, номер страницы или первая и последняя страницы статьи.

Например:

1. Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. (Методическое руководство). – Душанбе: Авесто, 2009.– С.8.

2. Френсис Фукуяма. Неясность национального интереса// Независимая газета. 1992, 16 октября. -С.3-5.

К статье прилагается резюме на русском, английском и таджикскомязыках(не менее5 строк) и ключевые слова(3–10).

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения рукописей, рекомендовать статьи к депонированию.

Рукописи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Текст присылаемой рукописи является окончательным, должен быть тщательно подготовлен, выверен, без исправлений и подписан автором(ами). Подробную инструкцию по оформлению статей можно скачать на сайте ЦСИ (www.mts.tj) на главной странице в разделе ***ВЕСТНИК– ТАДЖИКИСТАН И СОВРЕМЕННЫЙ МИР.***

Примечание: Позиции авторов и редакционной коллегии могут не совпадать. За правильное использование источников, фактов и цифр ответственность несут авторы.

Адрес редакции: 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 89,
тел.: (+992 37) 221-11-00; (+992 37) 221-16-36
Факс: (+992 37) 221-11-00
E-mail: info@mts.tj

Ба матбаа 21.04.2022 таҳвил гардид. Чопаш 10.05. 2022
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 70х100 1/8.
Ҷузъи чопии шартӣ 36 Адади нашр 100 нусха.
Супориши № 14/21. Нархаш шартномавӣ.

Маҷалла дар чопхонаи ҶДММ «Аржанг» ба табъ расидааст.
ш. Душанбе, кӯчаи С. Шерозӣ – 21